**ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**

**КАФЕДРАИ КОРИ ИҶТИМОИИ ФАКУЛТЕТИ ФАЛСАФА**

**ТДУ 316 (575.3)**

**ТКБ 60.5 (2 тоҷик)**

**Г-78**

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**ГУЛОВ РАҲМОНАЛИ БОБОХОНОВИЧ**

# ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИҶТИМОИИ БО ШУҒЛ ТАЪМИНКУНИИ ХАТМКУНАНДАГОНИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ КАСБӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

**ДИССЕРТАТСИЯ**
**БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ ДОКТОРИ ФАЛСАФА (PHD) – ДОКТОР АЗ РӮЙИ ИХТИСОСИ 6D050100 – СОТСИОЛОГИЯ (6D050104 – СОХТОРИ ИҶТИМОӢ, НИҲОДҲО ВА РАВАНДҲОИ ИҶТИМОӢ)**

**Роҳбари илмӣ:** доктори илмҳои фалсафа, сарходими илмии шуъбаи сотсиологияи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ Қаҳҳоров Ғаюр Ғафурович

**ДУШАНБЕ–2023**

## МУНДАРИҶА

**МУҚАДДИМА.........................................................................................4**

**БОБИ I. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ-МЕТОДОЛОГИИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИҶТИМОИИ БО ШУҒЛ ТАЪМИН НАМУДАНИ ХАТМКУНАНДАГОНИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ КАСБӢ**

1.1.Ҷанбаҳои назариявии омӯзиши технологияҳои иҷтимоии бо шуғл таъминкунии хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ ............18

1.2.Таҷрибаи собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ва кишварҳои Аврупо дар ташкили системаи бо шуғл таъминкунии хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти олӣ.........................................................................................38

1.3. Технологияҳои муосири бо шуғл таъминкунии хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ва касбӣ-техникӣ........................60

**БОБИ II. БО ШУҒЛ ТАЪМИНКУНИИ ХАТМКУНАНДАГОНИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ КАСБӢ ДАР ТОҶИКИСТОН**

2.1.Таҳлили вазъияти хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ дар шароити бозори меҳнат.................................................................84

2.2.Квотакунонии ҷойҳои корӣ дар самти бо шуғл таъминкунии хатмкунандагони имконияти маҳдуддоштаи муассисаҳои таҳсилоти касбӣ ........................................................................................107

2.3.Тарҳсозии системаи бо шуғл таъминкунии хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ...........................................................126

**ХУЛОСА.........................................................................................149**

**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ.......................................................................155**

**ЗАМИМАҲО...................................................................................177**

## Номгӯйи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ

| | |
|---|---|
| БФБМ | - Барномаҳои фаъоли бозори меҳнат |
| БШ | - Бюрои шаҳрӣ |
| ИЧШС | -Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шӯравии Сотсиалистӣ |
| ММХ | - Муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ |
| ММД | - Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ |
| ММК | - Муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ |
| МТОК | - Муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ |
| СММ | -Созмони Миллали Муттаҳид |
| СМРҶТ | - Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ТБМ | -Ташкилоти Байналмилалии Меҳнат |
| ШИ | - Шарикии иҷтимоӣ |
| ШДМ | - Шахсони дорои маъюбӣ |
| ША | - Шурои Аврупо |

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот**. Бо шуғл таъмин намудани хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ имрӯз ба яке аз масъалаи муҳим табдил ёфтааст, чунки дар системаи маориф ҳангоми тайёр кардани мутахассисон талаботи соҳавии касбӣ барои хоҷагии халқ то ҳадди имкон ба назар гирифта намешавад, бо ин сабаб бо шуғл фаро гирифтани онҳо назаррас нест. Бинобар ин, бархе аз хатмкунандагон пас аз гирифтани тахассуси касбӣ бо фаъолияти меҳнатӣ таъмин нагардида, маҷбуранд ба муҳоҷирати меҳнатӣ ба кишварҳои дигар раванд, ки ин омил дар оянда ба ҳалли самараноки масъалаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ таъсири манфӣ мерасонад. Дар баробари ин, қисме аз хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ, бинобар паст будани саводи тахассусиашон наметавонанд бо шуғл таъмин шаванд. Аз ин рӯ, омӯзиш ва таҳлили масъалаҳои бо шуғл фаро гирифтани хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ ва имкониятҳои ҳалли он дар соҳаи идории бо кор таъмин намудани хатмкунандагон хусусияти мубрам гирифтааст.

Бо шуғл таъминкунии хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ нишондиҳандаи беҳтар гардидани сатҳи иҷтимоӣ-иқтисодии аҳолӣ маҳсуб меёбад. Ин амал фаъолияти мувофиқашудаи мақомоти давлатиро бо ташкилот, новобаста ба шакли моликият ва ташкилию ҳуқуқӣ ҷиҳати бо шуғл фаро гирифтани ҷавонон, бахусус, хатмкунандагони муассисаҳои миёна ва олии касбӣ, ҷавонони имкониятошон маҳдуд, ҷавонони аз маҳалли иҷрои ҷазо озодшуда ва шаҳрвандони ҷавоне, ки хизмати ҳарбиро адо кардаанд, талаб менамояд.

Аксар вақт хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбии кишвар дар шароити дигаргуншудаи инкишофи иқтисодӣ-иҷтимоӣ, гарчанде, ки соҳиби маълумот ва ихтисос мешаванд, вале гурӯҳе аз онҳо ба талаботи бозори меҳнат ҷавобгӯ нестанд. Муассисаҳои таҳсилоти касбии кишвар

шумораи зиёди мутахассисонро ба бозори меҳнат ворид мекунанд, ки қисме аз онҳо аз рӯйи ихтисоси гирифтаи худ ба шуғл фаро гирифта намешаванд. Аз ин рӯ, ҳалли босамари ин мушкилот танҳо бо дарёфти технологияҳои иҷтимоии муосир ва ҷалби ниҳодҳои демократӣ бо муассисаҳои истеҳсолию корфармоён имконпазир аст. Бо тағйир ёфтани низоми муносибатҳои меҳнатӣ дар раванди ҷаҳонишавӣ барои кишварҳои пасошӯравӣ, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон дар корхонаҳо ва муассисаҳои истеҳсолӣ, коллективҳои меҳнатӣ таъсири манфӣ расонд.

Бозори меҳнат, муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбиро вазифадор мекунад, ки тахассуси хатмкунандагон бояд ба талаботи соҳаҳои истеҳсолии муосир ҷавобгӯ бошад. Барои таҳқиқ ва омӯзиши масъалаи мазкур дар кишвари мо заминаҳои илмӣ-методологии он ҳалли худро наёфтааст ва омӯзиши масъалаҳои бо шуғл таъминкунии ҷавонони ихтисосманд аз нуқтаи назари иҷтимой-иқтисодӣ падидаи нисбатан нав мебошад.

Таҳлили адабиёти илмӣ аз он гувоҳӣ медиҳад, ки равандҳои таҳсилоти касбӣ ва бо шуғл таъминкунӣ айни замон дар миёни хатмкунандагони муассисаҳои миёнаи ва олии касбӣ яке аз мушкилоти мубрам ва баҳсталаби доираҳои илмӣ маҳсуб ёфта, дар маркази диққати муҳаққиқони соҳаи илмҳои ҷомеашиносии ватанию хориҷӣ қарор дорад. Аммо дар ҷумҳурии мо дар бораи масъалаҳои шуғли хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ таҳқиқ ҷанбаҳои муайяни илмию амалидошта гузаронида нашудааст. Ҳамчунин, нисбати шумораи ҷавононе, ки ҳамасола муассиссҳои таҳсилоти касбиро хатм мекунанд ва таъмини шуғли онҳо дар ташкилоту корхонаҳои давлатӣ маълумоти муайяни расмӣ кам вуҷуд дорад.

Дар асоси масъалаҳои зикршуда мо мубрамияти мавзуи зеринро зарур дониста, онро мавриди омӯзиш ва таҳлили илмӣ қарор додем.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Масъалаҳои иҷтимоии бо шуғл таъминкунии хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ дар корҳои олимони ватаниву хориҷӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Пайдоишу ҷустуҷӯиҳои илмии масъалаҳои технологияҳои иҷтимоӣ, сотсиологияи меҳнат ва шуғл, тақсимоти ҷамъиятии меҳнат, масъалаҳои бекорӣ, ҷойивазкунии захираҳои меҳнатӣ, иҷтимоишавии қувваҳои корӣ, мутобиқшавии касбии захираҳои меҳнатӣ, интихоби касб, тарзи ҳаёт ва масъалаҳои бозори меҳнатро метавон дар асарҳои олимони хориҷӣ пайдо кард. Аз ҷумла, шарҳи масъалаҳои технологияҳои иҷтимоӣ дар корҳои олимони хориҷӣ мисли К. Маркс, Ф. Энгелс, К. Поппер, М. Марков, Н. Стефанов, Г.И. Иконникова[1] таҳқиқ шудаанд, асосҳои методологии таҳқиқи мавзуи шуғлро дар таҳқиқоти олимони соҳаи иқтисодиёт ба мисли А. Смит, Д. Рикардо, Ж.Б. Сей[2] метавон вохурд, масъалаҳои тақсимоти ҷамъиятии меҳнат бошад аз тарафи мутафаккирони соҳаи сотсиология ба мисли К. Маркс, Ф. Энгелс, О. Конт, Э. Дюркгейм, Г. Спенсер, Г. Зиммел, М. Вебер, Дж.М. Кейнс, П. Сорокин, П.Э. Раймонд, Э. Гидденс[3] ва дигарон таҳқиқ карда шудааст.

---

[1]Маркс К. Из ранних произведений [Текст]: / К. Маркс, Ф. Энгелс. – М.: Государственное издательство политической литературы. – 1956. – 699 с.; Энгелс Ф. Манифест коммунистической партии [Текст]: / К. Маркс, Ф. Энгелс. Издательство: Эксмо. – 1848; Поппер К. Современная философия науки: знание, рациональность, ценности в трудах мыслителей Запада. [Текст]: / К. Поппер. Хрестоматия. – М., Логос. – 1996. – 2-е изд. – 400 с.; Марков М. Технология и эффективность социального управления [Текст]: / М. Марков. Перевод с болгарского. Под. ред. док. тех. наук. проф. В.Г. Шорина. Издательство «Прогресс»: – М. 1976. – 272 с.; Стефанов Н. Общественные науки и социальная технология: перевод с болгарского [Текст]: / Н. Стефанов. Издатель. Прогресс. 1976. – 250 с.; Иконникова Г.И Технологические фальсификации общественного процесса [Текст]: / Г.И. Иконникова. – М.: Издательство Мысль.1986. – 141 (2) с.

[2]Адам С. Исследование о природе и причинах богатства народов [Текст]: / А. Смит. – М.:“Эксмо”, (Великие экономисты). 1776. – 197 с.; Рикардо Д. Начала политической экономии и налогового обложения [Текст]: / Избранное соч. / Д. Рикардо; [пер. с англ.; предисловие. П.Н. Клюкина]. – М.: Эксмо. 2008. – 960 с.; Ж.Б. Сей. Начальные основания политической экономии, или Дружеские беседы о производстве, разделении и потреблении богатств в обществе [Текст]: / Ж.Б. Сей. – М., 1828.

[3]Маркс К. Типография О. Мейснера.1867. – 772 с.; Энгелс Ф. Манифест коммунистической партии [Текст]: / К. Маркс, Ф. Энгелс., Издательство: Эксмо, – 1848; Конт О. Курс положительной философии в 6 томах [Текст]: / О. Конт. – С.-Петербург. 1900. – 302 с.; Дюркгейм Э. О разделении общественного труда [Текст]: / Пер. с фр. А.Б. Гофмана, примечания В.В. Сапова. – М.: Канон.1996. – 432 с., (История социологии в памятниках). Спенсер Г. Социальная статика: Изложение социальных законов, обусловливающих счастье человечества [Текст]: / Г. Спенсер. – Санкт-Петербург. 1872. – 471 с.; Зиммел Г. Избранное. Том 1. Философия культуры [Текст]: / Г. Зиммель. – М.: Юрист. 1996. – 671 с.; Вебер М. История хозяйства: очерк всеобщей социальной и экономической истории [Текст]: / М. Вебер. – М.: Издательство: Пг.: Наука и школа. 1923. – 240 с.; Кейнс Дж.М. Общая теория занятосит, процента и денег [Текст]: / Дж.М. Кейнс. Экономическая теория, Издатель: Palgrave Macmillan. 1936.- – 472 с; Сорокин П. Человек. Цивилизация. Общество [Текст]: / П. Сорокин. – М.: Политиздат.1992. – 542 с.; Pahl R.E. Divisionsof

Таҳқиқи масъалаҳои бо шуғл таъминкунии хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ дар корҳои муҳаққиқони рус ба монанди В.Н. Шубкин, В.И. Чупров, Ю.Р. Вишневский, В.Т. Шапко, П.И. Бабочкин, Н.Н. Федотова, Л.В. Широкова[4] инъикос гардидааст.

Муҳаққиқони тоҷик К.Р. Кабутов, М.Н. Назирова[5] масъалаҳои шуғли ҷавононро дар ҷомеа ба таври умумӣ инъикос намудаанд. Оид ба масъалаи тайёр кардани мутахассисон дар кишвар саҳми олимон У.С. Раимдодов, В.Д. Мирбобоев[6], дар масъалаҳои шуғли аҳолӣ Н.М. Давлатбахт, Ф.М. Васиев, С. Шодибек, Э.Н. Сангинов, Р.М. Бобоҷонов, С.Р. Бобоҷонов, Д.Б. Қодиров, М. Ҳимматшо, Б.Х. Баротзода, С.А. Қурбонмамадова, Д.А. Ҳодиев, Х. Расулов, М.Н. Ҳоҷиева, дар масъалаи шуғли маъюбон Н. Алена, Х. Зеваров[7] саҳм гузоштаанд. Масъалаҳои захираҳои меҳнатӣ ва иқтидори

---

Labour [Text]: / R. Pahl. E. – Oxford.1984. – 362 с.; Гидденс Э. Социология [Текст]: / Э. Гидденс. Пер. с англ.; науч.реф. Е.В. Грунт; науч.ред. Л.Н. Коган., Г.Е. Зборовский; пред. Г.Е. Зборовский. – Урало-сибирский региональный дом экономической и научно-технической пропаганды, Уральское отделение Советской социологической ассоциации. 1991. – 276 с.

[4]Шубкин В.Н. О некоторых современных социологических проблемах молодежи [Текст]: / В.Н. Шубкин // Социальные аспекты начала трудовой деятельности молодежи / Отв.ред. В.Н. Шубкин. – М.1995. – 331 с.; Чупров В.И. Молодежь в обществе риска [Текст]: / В.И. Чупров., Ю.А. Зубок., К. Уильямс. – М.: Наука. 2001. – 230 с.; Вишневский Ю.Р. Студент 90-х – социокултурная динамика [Текст]: / Ю.Р. Вишневсикий, В.Т. Шапко // Социол. Исслед. 200. – №12. – С-56-63; Вишневский Ю.Р., Гражданская культура студентов. Тенденции и проблемы формирования [Текст]: / Ю.Р. Вишневский., Д.В. Трынов., В.Т., Шапко. Гражданская // Социологические исследования. 2009, № 4. – С. 108-117; Бабочкин П.И. Проблема становления специалистов в высшей школе (Региональный аспект) [Текст]: / П.И. Бабочкин. – М. 1997. – 120 с.; Федотова Н.Н. Социально-профессиональный статус поствузовской молодежи на рынке труда [Текст]: / Н.Н. Федотова. Саратов. – М: Изд-во Поволж. Межрегион. Учеб. Центра, Саратов.2000. – 60 с.; Широкова Л. В. Планирование профессиональной карьеры [Текст]: / учеб. пособие / Л.В. Широкова; Юго-Зап. гос. ун-т. – Курск. 2019. – 202 с.

[5]Кабутов К.Р. Регулирование занятости молодежи в условиях трудоизбыточности рынка труда (на примере Республики Таджикистан) [Текст]: дисс…кон.экон.наук. / К.Р. Кабутов. – Душанбе. 2022. – 167 с.; Назирова М.Н. Арзишҳои маориф ва нақши он дар ҳаёти ҷавонони муосир (таҳлили сотсиологӣ) [Матн]: / М.Н. Назирова. – Душанбе: “Ирфон”. 2022. – 128 с.

[6]Раимдодов У.С. Совершенствование подготовки рабочих кадров в условиях трансформируемой экономике [Текст]: / У.С. Раимдодов / Маҷаллаи илмии муассисаи давлатии “Пажӯҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ”. – №2(29). – Душанбе. 2016. – С.35-41; Мирбобоев В.Д. Подготовка профессионально-педагогических кадров в контексте модернизации начального профессионального образования Таджикистана [Текст]: / В.Д. Мирбобоев / Маҷаллаи илмии муассисаи давлатии “Пажӯҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ”. – №2(29). – Душанбе. 2016. – С.41-51.

[7]Давлатбахт Н.М. Государственное регулирование рынка труда и занятости сельского населения в условиях рыночной экономики (на материалах Республики Таджикистан) [Текст]: / автореф. дисс…кон. экон. наук. Н.М. Давлатбахт. – Душанбе. 2016. – 25 с.; Васиев Ф.М. Формирование организационно-экономического механизма занятости населения в условиях рыночной экономики: теория, методология, практика (на материалах Республики Таджикистан) [Текст]: дисс. док. эконом. наук / Ф.М. Васиев – Душанбе. 2019. – 262 с.; Шодибеки С. Совершенствование управления процессами занятости в промышленности (на материалах Республики Таджикистан) [Текст]: / дисс. конд. экон. наук. / С. Шодибек. – Душанбе. 2020. – 184 с.; Сангинов Э.Н. О проблмеах рынка труда и занятости населения в Республики Таджикистан [Текст]: / Э.Н. Сангинов., М.А. Сангинова / Маҷаллаи илмии муассисаи давлатии “Пажӯҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ”. – №2(21). – Душанбе. 2014. – С.20-27; Бобоҷонов Р.М. Тамоюлҳо ва дурнамои рушди бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи

меҳнатиро муҳаққиқони ватанӣ Н.А. Ҳаитбоева, Э.Н Сангинзода, Н.П. Бессонова, Х.Ҷ. Шарипов, М.Х. Маҷнунова, С.П. Хоркашов[8] ва дигарон таҳқиқ намуданд.

Ҳамин тавр, метавон гуфт, ки то ба ҳол дар доираи таҳқиқоти илмӣ, таҳлили мукаммали мавзуи зикршуда, дар ҷомеаи муосири тоҷикистонӣ анҷом наёфтааст. Аз ин рӯ, натиҷаҳои таҳқиқоти илмии мазкур метавонанд дар коркард ва таҳлили масъалаи бо шуғл таъминкунии

---

Стратегияи милии рушд то соли 2030 [Матн]: / Р.М. Бобоҷонов / Маҷаллаи илмии муассисаи давлатии "Пажӯҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ". – №2(49). – Душанбе. 2021. – С.18-30; Бобоҷонов С.Р. Проблемы функционирующего рынка труда Республики Таджикистан и основные направления их решения [Текст]: / С.Р. Бабоҷонов / Маҷаллаи илмии муассисаи давлатии "Пажӯҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ". – №4(27). – Душанбе. 2015. – С.64-67; Қодиров Д.Б. Особенности функционирования рынка труда Таджикистана [Текст]: / Д.Б.Қодиров / Маҷаллаи илмии муассисаи давлатии "Пажӯҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ". – №2(21). – Душанбе. 2014. – С.36-46; Ҳимматшо М. Баъзе нишондодҳои бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]: / М. Ҳимматшо / Маҷаллаи илмии муассисаи давлатии "Пажӯҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ". – №2(25). – Душанбе. 2015. – С.36-42; Баротзода Б.Х, Занятия и виды экономической деятельности занятого населения Республики Таджикистан [Текст]: / Б.Х. Баротзода., Н.М. Қурбонов / Маҷаллаи илмии муассисаи давлатии "Пажӯҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ". – №2(25). – Душанбе.2015. – С.3-10; Баротов Х.Б. Масъалаҳои барномаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]: / Х.Б. Баротов / Маҷаллаи илмии муассисаи давлатии "Пажӯҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ". – №2 (21). – Душанбе. 2014. – С.28-36; Қурбонмамадова С.А. Бунёди ҷойҳои кории нав ҳамчун самти асосии рщди иқтисодии Тоҷикистон [Матн]: / С.А. Қурбонмамадова / Маҷаллаи илмии муассисаи давлатии "Пажӯҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ". – №1(24) – Душанбе. 2015. – С.108-112; Ҳодиев Д.А. Управление занятостью посредством трудовой миграции как необходимый элемент развития человеческого развития [Текст]: / Д.А. Ҳодиев / Маҷаллаи илмии муассисаи давлатии "Пажӯҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ". – №(21). – Душанбе. 2014. – С.79-85; Расулов Х. Масъалаҳои шуғли аҳолӣ ва роҳҳои ҳалли он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]: / Х. Расулов / Меҳнат ва рушди иҷтимоӣ, Нашрияи илмии Муассисаи давлатии "Пажӯҳишгоҳи меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ" – №1 (20). – Душанбе. 2014. – С.70-72; Ходжиева М.Н. Анализ состояния занятости сельского населения Республики Таджикистан [Текст]: / М.Н. Ходжиева / Маҷаллаи илмии муассисаи давлатии "Пажӯҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ". – №3(46). – Душанбе. 2020. – С.87-95; Алена Н. Консультативный доклад о профессиональной реабилитации и занятости лиц с ограниченными возможностями в Восточной Европе и Центральтной Азии [Текст]: / Н. Алена, О. Кулаева; Группа технической поддержки по вопросам достойного труда и Бюро МОТ для стран Восточной Европы и Центральной Азии. – М.: МОТ. 2014. – 68 с; Зеваров Х. Шуғли маъюбон: ҳолат, мушкилот ва роҳҳои ҳалли онҳо [Матн]: / Х. Зеваров / Маҷаллаи илмии муассисаи давлатии "Пажӯҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ". – №1(24). – Душанбе.2015. – С.65-82.

[8]Ҳаитбоева Н.А. Муҳоҷирати меҳнатӣ ва таъсири он ба идоракуни захираҳои меҳнатии мамлакат [Матн]: / Н.А. Ҳаитбоева / Маҷаллаи илмии муассисаи давлатии "Пажӯҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ". – №1(44). – Душанбе. 2020. – С.49-56; Сангинзода Э.Н. О понятиях демографического, трудового и человеческого потенциала [Текст]: / Э.Н. Сангинзода / Маҷаллаи илмии муассисаи давлатии "Пажӯҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ". – №3(46). – Душанбе. 2020. – С.11-22; Бессонова Н.П. Социальный капитал: понятие, рессурсы и формы [Текст]: / Н.П. Бессонова / Маҷаллаи илмии муассисаи давлатии "Пажӯҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ". – №1(48). – Душанбе.2021. – С.56-63; Шарипов Х.Ҷ., Управление человеческими русурсами в формировании инновационного рынка сельского хозяйства Республики Таджикистан [Текст]: / Х.Ҷ. Шарипов / Маҷаллаи илмии муассисаи давлатии "Пажӯҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ". – №4(27). – Душанбе.2015. – С.67-72; Маҷнунова М.Х. Роль рационального использования рабочей силы в развитии агропромышленного комплекса [Текст]: / М.Х. Маҷнунова / Маҷаллаи илмии муассисаи давлатии "Пажӯҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ". – №4(27). – Душанбе.2015. – С.81-85; Хоркашов С.П. Марҳилаи ҳозираи ташаккулёбии шарикии иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / С.П. Хоркашов, Қурбомамадова С. / Маҷаллаи илмии муассисаи давлатии "Пажӯҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ". – Душанбе. 2021. – №48. –С.51-52.

хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ дар кишвар саҳми муайяне гузоранд. Ба таври умумӣ ҳолати мавзуи диссертатсиониро ба таври зайл тавзеҳ додан мумкин аст: 1) ҷанбаҳои илмӣ-назариявии масъалаҳои технологияҳои иҷимоӣ, шуғл, тақсимоти ҷамъиятии меҳнат, бозори меҳнат ва захираҳои меҳнатӣ дар кишвар ба таври мукаммал таҳқиқ нашудааст; 2) барои анҷом додани чунин таҳқиқот заминаи муайяни илмӣ-методологӣ ташаккул наёфтааст. Муҳимияти мавзуи илмӣ мураккабӣ, баҳснокӣ, инчунин, нокифоягии коркарди илмии он барои таъмини ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ мусоидат намуданд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ.** Диссертатсия дар доираи нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи кори иҷтимоии факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (дар мавзуи "Хусусиятҳои раванди ташаккулёбии институтсионалӣ (ниҳодӣ)-и кори иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи ҳозира") иҷро шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ КОР

**Мақсади таҳқиқот.** Таҳияи методология ва дарёфти технологияҳои муносиби бо шуғл таъминкунии хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ дар бозори меҳнати ҷумҳурӣ ба ҳисоб рафта, унсури муҳимтарини тайёр намудани мутахассисони сатҳи миёна ва олии системаи маориф мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот**. Барои расидан ба мақсади гузошташуда дар таҳқиқот иҷрои чунин вазифаҳо ба нақша гирифта шуданд:

- шарҳу асоснокнамоии равишҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сотсиологии омӯзиши технологияҳои иҷтимоии шуғл, тақсимоти ҷамъиятии меҳнат, бозори меҳнати ҷавонон, аз ҷумла, хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ ҳамчун зуҳуроти иҷтимоӣ;

- омӯзиши таҷрибаи кишварҳои рушдёфта дар самти омода намудани мутахассисони соҳаи касбӣ дар шароити тағйирёбии ҷомеаи муосир ва технологияҳои иҷтимоии бо шуғл таъминкунии хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ;

- ошкор намудани номувофиқии тахассуси қисме аз хатмкунандагони касбии соҳаи таҳсилот бо талаботи истеҳсолот ва дар натиҷа коҳиш ёфтани сатҳи шуғлмандӣ дар байни ҷавонони ихтисосманд;

- муайян кардани робита миёни хатмкунандагони муассисаҳои миёна ва олии касбӣ бо корфармоён:

- муайян намудан ва ба низом даровардани технологияҳои иҷтимоии муносиби мутобиқсозии мутахассисони ҷавон дар доираи касби интихобкарда;

- таҳлили масъалаҳои иҷтимоӣ ва ҷанбаҳои манфии бекорӣ дар байни ҷавонони ихтисосманд ва таъсири он ба сохтори иҷтимоии ҷомеа;

- пешниҳод намудани технологияҳои иҷтимоии бо шуғл таъмин намудани хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ дар бозори меҳнат.

**Объекти таҳқиқот** – бо шуғл таъминкунии хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбии ҷумҳурӣ мебошад.

**Мавзуи (предмет) таҳқиқот** – технологияҳои иҷтимоии бо шуғл таъминкунии хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ мебошад.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот (доираи таърихии таҳқиқот).** Таҳқиқоти диссертатсионӣ тайи солҳои 2020–2023 дар кафедраи кори иҷтимоии факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон анҷом дода шудааст.

**Асосҳои назариявии таҳқиқотро** як қатор равишҳо ва методҳои умумиилмию соҳавӣ, аз ҷумла, равишҳои умумиилмии сохторӣ-функсионалӣ, таҳлили муқоисавӣ ва равиши системавӣ дар бар

мегиранд, зеро омӯзиши бо шуғл таъмин намудани хатмкунандагони системаи таҳсилоти касбӣ дар доираи ин равишҳо мувофиқ мебошад. Равиши сохторӣ-функсионалӣ имконият медиҳад, ки масъалаи ҷавобгӯ будани омоданамоии ихтисосмандони касбӣ ва бо шуғл таъмин намудани онҳо ба талаботи сохтори иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва бозори меҳнат ҳаматарафа мавриди омӯзиш қарор гирад.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Дар доираи таҳқиқоти мазкур методҳои умумиилмӣ, диалектикӣ, таҳлилӣ, мантиқию муқоисавӣ, шарҳдиҳӣ, умумиятдиҳӣ, принсипи таърихият ва равиши сохторӣ-функсионалӣ истифода шудаанд. Ҳамзамон, ҳангоми омӯзиши мавзуи диссертатсия аз методҳои таҳқиқоти сотсиологӣ, мисли таҳлили ҳуҷҷатҳо, мушоҳида, муқоиса, омор, пурсиши сотсиологӣ васеъ истифода шудааст.

**Сарчашмаи маълумот**. Ба сифати манбаи иттиллоот: Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ”, адабиёти илмӣ ва таълимӣ, натиҷаҳои таҳқиқоти сотсиологӣ, ҳуҷҷатҳои расмӣ, мақолаҳо, маводҳои интернетӣ ва дигар сарчашмаҳои илмӣ баромад намуданд.

**Заминаҳои эмпирикии таҳқиқотро** таҳқиқоти сотсиологии дар кафедраи кори иҷтимоӣ ва сотсиологияи факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон гузаронидашуда, инчунин, маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва далелҳои мансуб ба адабиёти илмии соҳа ташкил медиҳанд. Коркард ва таҳлили натиҷаҳои таҳқиқоти сотсиологии гузаронидашуда, ки дар онҳо методи сотсиологии пурсиши анкетавӣ истифода шудааст, тавассути коркарди оморӣ ва барномаҳои махсуси компютерӣ ба амал бароварда шудаанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Диссертатсияи мазкур нахустин таҳқиқоти бунёдии илмӣ бо равиши сотсиологӣ дар бораи

технологияҳои иҷтимоии бо шуғл таъминкунии хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ дар Тоҷикистон мебошад, ки дар ҷанбаҳои зерин таҷассум ёфтааст:

- дар асоси омӯзишу таҳлили адабиёти илмӣ, ақидаҳои олимони соҳаи сотсиология ва иқтисодиёт мафҳуми “технологияи иҷтимоӣ” мушаххас карда шуд. Асоснок карда шуд, ки технологияи иҷтимоӣ дар шароити муосир воситаи амалигардонии вазифаҳои муассисаҳои таҳсилоти касбӣ маҳсуб меёбад. Маҳз ба воситаи технологикунонии донишҳо муносибати мақсадноки ташкили шуғлмандӣ ва фаъолияти минбаъдаи хатмкунандагон ба вуҷуд меояд. Маълум гардид, ки истифодаи технологияҳои иҷтимоӣ ба тақсимоти ҷамъиятии меҳнат ва шуғл мутобиқат намуда, сабаби рушди шахс мегардад;

- дар асоси омӯзиши адабиёти илмӣ фарқият миёни мафҳуми “бо кор таъминкунӣ” ва “шуғлмандӣ” ошкор карда шуд, ки “бо кор таъминкунӣ”-натиҷаи мусбати раванди таҳсил дар муассисаи таҳсилоти касбӣ буда, “шуғлмандӣ” бошад, нишондиҳандаи сатҳу сифати таълими касбӣ ва дараҷаи баланди даромаднокӣ мебошад;

- дар натиҷаи омӯзиши таҷрибаи кишварҳои ҷаҳон муайян карда шуд, ки доир ба таъмини шуғли хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ барномаву лоиҳаҳои гуногун қабул карда шуда, сомонаҳои интернетӣ таъсис дода шудааст, ки ҳар лаҳза вазъи бозори меҳнатро баррасӣ мекунанд;

- ошкор карда шуд, ки ҳамкорӣ миёни муассисаҳои таҳсилоти касбӣ дар кишвар бо корхонаву ташкилотҳо ва корфармоён дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда нашудааст;

- муайян карда шуд, ки талаботи қонун барои ҷудо намудани квотаҳои ҷойҳои корӣ барои хатмкунандагони имконияти маҳдуддоштаи муассисаҳои таҳсилоти касбӣ дар ташкилоту корхонаҳои ватанӣ на ҳама вақт ба инобат гирифта мешавад;

- натиҷаи таҳқиқоти сотсиологӣ собит намуд, ки дар соҳаи маориф мушкилоти омода намудани мутахассисони баландсавияву болаёқат вуҷуд дорад ва сабаби дар бозори меҳнат бо шуғл таъмин нагардидани қисме аз хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ мегардад;

- дар натиҷаи омӯзиши системаи бо шуғл таъмин намудани хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ ошкор карда шуд, ки тахассуси касбии гурӯҳе аз хатмкунандагон на ҳамавақт ба талаботи бозори меҳнат ҷавобгӯ аст.

**Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда.** Ба ҳимоя нуқтаҳои илмии зерин пешниҳод мегарданд, ки онҳо навгониҳои таҳқиқоти диссертатсияро ифода менамоянд:

- шуғл ҳамчун мафҳуми иқтисодӣ, сотсиологӣ бисёрҷанба ва фарогиранда буда, барои омӯзиши он равишҳои гуногуни фалсафӣ-иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сотсиологӣ, системавӣ, сохторӣ-функсионалӣ, таърихӣ ва ғайраҳо истифода шудааст. Дар робита бо ин моҳияти шуғлро метавон ҳамчун воситаи пешравии иқтисодӣ ва бартараф намудани масъалаҳои иҷтимоӣ дар ҳаёти шахс ва ҷомеа баррасӣ намуд;

- шуғл ва масъалаи шуғлмандӣ дар ҳаёти ҷамъиятӣ воситаи асосии рушди истеҳсолот маҳсуб ёфта, дар ҷомеа вобаста ба он мутахассисон тайёр карда мешаванд, то инки талаботи бозори меҳнатро таъмин карда шавад. Дар робита бо таҷрибаи пешқадами кишварҳои мутамаддин тамоми ҳайати омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти касбиро лозим аст дар ҷараёни тайёр кардан ва тарбия намудани мутахассисони ҷавон талаботи корфармоён ва бозори меҳнатро нисбат ба мутахассисони ҷавон ба эътибор гиранд, ҳамзамон аз таҷрибаи кишварҳои ҷаҳон дар раванди бо шуғл таъминкунӣ истифода баранд;

- гарчанде системаи таҳсилоти касбӣ мутахассисонро дар шароити муосири ҷумҳурӣ тайёр намояд ҳам, новобаста аз ин бархе аз онҳо бо сабаби паст будани сифати соҳаи тахассусӣ ва баъзе сабабҳои

объективию субъективӣ ба талаботи бозори меҳнат ҷавобгӯ нестанд. Бинобар ин, қисме аз хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ бо фаъолияти меҳнатӣ таъмин нагардида, маҷбуранд барои аз ҷиҳати моддӣ таъмин намудани оилаи худ ба муҳоҷирати меҳнатӣ раванд, ки ин омил нишондиҳандаи маҳдуди тақсимоти меҳнат дар сохтори иҷтимоии ҷомеа мебошад;

- шуғлмандӣ ҳамчун яке аз асосҳои пешравӣ ва инкишофи ҷанбаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва ҳуқуқӣ ба шумор рафта, дар шароити муосири ҷомеа талаботи рӯзафзуни аҳолиро аз ҷиҳати моддӣ ва маънавӣ таъмин менамояд. Бинобар ин, барои инкишофи имрӯз ва ояндаи кишвар, саноатикунонӣ метавонад боиси бо шуғл таъмин намудан ва аз касодии иқтисодию иҷтимоӣ бароmадани гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ сабаб гардад. Тамоми бурду бохти ислоҳот дар ҳар як мамлакат аз иқтидори бузурги неруи инсонӣ сарчашма гирифта, ба меҳнат ва захираҳои қувваи корӣ асос меёбад. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки давлати аз ҷиҳати захираҳои меҳнатӣ хеле бой аст, бунёди технологияи иҷтимоии бартараф намудани мушкилоти шуғл миёни аҳолии қобили меҳнат, ташкили шароити мусоид барои пешрафти иқтисодиёти миллии кишвар дар замони муосир қадами муҳим ва манфиатнок маҳсуб меёбад;

- кишварҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ ва Ғарб дар мавриди ба як системаи муайян даровардани шуғли маъюбон системаи квотаҳоро қабул ва мавриди истифода қарор доданд, ки бевосита дар вақти пайдо кардани шуғли муносиб барои ин қишри аҳолӣ мусоидат мекунад. Дар робита ба ин, ҳангоми қабули системаи квотаҳо ташкилоту корхонаҳо вазифадор мегарданд, ки дар қатори шахсони солим нафарони маъюбиятдоштаро ба ҳаёти иҷтимоӣ ҷалб намоянд. Чунки вазъият дар бозори меҳнат барои маъюбон дар шароити кунунии ҷомеа хеле маҳдуд буда, онҳо то андозае аз баъзе имкониятҳои ҳаётӣ иҷтимоӣ маҳрум мегарданд. Ҳамаи шахсони масъули соҳаи тандурустию ҳифзи

иҷтимоиро зарур аст, ки бо мутахассисони соҳаи хадамоти давлатии шуғл ва роҳномаҳои касбӣ дар мавриди мушкилоти ин гурӯҳи иҷтимоӣ ҷиҳати шуғли онҳо саҳмгузор бошанд;

- барои пешгирии сабабҳои дар боло зикршуда ниҳодҳои давлатӣ бояд барномаҳои иҷтимоӣ ва стратегияи паст намудани сатҳи бекориро дар асоси истифодаи технологияҳои иҷтимоии муосир (махсусан, дар байни ҷавонони мутахассис) кор карда бароянд. Дар ин самт ҷалб намудани институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва шахсони алоҳидаи бонуфуз аз манфиат холӣ нест. Махсусан, ташкили ҷойҳои нави корӣ, истифодаи технологияҳои иҷтимоии бо шуғл таъмин намудани ҷавонон, ташкили шароити мусоиди фаъолияти корӣ барои ҷавонон, ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои иҷтимоии қонунии шаҳрвандон, мусоидат ба рушди соҳибкории хурду миёна ва амсоли ин муҳимтарин тадбирҳои пешгирии бекорӣ дар байни гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоии аҳолӣ, махсусан, хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ маҳсуб меёбад.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Мавод, хулосаҳо ва тавсияҳои рисолаи илмиро ҳангоми кор карда баромадани сиёсати иҷтимоии давлат оид ба ҳалли масъалаҳои иҷтимоии ҷомеа, кам кардани сатҳи бекорӣ дар байни аҳолӣ, махсусан, ҷавонони соҳибихтисос, танзими масъалаҳои иҷтимоии муҳоҷирони меҳнатӣ, ҳифзи иҷтимоӣ ва таҳқиқи минбаъдаи мушкилоти бо шуғл таъмин намудани ҷавонон истифода бурдан имконпазир мебошад. Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки муқаррарот ва пешниҳодҳои рисола аз ҷониби Вазоратҳои дар ин самт масъул ва дигар мақомот метавонад истифода карда мешавад. Дар раванди таҳқиқот ҷиҳатҳои назариявӣ ва амалии инкишофи соҳаи иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар кишвар дар шароити иқтисоди бозоргонӣ, инчунин, таҳлили илмии масъалаи шуғлмандӣ миёни хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ баррасӣ шудааст.

Қисмати амалии омӯзиши диссертатсия барои муайян, баҳогузорӣ ва пешбинӣ кардани раванди минбаъдаи шуғл, инчунин, пешгирии таъсири манфии бекории ҷавонони соҳибихтисос дар ҷомеа ва самаранок истифода кардани аҳолии қобили меҳнат ба мавқеъ мебошад.

Натиҷаҳои таҳқиқот метавонад ҳамчун маводи иловагӣ ҳангоми таълими курсҳои "Тағйироти иҷтимоӣ", "Сотсиологияи оила", "Глобализатсияи иҷтимоӣ", "Сотсиологияи шахс", "Сотсиологияи меҳнат", "Сотсиологияи каҷрафторӣ", "Кори иҷтимоӣ бо ҷавонон", "Кори иҷтимоӣ бо бекорон", "Кори иҷтимоӣ бо маъюбон", инчунин ҳангоми гузаронидани таҳқиқоти сотсиологӣ, навиштани диссертатсия, корҳои магистрӣ ва дипломии ба ин масъала дахлдошта истифода бурда шавад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** аз дақиқ будани маълумот, кофӣ будани ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот, мақола ва маводҳои нашршуда бармеояд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ пешниҳод карда шудаанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи таҳқиқоти илмӣ дар соҳаи сотсиология маҳсуб ёфта, ба ихтисоси 6D050104 - Сохтори иҷтимоӣ, ниҳодҳо ва равандҳои иҷтимоӣ мувофиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия бо сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, мақолаҳои илмӣ, маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ, инчунин, дар иштирок ва гузаронидани таҳқиқоти сотсиологӣ тасдиқ карда мешавад. Ҳамзамон, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва ҳалли онҳо саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳад.

Дар ҷараёни омӯзиш ва таҳқиқи илмӣ маводи зиёди илмӣ-назариявӣ ва эмпирикӣ дар бораи технологияҳои иҷтимоӣ, системаи таҳсилот ва шуғлмандӣ ҳамчун зуҳуроти иҷтимоӣ таҳлил ёфтааст. Муҳаққиқ шахсан таҳқиқоти сотсиологиро дар ҳамкорӣ бо кафедраи сотсиологияи факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар мавзуи "Технологияҳои иҷтимоии бо кор таъминкунии хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ дар Тоҷикистон" (соли 2022) гузаронида, натиҷаҳои бадастомадаи таҳқиқотро дар таҳияи диссертатсия самаранок истифода бурдааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Диссертатсия дар кафедраи кори иҷтимоии факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода шуда, натиҷаҳои он дар ҷаласаи якҷояи кафедраҳои кори иҷтимоӣ ва сотсиология (суратмаҷлиси №1, санаи 28.08.2023) муҳокима гардида, ба ҳимоя тавсия карда шудааст. Натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ ва мазмуни асосии он аз тарафи муаллиф дар мақолаҳо, гузориш ва маърӯзаҳо, дар мизи гирд ва конференсияҳои ҳарсолаи апрелии ҳайати устодону профессорони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, конференсияҳои ҷумҳуриявӣ баррасӣ шудааст.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи дисстертатсия.** Муаллиф аз рӯйи мавзуи диссертатсия 4 мақолаи илмӣ дар маҷалаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расонидааст, ки пурра мазмуни диссертатсияро ифода менамоянд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия**. Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, 6 зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда, рӯйхати мақолаҳои муаллиф ва замимаҳо иборат мебошад. Матни диссертатсия 6 расмро дар бар мегирад. Ҳаҷми умумии диссертатсия 195 саҳифа мебошад.

## БОБИ I. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ-МЕТОДОЛОГИИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИҶТИМОИИ БО ШУҒЛ ТАЪМИН НАМУДАНИ ХАТМКУНАНДАГОНИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ КАСБӢ

### 1.1. Ҷанбаҳои назариявии омӯзиши технологияҳои иҷтимоии бо шуғл таъминкунии хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ

Дар шароити муосир яке аз масъалаҳои муҳимми сиёсати иҷтимоии давлат ба шуғл таъмин намудани хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ ба шумор рафта, ин вазъият равиши навро тақозо мекунад. Дар шароити тағйирёбандаи муносибатҳои ҷамъиятӣ муассисаҳои таҳсилоти касбиро мебояд дар кишвар бозори меҳнатро бо кадрҳои баландихтисос ва рақобатпазир таъмин намоянд. Бинобар ин, омӯзиши масъалаи шуғл ва бо кор таъмин намудани мутахассисони ҷавон зарурати амалӣ дорад.

Солҳои охир сатҳи мутобиқати системаи омодакунии кадрҳо бо талаботи бозори меҳнат ба қадри имкон назаррас нест, ки яке аз сабабҳои ин мушкилот - набудани маълумоти оморӣ, таҳқиқот ва пешниҳоди пешгӯйиҳои қувваи корӣ дар мувофиқа бо талаботи дарозмуҳлат мебошад[9]. Гурӯҳи ҷавононе, ки аз системаи таҳсилот ба бозори меҳнат ворид мешаванд, аз хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ иборат мебошанд. Онҳо ҷавононе мебошанд, ки акнун муассисаҳои таҳсилоти касбиро хатм кардаанд. Қисме аз онҳо дар бозори меҳнат канорагирӣ мекунанд ва дар баъзе мавридҳо бо сабаби вазъияти шахсӣ ё ҳаёти оилавӣ (масалан, занони ҷавоне, ки кӯдаконро тарбия мекунанд, ё мардон ва заноне, ки дар муҳоҷирати меҳнати мебошанд), дур аз бозори меҳнат меистанд[10].

---

[9]Бучучану В.М. Доклад “Молодёжь на рынке труда Республики Молдова: навыки и стремления” был разработан Обсерваторией навыков молодежи в рамках проекта “Развитие инновационного бизнеса для устойчивого экономического роста на местном уровне”, финансируемого правительством Турции, осуществляемого Программой развития Организации Объединенных Наций [Текст]: / В.М. Бучучану, Г. Ольга. Кишинэу-2017.- С.15.

[10]Анализ рынка труда молодежи. Пакет учебно-информационных материалов по рынку труда молодежи [Текст]: / Група технической поддержки по вопросам достойного труда и Бюро МОТ для стран Восточной Европы и Центральной Азии, Employment Policy Department. – М.: МОТ, 2015.- С.45.

Номутаносибии нисбии системаи таҳсилот ба бозори меҳнат сабаби ғайрифаъол гардидани гурӯҳе аз хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ дар кишвар гардида, сабаби афзун шудани сатҳи бекорӣ дар байни онҳо мегардад ва мушкилоти иҷтимоиро дар ҷомеа ба вуҷуд меоранд. Дар радифи ин мушкилоти иҷтимоӣ зарур аст, технологияҳои иҷтимоии муносиб ва лозимиро ҷиҳати ҳалли ин мушкилот дар миёни хатмкундагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ дарёфт намуда, барои пешгирӣ ва коҳиш додани бекории ин гурӯҳи демографӣ-иҷтимоӣ саҳм гузорем. Пеш аз баррасии масъалаҳои тақсимоти ҷамъиятии меҳнату шуғл ва таҳаввулоти он лозим аст, таърих ва шарҳи мафҳуми “технологияҳои иҷтимоӣ”-ро аз назари муҳаққиқони соҳаи илмҳои ҷомеашиносӣ таҳлил намоем.

Истилоҳи “технология” аз ҳама бештар дар амалияи истеҳсолӣ ва пеш аз ҳама, дар соҳаи саноат истифода мешуд. Дар аввал зери мафҳуми “технология” на танҳо фаъолияти дигаргункунии объектҳои табиӣ, балки омӯзондани низоми умумитехникӣ ва таъсири мутақобилаи воситаҳои меҳнат ва ашёи хоми истеҳсолӣ фаҳмида мешуд. Яъне, дар ибтидо зери мафҳуми “технология” на танҳо фаъолияти ташкили объектҳои табиӣ, балки ҳамчун интизоми умумитехникӣ, омӯзиши байниякдигарии воситаҳои меҳнат ва коркарди ашёи хоми истеҳсолӣ баррасӣ мешуд. То ҳол ин истилоҳ натанҳо мафҳуми техникӣ, балки дар маънои маҷмӯи воситаҳои табиӣ истеҳсолии фаъолияти инсон, ҳамчунин, аз замонҳои қадим ба маънии санъат, ҳунар ва тавонистанро ифода мекард[11].

Дар сотсиологияи муосир фаҳмиши «технологияҳои иҷтимоӣ» дар монандӣ бо технологияи саноатӣ ҳамчун маҷмӯи воситаҳо, методҳо ва таъсиррасонҳо барои қабули мақсадҳои гузошташуда, дар ҷараёни ҳалли мушкилоти гуногуни иҷтимоӣ фаҳмида мешавад.

---

[11]Маргуляна Я.А. Социальные технологии управления обществом: региональный уровень / под ред. // Маргуляна Я.А. — СПб.: Издательство Санкт-Петербургской академии управления и экономики, 2010. —С.16.

Дар ҷомеи муосир технологияҳои иҷтимоӣ ҳамчун захираи зеҳнӣ, на танҳо истифода ва таҳқиқу пешгӯи кардани тағйироти гуногуни иҷтимоӣ маҳсуб меёбад, балки таъсири фаъолона ба ҳаёти амалӣ ва ба даст овардани натиҷаҳои иҷтимоӣ ва дигаргун кардани воқеияти иҷтимоӣ мебошад[12].

Азбаски технологияҳои иҷтимоӣ – қисми таркибии идоракунӣ мебошад, онҳо бо замони муосир алоқаманд буда, ба давраи индустриализатсия - инкишофи саноат, ташкили фаъолияти истеҳсолӣ ва самаранокии он вобаста мебошад, ки боиси пайдоиши технологияҳои нав гардид. Гарчанде ки мафҳуми “технология” дар нимаи дуюми асри XX ба доираи илмҳои муосир дохил шуда бошад ҳам, дар шароити ҳозира бисёр соҳаҳои илмӣ ин мафҳумро ҳамчун истилоҳи техникӣ истифода мекунанд. Технологияҳои иҷтимоӣ ҳамчун воситаҳои гуногун дар адабиёти илмӣ аз тарафи муҳаққиқон ба таври мухталиф шарҳ дода шудааст. Масалан, онро яке ҳамчун воситаи ба даст овардани муваффақият, дигаре василаи истеҳсолот, сеюмин усулҳои муносибат, чорумин тарзи истифодаи мақсадҳои амалӣ ва ғайра маънидод кардаанд.

Ба андешаи файласуфон ва сотсиологҳои олмонӣ К. Маркс (1818-1883) ва Ф. Энгелс (1820-1895) “технология”-ро ҳамчун маҷмӯи равандҳои коркард ва аз нав коркарди масолеҳи истеҳсолӣ вобаста ба соҳаҳои истеҳсолот, инчунин, тавсифи роҳҳои илмии истеҳсолот муайян карда буданд.

Мафҳуми “технологияи иҷтимоӣ” дар солҳои 70-уми асри XX дар доираи илмҳои идоракунӣ истифода шудааст. Назарияи технологияҳои иҷтимоӣ дар бунёди сотсиологияи саноат, сотсиологияи меҳнат, сотсиологияи ташкилотҳо дар алоқамандӣ бо фаъолияти илмии сотсиологҳои хориҷӣ пешниҳод шудааст.

Аввалин шуда, файласуф ва сотсиологи австриягӣ К. Поппер (1902-1994) мафҳуми “технологияи иҷтимоӣ”-ро соли 1957 ба илм ворид намуд.

---

[12]Стефанов Н. Общественные науки и использование технологии. // Стефанов Н. М., 1976. –С.11.

*Технология-аз калимаи лотинӣ “techne” – санъат, устоӣ, маҳорат, тавоноӣ + “logos” - системаи донишҳо доир ба усулҳо, воситаҳои коркард ва ташкили сифати объект мебошад.* Аввалан технология аксаран дар соҳаи фаъолияти истеҳсолӣ, ҳангоме ки объекти технология маҳсулоти табиӣ буд, истифода мешуд[13]. Баъдтар бо инкишофи соҳаҳои дигари ҳаётӣ иҷтимоӣ мафҳум ва мазмуни “технология” доираи васеъро фаро гирифт.

Инчунин, саҳми бузургро дар коркарду истифодаи «технологияҳои иҷтимоӣ» файласуфон ва ходимони давлатии булғорӣ М. Марков (1901-1967) ва Н. Стефанов (1939-2001) гузоштаанд. Онҳо ба чунин хулоса омаданд, ки “технологияи иҷтимоӣ – ин натиҷаи фаъолияти мақсадҳои гузошташуда ва объекти таҳқиқот мебошад”. Ба андешаи Н. Стефанов технология – «маҷмӯи дониш дар бораи роҳҳо ва воситаҳои гузаронидани равандҳои истеҳсолӣ, инчунин, раванде, ки дар онҳо тағйироти сифатӣ дар коркард ба амал меояд» фаҳмида мешавад.

Файласуфи рус Г.И. Иконников дар мақолаи худ “Дар бораи мафҳуми технологияи иҷтимоӣ” зикр кардааст, ки “технологияи иҷтимоӣ” механизми ба худ хоси якҷоякунии донишҳо дар шароити амалигардонии онҳо мебошад. Маҳз ба воситаи технологикунонии донишҳо ифодаи бошууронаи муносибати одамон ва ташкили фаъолияти онҳо, инчунин, амалигардонии нақшаҳо ва вазифаҳои гузошташуда, ба даст меояд.

Имрӯз таҷрибаи ҷаҳонӣ шаҳодат медиҳад, ки бо ёрии “технологияҳои иҷтимоӣ” сари вақт ҳал кардани низоъҳои иҷтимоӣ, паст кардани шиддати иҷтимоӣ, пешгирии садамаҳо ва вазъиятҳои хатарнок, қарорҳои самараноки идоракуниро қабул ва иҷро кардан имконпазир аст. Дар шароити муосир ба хотири гузариш аз монеаҳо ва ташкили дурусти ҳаёти иҷтимоӣ, озодии иқтисодиёт ва сиёсӣ аз “технологияҳои иҷтимоӣ” хуб бояд истифода кард. Барои ин

[13]Зайнышева И.Г. Технология социальной работы: Учеб. Пособие для студ.высш. учеб.заведений// Под ред. И.Г.Зайнышева.- М.: Гуманит.изд.центр. ВЛАДОС, 2002- С.6.

технологияи хуб андешидашудаи заруриро фароҳам овардан лозим аст, ки ҷомеа бидуни поймол кардани ҳуқуқу озодиҳои шахс ва гурӯҳҳои иҷтимоӣ рушд кунад.

Бо шуғл таъмин кардани мутахассисони ҷавон яке аз марҳилаи муҳими дастоварди касбӣ дар ҳаёти ҷавонон, муваффақияти кори онҳо нишодиҳандаҳои сифати маълумот дар ин самт ба шумор меравад. Дар ҳаёти худ шахс бисёр интихобҳои тақдирсоз мекунад ва интихоби ҷойи кор яке аз онҳост. Дар раванди фаъолияти корӣ инсон қариб сеяки умри хешро сарф мекунад. Имконияти худамалигардонӣ, нақши иҷтимоӣ, сатҳи моддӣ, саломатии равонӣ вобаста аз оғози фаъолияти меҳнатӣ мебошад, ки дар он шахс вазифаашро вобаста ба муҳити атроф иҷро мекунад[14].

Ба мафҳуми "бокортаъминкунӣ" мафҳуми "шуғлмандӣ" хеле наздик аст, аз ин рӯ бокортаъминкунӣ заминаи шуғл буда, яке аз кафолатҳои асосии он аст, зеро таҳти мафҳуми "шуғл" фаъолияти шаҳрванд, ки ба қонеъгардони талаботи шахсӣ ва ҷамъиятии ӯ ба қонунгузории давлатӣ муқобил набуда, ба ӯ фоида (музд) меорад, фаҳмида мешавад.

Шуғл – нишондиҳандаи сатҳ ва сифати таълими касбӣ буда, робитаи онҳоро бо имкониятҳо ва эҳтимолияти бо кор таъмин кардан, пас аз хатми муассисаи таҳсилоти касбӣ (шаклҳои гуногуни пайвастани таҳсил бо кор) ва мушкилоти шуғли донишҷӯёнро инъикос мекунад[15].

Масъалаҳои тақсимоти ҷамъиятии меҳнат, шуғл ва шуғлмандӣ аз тарафи олимони соҳаи илмҳои иқтисодӣ ва соҳаи сотсиология мавриди омӯзиши илмӣ қарор гирифта, ҳар як муҳаққиқ ин мафҳумро аз назари хеш шарҳу тавзеҳ додааст. Ин самти фаъолияти инсонро ҳамчун воситаи ба даст овардани мақсад, аз ҷумла, ба даст овардани даромад, восита ва

---

[14]Дудина М.М. Технологии трудоустройства [Текст]: / учебное пособие / М.М. Дудина, С.Л. Семенова. Екатеринбург: Изд-во Рос. гос. проф.-пед. ун-та, -2015.- С.7.

[15]Банникова Л.Н. Студент - 1995–2016 гг.: динамика социокультурного развития студенчества Среднего Урала [Текст]: / Л.Н. Банникова. монография [и др.]; под общ. ред. д-ра филос. наук, проф. Ю.Р. Вишневского.— Екатеринбург: УрФУ, 2017. – С.159.

меъёри бозори меҳнат, ки муайянкунандаи хусусияти махсуси муносибатҳои иҷтимоӣ- иқтисодӣ ва нишодиҳандаи сатҳу сифати тарзи ҳаёти шахс мебошад, тавсиф мекунад. Метавон гуфт, ки таърихи омӯзиши назарияи классикии шуғл бо номи олимони англис, ба монанди А. Смит, Д. Рикардо, Ж.Б. Сей ва дигарон алоқаманд аст.

Аз ҷумла, иқтисодчии шотландӣ А. Смит (1723-1790) дар асари илмии худ "Таҳқиқот оид ба табиат ва сабабҳои бойигарии халқҳо" (1776) зикр мекунад, ки "бойигарии халқ дар раванди истеҳсолот ташаккул меёбад ва манбаи асосии он меҳнати инсон буда, шуғли пурра – меъёри иқтисоди бозорӣ аст"[16]. Нисбати ин масъала вай мафҳуми "дасти ноаёни рақобат"-ро истифода кардааст, ки мутобиқи он "механизми бозорӣ, бидуни дахолати давлат ба иқтисодиёт, метавонад манфиатҳои хусусӣ ва ҷамъиятиро таъмин намояд ва дар асоси ин иқтисодиёт ба таври самарабахш инкишоф ёбад"[17]. Муҳаққиқ нисбати шуғлмандӣ таъкид кардааст, ки "асоси бойигарии ҳар як халқ маҳз дар раванди истеҳсолот ба миён омада, боиси қонеъ гардонидани талаботи шахсӣ ва ҷамъиятии ӯ дар ҳаёт мегардад". Ба ақидаи ӯ "мафҳуми дасти ноаён" манфиатҳои шахсию ҷамъиятиро бе дахолати давлат дар раванди истеҳсолот муҳайё мегардонад.

Саҳми асосиро дар назарияи шуғл, дар асри XVIII иқтисодчии фаронсавӣ Ж.Б. Сэй (1767-1832) гузоштааст, ки ӯ худро пайрав ва тарғибкунандаи ақидаҳои А. Смит меҳисобид. Назарияи ӯ се омили истеҳсолотро дарбар мегирад; меҳнат, сармоя ва замин, ки ба се сарчашмаи даромад - музди меҳнат, даромад ва фоида аз ҳисоби замин (рента) мутобиқат мекунад". Ӯ тасдиқ мекунад, ки "худи раванди истеҳсоли мол, даромад, мувозинати арзиши маҳсулоти истеҳсолӣ зарурияtро барои хариди маҳсулот дар бозори меҳнат ба миён меорад"[18]. Ж.Б Сей таъкид

[16]Раҳматов Б.К. Шуғли аҳолӣ ва нақши он дар баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии шаҳрвандон [Матн]: / Б.К. Раҳматов // Паёми ДМТ (Бахши илмҳои иҷтимой-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ) Душанбе №5. Қисми II.2019. - С.93.
[17]Смит А. Исследование о природе и причинах богатства народов [Текст]: / А. Смит — "Эксмо", 1776 — (Великие экономисты).- С.9.
[18]Сей Ж.Б. Трактат политичесой экономии [Текст]: / Ж.Б. Сей - М.: К. Т. Солдатенков, 1896. –С.400.

мекард, ки қонуни бозор ба ҳаҷми маҳсулот ва ивази маҳсулот ба таври худфаъол миёни харид ва фурӯш баробариро ба амал меорад. Ба ақидаи Ж.Б Сей мафҳуми машғулии аҳолӣ ё шаҳрвандон, бо фаъолияти меҳнатӣ банд будан ё ин ки доштани ҷойи кори муайянро мефаҳмонад. Ба назари мо, пайдоиш ва арзи вуҷуд доштани масъалаи шуғли шаҳрвандон ба пойдоршавии истеҳсолоти саноатӣ ва ба саҳнаи таърих баромадани ҷомеаи сармоядорӣ алоқаманд мебошад.

Мувофиқи ақидаи Ж.Б. Сей таклифот талаботро тавлид менамояд. Яъне ҳар як шакли истеҳсолот боиси пайдо шудани даромад мегардад ва ин даромад дар навбати худ, талаботро ба миён меоварад. Аз гуфтаҳои Сей чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки маҳз дар ақидаҳои ӯ масъалаи арзиши меҳнат мувозинатро дар бозори меҳнат ба амал оварда, нақши омилҳои истеҳсолот хеле муҳим арзёбӣ гардидааст. Ақидаҳои Сейро дигар олимон дар мавриди шуғлмандии аҳолӣ истифода бурда, дастгирӣ кардаанд.

Мутаххасиси соҳаи молия, иқтисодчӣ Д. Рикардо (1772-1823) ақидаи худро дар асараш "Оғози иқтисоди сиёсӣ ва андозбандӣ" мавриди қонуни арзиши меҳнат ҳамчун танзимкунандаи хоҷагии бозорӣ ифода карда, бозори капитализмро аз ҳама оқилонатарин система ҳисоб мекард. "Агар арзиши мубодилаи молҳо аз рӯйи миқдори меҳнати дар онҳо сарфшуда муайян карда шуда бошад, пас, афзоиши ин миқдори меҳнат бояд арзиши молеро, ки ба он меҳнат сарф мешавад зиёд мекунад, вагарна ин мол арзишро бояд паст кунад"[19].

Смит А. ва Д. Рикардо дар он ақида буданд, ки системаи бозорӣ метавонад истифодаи пурраи захираҳо, аз ҷумла қувваи кориро таъмин кунад. Мутобиқ ба ақидаи ин ду муҳаққиқ шуғли комил меъёри иқтисоди бозорӣ ба ҳисоб меравад.

Меҳнат ё шуғл яке аз он фаъолиятест, ки дар баробари дигар фаъолиятҳо инсонро ташаккул дода, мавҷудияти ӯро ҳамчун зуҳуроти биологӣ ва иҷтимоӣ муайян кардааст. Маҳз бо шарофати меҳнат инсон

---

[19]Рикардо Д. Начала политической экономии и налогового обложения [Текст]: / Д. Рикардо. Государственое издательство политической литературы.М.:-1955.- С.35.

аз мавҷудоти одӣ фарқ мекунад. Файласуф ва сотсиологи немис К. Маркс мазмуни меҳнатро барои инкишофи инсон ва ҷомеа чунин қайд кардааст: “Раванди меҳнат - чунон ки мо онро ба ҷанбаҳои сода ва абстрактии худ тасвир кардем, фаъолияти мақсаднок барои ба вуҷуд овардани арзишҳои истеъмолӣ, аз худ кардани он чизе, ки табиат барои ниёзҳои инсон додааст, шарти умумии мубодилаи моддаҳои байни инсон ва табиат буда, ҳолати абадии ҳаёти инсон ва меҳнат ба ягон шакли ин ҳаёт вобаста нест, баръакс барои ҳамаи ҷамъият он умумӣ аст[20]”. К. Маркс ақидаи ақибмонии нисбии суръати бо шуғл таъмин намудани синфи коргарро дар бораи суръати истеҳсолоти сармоядорӣ асоснок карда, исбот кард, ки дар ин ҷомеа бекорӣ ногузир аст ва объективӣ будани натиҷаи ҷамъшавии қонунҳои сармоягузорӣ маҳсуб меёбад[21]. Дар баробари ин ақидаи Ф. Энгелс оид ба шуғл ва масъалаҳои ба он марбут чунин аст.

Энгелс Ф. дар тавсифи меҳнат ҳамчун як шакли фаъолияти инсон навиштааст: “Меҳнат – сарчашмаи тамоми сарватҳост, мегӯянд иқтисодшиносони сиёсӣ. Ин шарти асосии тамоми ҳаёти инсон аст ва зиёда аз ин ба маънои томаш гуфтан лозим аст, ки меҳнат худи инсонро офаридааст”[22]. Вобаста ба аҳамияти меҳнат ҳамчун сарчашмаи даромад состиолог ва файласуфи фаронсавӣ О. Конт (1798-1857) дар асараш “Фалсафаи позитивизм” нисбати тақсимоти ҷамъиятии меҳнат зикр кардааст: “Тақсимоти меҳнат, ки принсипи таркибии ҷомеа аст, halfнаметавонад принсипи оилавӣ бошад, тартиби маъмули соҳаҳои гуногун, ба андозаи муайяни соҳаҳои меҳнат ташкил карда мешавад[23]”. Ҳамин тавр, тақсимоти ҷамъиятии меҳнат асоси якдилӣ ва истеҳсолоти ҷамъиятиро ташкил дода, чун организми

[20]Маркс К. Капитал. Критика политической экономии. Том первый [Текст]: / К. Маркс, Ф. Энгелс, Собр.соч, изд.2, т.23.- С.195.

[21]Маркс К. Капитал [Текст]: / К. Маркс, Ф. Энгельс. Соч. 2-е изд.Т. - С.23-26.

[22]Штольберг Р. Социология труда [Текст]: / Р. Штольберг, Под общей редакцией и с предисловием кандидата экономических наук А.В. Ермаковой. Издатесльство “Прогресс” — М.: - 1982. – С.15.

[23]Конт О. Положительная философия [Текст]: / О Конт., Изложение и иследование. Г.Г. Льюиса и Д.С. Милля. Перевод по редакцией Н. Неклюдова и Н. Тиблена. Санкт-Петербург-1867.-С.191.

мураккаби ҷамъиятӣ фаъолияти тамоми насли башариятро дарбар мегирад ва заминаи асосии сохтори иҷтимоиро ташкил медиҳад

Дар қатори дигар асосгузорони сотсиология Э. Дюркгейм (1858-1917) равандҳои тағйирёбандаи ҷомеаро мавриди омӯзиш қарор додааст. Аз ин рӯ, вай тағйироти ба амал омадаро дар ҷомеа дар алоқамандӣ бо тақсимоти ҷамъиятии меҳнат шарҳ додааст. Ба ақидаи муҳаққиқ "пайдоиши фарқиятҳои мураккаб миёни соҳаҳои гуногуни касбӣ яке аз қисмҳои ҷудонопазири саноатикунонӣ дар ҷомеа мебошад". Ӯ тасдиқ мекард, ки тақсимоти меҳнат бо мурури замон динро ҳамчун институти иҷтимоӣ ва робитаи иҷтимоӣ иваз мекунад. Сабаб дар он аст, ки тақсимоти меҳнат одамонро маҷбур месозад, ки аз ҳамдигар вобаста бошанд, чунки ҳар як молу хизматрасоние, ки фардҳои иҷтимоӣ истеҳсол мекунанд, ба ҳамдигар алоқаманд буда, ба он эҳтиёҷ доранд.

Дюркгейм Э., дар масъалаи намудҳои ҳамфикрии иҷтимоии ҷомеа дар чунин ақида буд: "Ҳар аъзои ҷомеа бо ҳамдигар алоқаманд буда, онҳо аз натиҷаи маҳсули якдигар вобастаанд ва бо нафаре дӯст ва бо нафари дигар дар мубодилаи натиҷаҳои кор ва ҳамкорӣ ҳастанд". Ҳамин тавр, дар шакли бутун будани ҷомеа чун алоқаи "органикӣ" тавсиф дода шуда, алоқаи мутақобила миёни аъзоёни он вуҷуд дорад. Гузариш аз ҳамфикрии "механикӣ" ба ҳамфикрии "органикӣ" натиҷаи се раванди бо ҳам алоқанд аст: якум, афзоиши аҳолӣ натиҷаи зичии аҳолӣ мегардад; дуюм зичии аҳолӣ рӯзафзун аст ва муносибатҳои мутақобила торафт мураккаб ва бисёрҷониба гардида, ин амал дар байни одамони минтақаҳои гуногуни սераҳолӣ ба вуҷуд меояд (мураккабшавии сохтори иҷтимоӣ); ва ниҳоят ин тақсимоти пешравандаи меҳнат, масусгардонии касбӣ ва ҳамоҳангсозии фаъолиятҳои гуногун мебошад[24]. Э. Дюркгейм чунин меҳисобид, ки "тақсимоти меҳнат меъёри асосии тараққиёти ҷамъият мебошад". Нисбати тақсимоти меҳнат муҳақиқ дар асараш "Оид ба тақсимоти ҷамъиятии меҳнат"

[24]Штомпка П. Социология. Анализ современного общества [Текст]: / П. Штомпка, Пер. с польск. СМ. Червонной. — М.: Логос,- 2005. - С.520.

навиштааст, ки “мо пешравии доимии тақсимоти ҷамъиятии меҳнатро барои он нишон ва шарҳ додем, ки инсон мавҷудияти худро дар шароити нави тараққиёти таърихӣ нигоҳ дорад”[25]. “Агар тақсимоти муқаррарии меҳнат ҳамфикриро ба вуҷуд орад, дар ин ҳолат натиҷаҳои гуногун ва ҳатто муқобилро низ дар пай дорад”[26]. Э. Дюркгейм тавассути асари номбурда исбот кард, ки тақсимоти меҳнат – омили асосии рушди ҷамъият ва ягонагию ҳамбастагӣ миёни аъзоёни он ба шумор меравад.

Вобаста ба масъалаи шуғл ва меҳнат ҳамчун воситаи ба даст овардани даромад ва сатҳу сифати зиндагӣ файласуф ва сотсиологи англис Г. Спенсер (1820-1903) дар асараш “Шахсият ва давлат” чунин овардааст: “Ҳар шахс бо дасти худ чизе пайдо мекунад ва ё ризқи худро маҳз бо туфайли шуғл фаровон месозад ва ё кори муайян ба даст меорад”[27]. Ҳамзамон, ӯ қайд менамояд, ки “ҳар як шаҳрванд барои таъмини некуаҳволии шахсии худ кӯшиш мекунад ва дар бораи тақсимоти ҷамъиятии меҳнат касе фикр намекунад, ҳатто зарурати чунин тақсимотро дарк накарда, он ба таври муқаррарӣ ва пайваста инкишоф меёбад”[28]. Аз инҷо бармеояд, ки бо дигаргун шудани ҷамъият намудҳои нави маҳнат бавуҷудомада, сабаби тағйир ёфтани сохтори иҷтимоӣ мегардад.

Андешаи сотсиолог ва фарҳангшиноси русу амрико П. Сорокин (1889-1968) дар мавриди тақсимоти ҷамъиятии меҳнат чунин аст: “Инкишофи ҳаёти ҷамъият ба он оварда расонд, ки ҳар як одам ба ягон касб: яке дар кишоварзӣ, дигаре дар пойафзолдӯзӣ, сеюм – дар оҳангарӣ, чорум дар дуредгарӣ, панҷум – дар омӯзгорӣ ва ғайра машғул гардад. Шумораи касбҳо дар ҷомеаи муосир хеле зиёданд ва ба якчанд ҳазор

---

[25]Дюркгейм Э. Социология. Ее предмет, метод, предназначение [Текст]: / Э. Дюркгейм, А.Б. Гофмана. Пер. с фр., составление, послесловие и примечания (История социологии в памятниках) - М.: Изд-во. Канон, 1995.-С.55.
[26]Дюркгейм Э. О разделении общественного труда [Текст]: / Э. Дюркгейм, Пер. с фр. А. Б. Гофмана, примечания В.В. Сапова. — М.: Канон, 1996. - С.29.
[27]Спенсер Г. Личность и государство [Текст]: / Г. Спенсер; перс англ.-Челябинск: Социум.(Серия “Библиотека” ГВЛ: “Политика”). -2007.-С.203.
[28]Спенсер Г. Опыты научные, политические и философские [Текст]: /Г. Спенсер.: Том 1 Перевод с английского под редакцией Я.А. Рубакина OCR Козлов М.В. -С.162.

мерасанд. Бо чунин тақсимоти меҳнат табиист, ки ҳар яки мо барои худ ва доимо ҳама корро карда наметавонем ва маҷбурем бо одамони дигар дар робита бошем. Вақте ки ба мо либос лозим аст, мо ба дӯзанда муроҷиат мекунем, дар мавриди зарурати мӯза- ба пойафзолдӯз; барои нон ба нонвойхона меравем; барои гӯшт- ба қассоб; паси рӯзнома ба мухбир, барои китоб, маҳсулот ва бисёр чизи дигар - ба мағоза; барои қонеъ гардонидани эътиқоди динӣ ба калисо; барои ҳуқуқи поймолшуда- ба суд; барои таълим–ба мактаб ва ғайра муроҷиат мекунем[29]”. Ҳамин тавр, мо наметавонем аз дигарон новобаста бошем ва ҳамин вобастагӣ моро ба ҳамдигар пайваст намуда, ба ҳам меоварад ва дар ниҳоят тақсимоти ҷамъиятии меҳнат риштаҳои зарурииро байни аъзоёнаш мепайвандад, ки бе он зиндагӣ кардан ғайриимкон аст.

Аз нуқтаи назари файласуф ва сотсиологи олмонӣ Г. Зиммел (1858-1918) “шуғли ба тақсимоти меҳнат асос наёфта, ҳангоми шартҳои баробар, назар ба шуғли дараҷаи баланди тахассусӣ, ки дар ҳаёти инсон мақоми асосӣ дорад, эҳтимол ҳамаро фарогиранда бошад, махсусан, дар он давраҳои гуногун ва эҳсосоти тағйирёбанда, ҳамчунин, тафовутдоштаи муносибатҳои зиндагии замони мо, ки ҳанӯз ба он хос нест”[30]. “Тақсимоти меҳнат ислоҳоти худро ба раванди рақобат ворид месозад - мубориза рақобатнок фардҳоро аз ҳамдигар дур месозад, гарчанде онҳо ба ҳамдигар баробаранд, ба хотири расидан ба ҳадафҳои худ ҳар шахс ба худ тиҷорати хешро дорад. Ҳамон тақсимоти меҳнат ҷамъиятро ба як организми бутун меорад, вале рақобат онҳоро аз ҳам ҷудо мекунад[31]”.

Мутобиқи ақидаи Г. Зиммел дар ҷомеа ду принсипи бузург “рақобат” ва “тақсимоти меҳнат” вуҷуд дошта, ба якдигар таъсир

[29]Сорокин П.А. Общедоступный учебник социологии [Текст]: / Сорокин П.А. Статьи разных лет / Ин-т социологии. - М.: Наука, 1994. –С-38. - (Социологическое наследие). - ISBN 5-02-013464-3 (в пер.)
[30]Зиммел Г. Избранное. Проблемы социологии [Текст]: / Г. Зиммел., Университетская книга, Центр гуманитарных инициатив. Санкт-Петербург.-2015.-С.72.
[31]Зиммел Г. Избранное. Том 1. Философия культуры [Текст]: / Г. Зиммел — М.: Юрист, 1996.-С.379.

мерасонанд. Ин принсипҳо яке аз воситаҳои инкишофи дохилии ҷомеа маҳсуб меёбанд.

Дар соҳаи сотсиологияи меҳнат файласуф ва сотсиологи олмонӣ М. Вебер (1864-1920) тақсимоти ҷамъиятии меҳнатро дар асараш "Хоҷагӣ ва ҷамъият" ба таври зерин шарҳ додааст: "Тақсимоти меҳнат – тақсим ва якҷоякунии фаъолияти инсон дар раванди истеҳсолот мебошад. Воситаҳои меҳнат дар гурӯҳҳои одамон метавонад бо навъҳои зерини ташкилии он сурат гирад: 1) техникӣ- агар амали иштирокчиёни раванди меҳнат ва муносибатҳои байниҳамдигарии онҳо бо воситаҳои истеҳсолот мувофиқи раванди техникии истеҳсолот ташкил карда шавад, 2) иҷтимоӣ - яъне вобаста бо он ки оё кӯшиши фардӣ дар доираи худсарӣ, хоҷагидории худмухтор ва дар бораи хусусияти иқтисодии хоҷагиҳо вуҷуд дошта, имкониятҳои ба даст овардани (манбаъҳо ё воситаҳо) даромад, 3) иқтисодӣ - нисбат ба робитаи меҳнатӣ байни худ ва воситаҳои истеҳсолот барои ҳар як тарзи ташкили ҷамъиятии он, ҳамчунин масъалаи иқтисодиро ба миён мегузорад,[32]" ки инҷо сухан дар бораи хоҷагӣ ё амалиёти ба фоида нигаронидашуда меравад.

Тақсимоти ҷамъиятии меҳнат, аз нуқтаи назари М. Вебер ҳамчун ҳолати статикӣ ё сохторӣ иҷтимоии шарҳдодашуда мебошад, ки одамон дар ин гуна ҳолат вазифаҳои махсусро иҷро мекунанд.

Тақсимоти меҳнат - аз назари М. Вебер на тақсимоти шахсони алоҳида ва на тақсимоти вазифаҳо аст, балки ин муносибати иҷтимоӣ-иқтисодии одамон дар ҷомеа мебошад. Маълум мегардад, ки дар ин ҷо категорияҳои амали иҷтимоӣ ва амали иқтисодӣ дар назар аст; дуюм, муносибати амалҳои иҷтимоӣ, ки аломати баланди одилона дорад, сеюм тақсимоти меҳнат тарзи амали мутақобилаи шаклҳои гуногун дошта,

[32]Вебер М. Хозяйство и общество: очерки понимающей социологии [Текст]: / М. Вебер в 4 т. / Макс Вебер; [пер. с нем.] ; сост., общ. ред. и предисл. Л.Г. Ионина ; Нац. исслед. ун-т «Высшая школа экономики». — М. : Изд. дом Высшей школы экономики, 2016. — Перевод изд.: Weber Max. Wirtschaft und Gesellschaft. Grundriss der verstehenden Soziologie. 5. revidierte Aufl. Besorgt von Johannes Winckelmann. Tübingen: J.C.B. Mohr (Paul Siebeck), 1972. — 2000 экз. - ISBN 978-5-7598-0333-1 (впер.).- С.383-384.

дар инкишофи худ даврахои гуногунро аз сар мегузаронад; чорум, субъекти меҳнат на танҳо шахси алоҳида, балки гурӯҳҳои муташаккили ҷомеа мебошанд.

Дар солҳои минбаъда масъалаи тақсимоти меҳнат, аз тарафи иқтисодчии англис Дж.М. Кейнс (1883-1946) таҳқиқ шудааст ва онро “назарияи машғулии умум” ном гузоштааст. Нуқтаи назари ӯ дар масъалаи шуғл чунин аст. “Масъалаи миқдори захираҳои мавҷуда, яъне шумораи одамоне бо шуғл таъмин карда мешаванд, ҳаҷм, бойигарии табиӣ ва ҷамъшавии сармоя аксар вақт ба таври тавсифӣ шарҳ дода мешавад. Тарафи софи назариявии масъаларо – он чи муайян мекунад, ки истифодаи воқеии захираҳои мавҷуда, гоҳҳо ба таври муфассал таҳқиқ карда мешавад. Назарияи классикии шуғл, ки хеле сода ва возеҳ ҳисобида мешуд, ба назари ман- зикр мекунад Кейнс ба ду нуқта асос ёфтааст: 1) музди меҳнат баробар аст ба маҳсули меҳнати ниҳоӣ. Ин маънои онро дорад, ки музди меҳнати коргар ба арзиши кории он баробар аст; 2) фоиданокии музди меҳнат барои шумораи муайяни коргарони бо кор таъминшуда ба сарбории ниҳоии фаъолияти меҳнатии ҳамон кор баробар аст”[33].

Сотсиологи англис П.Э. Раймонд (1925-2008) тафовути тақсимоти дохили синфи коргаронро на танҳо байни шахсони алоҳида, балки дар байни оилаи онҳо баррасӣ менамояд. Вай дар асараш “Тақсимоти меҳнат” дар бораи тақсимоти мавҷудаи меҳнат байни оилаҳои коргарони бой ва камбизоати ҷазираи Шиппи дар Кент сухан меронад. “Ду ва ё зиёда аъзои калони оила кори муътадил доранд; чун қоида ин гуна одамон хонаи шахсии худ ва зиндагии бароҳат доранд. Камбизоатон бошанд маҷбуранд, ки ба хотири ба даст овардани ягон даромад мубориза баранд”[34].

[33]Кейнса Дж.М. «Общая теория занятости, процента и денег» [Текст]: / Дж.М. Кейнса.-1936.- С.3.
[34]Гидденс Э. Социология [Текст]: / Э. Гидденс, М.:Эдиториал УРСС, 1999.- С.217.

Мутобиқи ин гуна табақабандӣ ва фарқият миёни синфҳои иҷтимоӣ ва табақабандии синфи коргар ва байнисинфӣ имрӯз на танҳо фарқияти касбӣ, ҳамчунин, шаклҳои гуногуни тарзи ҳаёт муайян карда шудааст.

Аз нуқтаи назари сотсиологи англис Э. Гидденс (1938-2004) нисбат ба тақсимоти ҷамъиятии меҳнат зикр мекунад, ки яке аз ченакҳои ҷаҳонишавиро тақсимоти байналхалқии меҳнат ташкил медиҳад. “Яке аз хусусиятҳои асосии системаи муосири иқтисодӣ инкишофи тақсимоти ниҳоят мураккаб ва гуногуни меҳнат мебошад. Ба маънои дигар, кор барои шумораи зиёди намудҳои гуногуни касбҳо тақсим карда мешавад, ки ҳар яки онҳо тахассуси муайян доранд. Дар ҷомеаҳои анъанавӣ, кори ғайрихоҷагӣ бо маҳоратҳои ҳунармандӣ алоқаманд буда, таҷрибаи ин навъ хизматрасониҳо дар муддати дуру дарози омӯзиш аз худ карда мешуд. Масалан, оҳангаре, ки асбоби хоҷагӣ месохт, бояд оҳанро дар оташ гарм мекард, баъдан ба он шакл медод ва ба он маҳсулотро васл мекард. Бо пайдоиши истеҳсолоти муосири саноатӣ, бисёре аз ҳунарҳои анъанавӣ қариб аз байн рафтанд ва он касбҳое боқӣ монданд, ки ҷузъҳои калони истеҳсолиро ташкил медиҳанд”[35].

Фарқияти байни мафҳумҳои “меҳнат” ва “шуғл” аз ҷиҳати методологӣ хеле муҳим аст. Фаҳмиши ин ду мафҳум вобаста ба нуқтаи назари иқтисодшиносон ва омордонҳои рус Г.Б. Корабалева С.Г. Струмлин “меҳнат фаъолияти мақсаднок ва фоидабахши ҷамъиятист ва кор - ин шуғл, ҷойи муайян ва ташкилоти мушаххасест, ки дар он одамон кор мекунанд”[36] тавсиф шудааст.

---

[35]Гидденс Э. Социология [Текст]: / Э. Гидденс, М.: УРСС, (первое издание на русском языке).- 1999.- С.377.

[36]Власова О.И. Молодежные поколенческие группы современной России: ориентации на рабочие профессии [Текст]: / О.И. Власова, Н.Б. Костина.: монография.: Екатеринбург: Изд-во Рос. гос. проф.-пед. ун-та, 2015.-С.82.

Вобаста ба ақидаҳои олимони соҳаи иқтисод ва сотсиология дар бораи тақсимоти ҷамъиятии меҳнат ва шуғл имрӯз ин масъалаҳоро олимони даврони нав бо мафҳуми бо кор фаро гирифтан ва бо шуғл таъмин кардани аҳолии қобили меҳнат ва ё аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол шарҳ дода мешавад.

Фаҳмиши "бо кор таъминкунӣ" аз нуқтаи назари иқтисоди бозорӣ ҳамчун фаъолияти бешуғлӣ ё бекории шахс дар ҷустуҷуйи корро ифода кунад, аз тарафи дигар, маҷмӯи чорабиниҳое мебошад, ки вуҷуд доштани хадамоти шуғли давлатӣ ва ғайридавлатии мусоидаткунанда, дар пайдо кардани ҷойи кор барои шаҳрвандони бекор ва бешуғлро дар назар дорад.

Сотсиологи рус, В.Н. Шубкин (1943-2019) ба масъалаи бо кор таъминкунии ҷавонон дар давраи иқтисодиёти нақшавӣ таҳқиқоти зиёди сотсиологӣ гузаронидааст, ки дар ҷараёни онҳо аксари қонуният ва камбудиҳои тақсимоти нақшавӣ ошкор гардиданд. Чунончӣ, ҷараёни бо шуғл таъминкунии ҷавонони соҳибихтисос аз нуқтаи назари зудтағйирёбандагии ҷамъият дар рафти таҳқиқоти сотсиологии "Лоиҳаи -17-25", ки зери роҳбарии худи В.Н. Шубкин дар вилояти Новосибирски Россия солҳои 1963 то соли 1983 амалӣ шудааст, мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Дар натиҷаи таҳқиқот маълум гардидааст, ки "ҳангоми бо шуғл таъминкунии ҷавонони соҳибихтисос чунин омилҳо, монанди, дараҷа ва динамикаи мавҷудаи тақсимоти ҷамъиятии меҳнат, тамоюли ҳаракати табиӣ ва механикии аҳолӣ, низоми маориф, демография, ҷойивазкунӣ ва нуфузи касбҳо таъсир мерасонад"[37].

Гузариши хатмкунандагони муассисҳои таҳсилоти касбӣ аз зинаи таълим ба меҳнат дар ҷомеаи муосир натанҳо аз хусусиятҳо ва кӯшишҳои фардӣ вобаста мебошад, балки он ба омилҳои сифати таълим, даромаднокӣ ва намудҳои меҳнат алоқаманд аст.

---

[37]Чередниченко Г.А. Молодежь вступает ва жизнь: (Социологиические иследования проблем выбор професии и трудоустройства) [Текст]: / Г.А. Чередниченко, В.Н. Щубкин –М.: Мысль, -1985.-С.103-107

Сотсиологи рус В.И. Чупров (1938-2021) зикр намудааст, ки "дар муомилот ба инобат гирифтани қисми бештари қобилияти фардии ҷавонон ва имконияти азхудкунии хатарҳо ва таваккалҳои беруна муҳим аст"[38]. Намуди таваккалии интихоби касбӣ ҷавонон, аз як тараф, ба хусусиятҳои фардӣ-психологӣ алоқаманд бошад, аз тарафи дигар, ба ҳолати системаи иқтисодӣ вобаста мебошад. Чунин иштибоҳҳо алоқаманданд ба бекорӣ, паст рафтани фаъолии субъекти бозори меҳнат, оқибатҳои нодурусти интихоби касб, ки бевосита ба хусусиятҳои ҳамаи инфрасохтори хоҷагӣ ва системаи мавҷудаи маълумоти касбӣ тавсиф карда мешавад.

Дар натиҷаи таҳқиқоти гузаронидаи сотсиологҳои рус Ю.Р. Вишневский (1938) ва В.Т. Шапко (1940-2009) дар масъалаи шуғли ояндаи донишҷӯён муносибатҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва арзишҳои самтгирии донишҷӯён ба чунин хулоса омадаанд: "Дар шуури донишҷӯён чор мушкилот; камбизоатӣ, беморӣ, бекорӣ ва қонуншиканӣ нуҳуфтааст"[39].

Натиҷаи таҳқиқоти мазкур муайян намуд, ки чунин ҳолатҳои таваккалии ҷойивазкуниии иҷтимоӣ-касбӣ ва таваккали имконияти ғайриамалие, ки дар ҷавонон вуҷуд дорад, ин эҳсоси изтироб ва ноумедӣ мебошад.

Дар асоси таҳқиқоти гузаронидаи сотсиологи рус П.И. Бабочкин "дар самти вобаста ба мушкилоти рӯҳӣ-маънавии мутахассисони муассисаҳои олӣ чунин навъҳои мутобиқ ба ҳолати зоҳирии донишҷӯён ва нақшаи бо кор таъминкунӣ ҷудо карда шудааст: ояндабинӣ - нигоҳ ба умедҳои некбинона; ҳақиқатгаро - ба ояндаи ором назар андохтан,

---

[38]Чупров В.И. Молодежь в обществе риска [Текст]: / В.И. Чупров, Ю.А. Зубок, К. Уильямс- М.: Наука, -2001. –С. 67.
[39]Вишневский Ю.Р. Студент 90-х –социокултурная динамика [Текст]: / Ю.Р. Вишневсикий, В.Т. Шапко // Социол. Исслед-200.-№12.-С.56-63.

бе ягон умед ва хаёли махсус; изтиробнок - нигоҳи оянда бо изтироб ва нобоварӣ; маъюскунанда - нигоҳи оянда бо тарс ва маъюсӣ”[40].

Тибқи натиҷаҳои таҳқиқоти ин муҳаққиқ хатмкунандагон баъди хатми муассисаи таҳсилоти касбӣ ҳолатҳои гуногуни ноумедӣ ва нобовариро дар зеҳни худ мепарваранд.

Яке аз қадамҳои аввалин ва кӯшиши таҳлили асосҳои назариявӣ ва коркарди дуюмини таҳқиқоти психологӣ ва сотсиологии муайян намудани дурнамои рафтори ҷавонони соҳибихтисос дар бозори меҳнат ба сотсиологи рус Н.Н. Федотова тааллуқ дорад. “Дар раванди ташкили дурнамои рафтори ҷавонон дар бозори меҳнат муҳақиқ омилҳои зеринро баррасӣ кардааст: раванди воридшавии фард ба системаи арзишҳо - меъёрҳои анъанавӣ ё муосир (қабулкунӣ, дастгирӣ, муқобилият ё номуайянии самти ӯ); дараҷаи мутобиқшавии субъект ба қоидаҳои нави иқтисодӣ вобаста мебошад. Дар алоқа бо ин панҷ навъи дурнамои рафтори гурӯҳи ҷавононро ҷудо кардааст: ғайрифаъолӣ-рефлексивии суст, муътадил ва мутобиқшавии фаъоли касбӣ, воситавӣ ва ҷиноӣ”[41]. Дар натиҷаи таҳқиқоти амалӣ муайян карда шуд, ки барои хатмкунадагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ ду навъи дурнамои рафтор дар бозори меҳнат хос аст: муътадилӣ, мутобиқшавии фаъоли касбӣ ва рафтори фаъоли мусбат-воситавӣ. Хатмкунандагон тибқи дурнамои рафтори аввал -ҳалли масъалаи шуғл, ташкили ҷойҳои корӣ ва пешниҳоди имтиёзҳо ба души давлат вогузор карда шудааст. Тибқи тарафдорони гурӯҳи дуюми дурнамои рафтор тамоми зарурият барои ҳаёт, таъминоти неъматҳои моддӣ яке аз қисмҳои лозимии муваффақият ва дар ин замина истифодаи тамоми чораҳо ба шумор рафта, ҳатто лозим ояд таваккал кардан воситаи муносиби муваффақият дар ин самт хоҳад шуд.

---

[40]Бабочкин П.И. Проблема становления специалистов в высшей школе (Региональный аспект) [Текст]: / П.И. Бабочкин- М.:1997.-С.88-91.
[41]Федотова Н.Н. Социально-профессиональный статус поствузовской молодежи на рынке труда [Текст]: / Н.Н. Федотова, Саратов. Изд-во Поволж. Межрегион. Учеб. Центра, Саратов.-2000.- С.44-45.

Дар ин асос, муҳаққиқи соҳаи иқтисод Л.В. Широкова масъалаи бо кор таъминкуниро чунин таъриф додааст. “**Бо кор таъминкунии хатмкунандагон – нишондиҳандаи натиҷавии марҳилаҳои раванди маълумот, дар сатҳ ва ҷараёни инкишофе, ки таъсири раванди васеи омилҳои бевосита ва бавоситаро мерасонад, дар бар мегирад. Бо кор таъминкунии хатмкунандагон яке аз меъёрҳои муҳими мусбати фаъолияти таҳсилоти олӣ маҳсуб меёбад**”[42].

Шуғл яке аз соҳаҳои муҳимтарини ҳаёти инсон аст. Он чунин шартҳои асосии мавҷудияти худро дар бар мегирад: худмуайянкунии касбии меҳнат ва ташкили даромадҳо, ки имкониятҳои такрористеҳсолкунӣ ва сатҳи зиндагиро муайян мекунад. Дар баробари ин соҳаи шуғл аз кор оғоз намуда, бо шумораи зиёд ва шаклҳои нобаробар, ҷойҳои корӣ ва даромад макони мутамарказ кардани мушкилоти мураккабтарини иқтисодию иҷтимоӣ, номутаносибии миқдорӣ ва сифатии онҳо мегардад[43].

Муҳаққиқи тоҷик С. Шодибек шуғли аҳолиро аз нуқтаи назари чунин системаи муносибатҳо баҳо додааст: ташкили система, таъминкунандаи раванди истеҳсолот, тақсимот, мубодила ва истифодаи қувваи корӣ дар раванди истеҳсоли неъматҳои ҷамъиятӣ – неъматҳои фоиданоки моддӣ ва хизматрасонӣ; ҳамчунин “маҷмӯи муносибатҳо бо сабаби иштироки аҳолӣ дар фаъолияти меҳнатӣ, ифодаи чораҳоро дар меҳнат, дараҷаи қонеъ кардани талаботи ҷамъиятии кормандон ва талаботи шахсӣ, мақсадҳои шахсӣ дар ҷойҳои корӣ, ҳангоми ба даст овардани даромад; инчунин муносибати иқтисодӣ - ҷамъиятӣ, ки дар он одамон миёни якдигар бо сабаби иштирок дар меҳнати фоиданоки ҷамъиятӣ дохил мегарданд; ҳамчунин муносибати ҷамъиятӣ на танҳо бо сабаби таъмини аҳолӣ бо ҷойи кор (яъне бо ҳолати истеҳсолот ва пасандоз), аммо

---

[42]Широкова Л.В. Планирование профессиональной карьеры [Текст]: / учеб. пособие / Л.В. Широкова; Юго-Зап. гос. ун-т. – Курск, 2019. – С.21.

[43]Маслова Е.В. Рынок труда и регулирование занятости: развитие профессиональных компетенций и способности трудоустройства молодых специалистов: монография [Текст]: / Е.В. Маслова, Воронежский государственный университет. – Воронеж: Издательский дом ВГУ, 2017. - С.12.

таъмини шахс бо воситаҳои мавҷудаи лозимӣ (яъне дар алоқа бо ташкили истифодаи захираи пасандоз)”[44].

Аз ин рӯ, шуғли аҳолӣ падидаи иҷтимоӣ-иқтисодӣ буда, хусусияти фаъоли манфиати ҷамъиятиро дорад, чунки дар он иштироки ҳар як шахс дида мешавад. Чунин равиш бо таъмини манфиатҳои ҷамъиятӣ ва шахсӣ алоқаманд буда, ҳангоми омӯзиши масъалаи шуғли аҳолӣ, равандҳои гуногуни иҷтимоӣ – иқтисодӣ ба вуҷуд меоянд.

Тибқи андешаи муҳаққиқи тоҷик Н.М. Давлатбахт ҷалб намудани аҳолии қобили меҳнат ба шуғл, ки таркиби захираҳои меҳнатиро ташкил медиҳад, онҳо ҳамчун табақаи аҳолии дорои қобилияти ҷисмонию ақлонӣ ба сифати истеҳсолкунандаи неъматҳои моддӣ баромад мекунанд[45]. Дар баробари аҳолии қобили меҳнат нафарони бешуғл ва машғул низ дохил карда мешаванд.

Тайёр кардан ва такмили ихтисоси кадрҳо аз нуқтаи назари муҳаққиқи тоҷик Ф.М. Васиев “бевосита ба дараҷаи ҳосилнокии меҳнат ва самаранокии он таъсир мерасонад. Паст гардидани шумораи кормандоне, ки омодагии пешакӣ ва такмили ихтисосро гузаштаанд ба сатҳи инкишофи маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ дар кишвар таъсири манфӣ мерасонад”[46].

Тибқи ақидаи муҳаққиқи тоҷик К.Р. Кабутов чунин фарқиятҳо дар муносибати ҷавонон нисбати шуғл вуҷуд дорад. “Ба монанди - а) бешуғлӣ, аммо дар ҷустуҷуйи кор; б) ҷавонони машғул, аммо аз шуғли худ қонеънабуда ва ё дар бораи даромади иловагӣ, ё зарурати дигар кардани шуғл; в) он қисмати ҷавононе, ки таҳдиди рондан аз кор ё

[44]Шодибеки С. Совершенствование управления процессами занятости в промышленности (на материалах Республики Таджикистан) [Текст]:дисс…конд.экон.наук / Шодибеки Сафар- Душанбе – 2020.- С.16-17.
[45]Давлатбахт Н.М. Государственное регулирование рынка труда и занятости сельского населения в условиях рыночной экономики (на материалах Республики Таджикистан) [Текст]: / автореф. дисс…кон.экон.наук. Набиева Давлатбахт Маджидовна. Душанбе - 2016. – С.8.
[46]Васиев Ф.М. Формирование организационно-экономического механизма занятости населения в условиях рыночной экономики:теория, методология, практика (на материалах Республики Таджикистан) [Текст]: дисс...док.эконом.наук / Васиев Фаридун Маҳмадович.- Душанбе-2019. – С.108.

ихтисор шудан аз сабаби тангии буҷети молиявии корхона ва тобеи роҳбар будан вуҷуд дорад”[47].

Аз сабаби он ки имрӯз бекорӣ миёни насли ҷавон нисбатан зиёд ба чашм мерасад, аз ин хотир метавонад сабаби ба миён омадани паёмадҳои манфӣ дар ҷомеа гардад.

Мақсади асосии системаи идоракунии шуғл аз он иборат аст, ки талабот ба қувваи корӣ ва ба сохтори талаботи меҳнат наздик кардани сохтори пешниҳоди қувваи корӣ мебошад. Амалан ин маънои онро дорад, ки коркард ва амалӣ сохтани маҷмӯи тадбирҳоро оид ба таъмин кардани сохтори қувваи корӣ ба шароити тағйирёбанда мувофиқ бошад[48]. Сатҳи шоистаи зиндагӣ дар кишвар ва ҷомеа аз ҳисоби рушди иқтисодӣ ва барои ҳар шахс тавассути шуғли самаранок, меҳнати сермаҳсул ва тақсими одилонаи неъматҳои моддию даромад дар ҷомеа ба даст оварда мешавад. “Консепсияи рушди инсон ба сифати яке аз унсурҳои маҳсулнокии меҳнат тавсиф дода мешавад. Дар назар дошта шудааст, ки одамон бояд имконияти баланд бардоштани маҳсулнокии меҳнати худро дошта бошанд, дар раванди ба даст овардани даромад ва барои мукофоти арзанда самарнок меҳнат кунанд[49].

Таҳқиқоти имрӯзаи соҳаи иҷтимоӣ-иқтисодӣ нишон медиҳанд, ки ташаккул ва инкишофи нақши омили инсонӣ дар раванди истеҳсолот ва вобастагии навгониҳо аз омодагии қувваи корӣ вобаста аст. Хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ дар бозори меҳнат – нафароне ҳастанд, ки дорои қобилияту истеъдоди фурушандагӣ ва таҷрибаю дониши худ мебошанд. Вазифаи асосии хатмкунандагони муасиссаҳои таҳсилоти касбӣ омӯзиши паҳлуҳои бозори меҳнат, эҳсос

[47]Кабутов К.Р. Регулирование занятости молодежи в условиях трудоизбыточности рынка труда (на примере Республики Таджикистан) [Текст]:дисс…кон.экон.наук / Кабутов Кудратулло Рахматуллоевич - Душанбе – 2022.- С.26-31.
[48]Генкин Б.М. Экономика и социология труда [Текст]: / Б.М. Генкин учеб. для вузов - 7-е изд., доп. — М.: Норма, 2007. – С.394.
[49]Колосова Р.П. Человеческое развитие и эффективная занятость [Текст]: / Р.П. Колосова, Р.О. Татьяна. Журнал: Уровень жизни населения регионов. №4. М.: Изд-во-Федеральный научно-иследовательский социологический центр РАН -2012.- С.116-121.

намудани талабот, ба вуҷуд овардани пешниҳоди арзанда бо манфиат, савдои он бо нархи мувофиқ ва ба даст овардани имконияти машғул гардидан ба ҳар навъи кор ва инкишофи касб аст.

Хулоса, масъалаҳои меҳнат, тақсимоти ҷамъиятии меҳнат, шуғл, ҳолати хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ, захираҳои меҳнатӣ аз тарафи муҳаққиқон ва олимони соҳаи иқтисодию сотсиология, аз ҷумла, классикони мактабҳои иқтисодӣ ба таври гуногун шарҳ дода шудааст. Дар баробари ин, муҳаққиқон зарурати тақсимоти ҷамъиятии меҳнатро вобаста ба давраҳои таърихии инсоният шарҳ дода, муҳимияти онро барои аъзоёни ҷамъият ва инкишофи бардавоми ҳаёти ҷомеа муҳим ҳисобидаанд. Ҳар як муҳаққиқ нуқтаи назари худро нисбати масъалаи тақсимоти ҷамъиятии меҳнат ва шуғл вобаста ба шароити таърихии ҳаёти ҷамъиятӣ ва тарзи истеҳсолоти мавҷуда баррасӣ кардааст. Омӯзиши он, роҳёфт ба он аз ҷанбаҳои гуногуни иқтисодӣ баҳо дода шуда, нуқтаи назари онҳо нисбати ин самти фаъолияти шахс гуногун аст, чунки ба он категорияҳои гуногуни аҳолӣ бо минталитет, хусусиятҳо, талабот, самти фаъолият, арзишҳо вомехӯрад.

## 1.2.Таҷрибаи собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ва кишварҳои Аврупо дар ташкили системаи бо шуғл таъминкунии хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти олӣ

Пешравии иқтисодиёти ҳар як давлат, пеш аз ҳама, ба дараҷаи истифодаи қувваи корӣ вобаста мебошад. Бинобар ин, маблағгузорӣ намудан барои беҳтар намудани сифати захираҳои меҳнатӣ нисбати маблағгузорӣ ба дигар самтҳои ҳаёти ҷамъиятӣ бояд самараноктар бошад. Доир ба ин, дар зарбулмасали хитоӣ чунин омадааст. “Агар хоҳед пешравиро барои як сол ташкил намоед - дона парвариш намоед;

агар хоҳед пешравиро барои даҳ сол ташкил намоед - дарахт парвариш намоед; агар хоҳед пешравиро барои сад сол ташкил намоед - одамонро парвариш намоед”. Яъне, барои ташкили пешравии давомнок ва устувори иқтисодиёт бояд ба сифати қувваи корӣ диққати махсус дода шавад[50]. Сифати қувваҳои истеҳсолкунанда, пеш аз ҳама, ба дараҷаи маълумотнокии онҳо алоқаманд буда, инкишофи ояндаи кишвар ба сатҳи тайёрии мутахассисон ва фаъолияти самараноки гурӯҳҳои иҷтимоии ҷомеа вобаста мебошад. Таъсири инқилоби илмӣ-техникӣ ба қувваҳои корӣ якхела нест. Аз як тараф, барои иҷрои ҳаҷми кори муайян миқдори ками коргар лозим меояд, аз тарафи дигар, инқилоби илмӣ - техникӣ воситаҳои нави истеҳсолотро ба вуҷуд оварда талаботро афзун мегардонад.

Чуноне ки муҳаққиқи рус И.И. Задорожная зикр кардааст: “Яке аз меъёрҳои асосии баҳодиии сифати маълумоти касбӣ ҳиссаи бо шуғл таъминшавии хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ баъди ба анҷом расонидани таҳсил маҳсуб мешавад”[51]. Неруи асосии истеҳсолии ҳар як ҷомеа, гурӯҳҳои иҷтимоӣ ба ҳисоб мераванд. Хусусият ва суръати рушди қувваҳои истеҳсолкунанда ба он вобаста аст, ки ҷалб кардан, тақсим кардан, аз нав тақсим кардан ва истифодаи онҳо дар истеҳсолоти ҷамъиятӣ чӣ гуна ташкил карда мешавад[52].

Дар ҳар як ҷомеа қувваҳои истеҳсолӣ ҳамчун неруҳои пуркудрат дар асоси талаботи ҷамъият амал карда, баҳри қонеъ кардани онҳо талош менамоянд. Маҳз талабот боиси ба вуҷуд омадани қувваҳои нави истеҳсолӣ мегардад.

Мушкилоти ҷалб кардан ба шуғл ва тақсимоти оқилонаи қувваи корӣ дар миқёси минтақавӣ ва соҳавӣ дар шароити норасоии захираҳои

[50]Иқтисодиёти ҷаҳон. Дастури таълимӣ-методӣ [Матн]: / “Эр-граф”, Душанбе,- 2012.- С.154.
[51]Задорожная И.И. Трудоустройство выпускников вузов: социологичиеский анализ [Текст]: / дисс… канд. социол. наук. соц наук. Задорожная Ирина Игоревна. Нижний Новгород - 2004.- С.40.
[52]Уржинский К.П. Трудоустройство граждан в СССР [Матн]: / К.П. Уржинский. - М.:Юрид. лит., - 1967.- С.7.

меҳнатӣ аҳамияти хоса дорад. Талаботи ҳарсолаи кишвар ба меҳнати ҷамъиятӣ, аз як тараф, ба коҳиш ёфтани имконияти қонеъ кардани онҳо аз ҳисоби норасоии захираҳои меҳнатӣ, аз тарфи дигар, зарурати фаврии такмил додани равандҳои тақсимоти захираҳои меҳнатиро тақозо менамояд[53].

Имрӯз ҷалби қувваҳои корӣ дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ба яке аз мушкилоти муҳим табдил ёфтааст. Ҳоло бо пешрафти техникаву технологияи муосири соҳаи иқтисодӣ, иҷтимоӣ - фарҳангӣ мавқеи баъзе аз коргарон дар корхонаву муассисаҳои истеҳсолӣ бо сабаби сатҳи пасти тахассусӣ то андозае коҳиш ёфтааст. Дар замони Иттиҳоди Шӯравӣ мамлакатҳои умумииттифоқӣ мувозинати сатҳи инкишофи иқтисодии ҷомеаро дар сатҳи лозимӣ нигоҳ медоштанд. Он системаи муайяни нигоҳдорандаи қувваҳои корӣ, ки дар ҳамон вақт таъсис ёфта буд, кумак мекард, то инки тамоми соҳаҳои иқтисодиёти давлатҳои аъзо дар сатҳи муайян фаъолият намоянд.

Яке аз ҳадафҳои асосии бо шуғл таъмин кардан дар замони Шӯравӣ аз он иборат буд, ки аҳолии қобили меҳнат ва қувваҳои корӣ дар соҳаҳои мухталифи кишвар самаранок ҷо ба ҷогузорӣ карда шаванд. Соли 1966 дар ИҶШС системаи ягонаи бо кор таъминкунӣ таъсис дода мешавад, ки он дарбаргирандаи тамоми табақаҳои аҳолии кишвари бузурги Ҷумҳуриҳои Иттифоқӣ буд. Бо ёрии системаи бо кор таъминкунӣ корхонаҳо талаботи қувваҳои кории худро қонеъ мегардонданд[54]. Дар асоси ин системаи давлати шӯравӣ дар роҳи тақсимоти захираҳои меҳнатӣ шаклҳои гуногуни идоракуниро истифода мебурд, то ки тамоми аҳолии қобили меҳнат дар соҳаҳои хоҷагии халқ бо шуғл таъмин шуда, талаботи ҷомеаро қонеъ гардонанд, чунки фаъолияти ташкилотҳои мутасаддӣ дар ин самт назаррас буд.

[53]Магницкая Е.В. Распределение трудовых ресурсов: (Правовые вопросы) [Текст]: / Е.В. Магницкая, А.С. Пашков-М.: Юрид. лит, - 1980.- С.57.
[54]Ҳамон ҷо:- С.107.

Шуғлмандӣ ҳамчун шакли мусоидат дар ҷусутуҷӯ ва ёфтани кор дорои намудҳои зерин буд: 1) ташкили муташакилонаи коргарон; 2) муроҷиати оммавӣ; 3) ба дигар корхона ё ба маҳалли дигар интиқол додани коргарон ва хизматчиён; 4) ба дигар хоҷагии қишлоқ кӯчонидан; 5) шуғл тавассути бюрои шаҳрӣ оид ба меҳнат; 6) шуғл ҳангоми сафар ва баъзе намудҳои дигар[55]. Чунин намудҳои бо кор таъминкунӣ дар замони шӯравӣ воситаҳои муносиб дар ҷалби аҳолии қобили меҳнат ба шуғли муваққативу доимӣ ба шумор мерафт. Аз як тараф, саҳми аҳолӣ дар меҳнати ҷамъиятӣ, дуюм қонеъ кардани талаботи мардум ва сеюм сатҳи шуғлмандӣ миёни қувваҳои корӣ амалӣ мегардид.

Мутобиқи моддаи 14-уми Конситутсияи Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Иттифоқи Шӯравӣ сарчашмаи афзоиши бойигарии ҷомеа некуаҳволии халқ ба ҳисоб меравад. Аз рӯйи моддаи 40-уми Конситутсияи ИҶШС ҳар як шаҳрванди Иттиҳоди Шӯравӣ ҳуқуқ ба меҳнат кардан ва дар асоси меҳнати худ кафолати гирифтани музди меҳнаташро дошт. Инчунин, интихоби озоди касб, шакли машғулият, омодагии касбӣ ва маълумот гирифтанро мутобиқи талаботи ҷамъият соҳиб буд. Иттиҳоди Шӯравӣ хостгори он буд, ки меҳнат бояд умумӣ бошад. Бинобар ин, талаботи ҷомеаи сотсиалистӣ аз байн бурдани моликияти хусусӣ буд, воситаҳои истеҳсолот ба синфи коргар тааллуқ дошт ва баробарии иҷтимоӣ риоя мешуд.

Дар замони Иттиҳоди Шӯравӣ тамоми хизматрасониҳои соҳаи тандурустӣ, илму маориф ба аҳолӣ ба таври ройгон расонида мешуд. Ин афзалият баҳри осоиштагии мардум, таъмини қувваҳои коргарӣ мусоидат менамуданд. Барои ҳавасмандгардонии коргари худ ҳар як корхона як қатор имтиёзҳо аз қабили манзили зист, шароити тарбияи томактабии кӯдакони коргар, иҷозати ба осоишгоҳу лагерҳо рафтани

[55]Медведев О.М. Трудоустройство и его виды в СССР [Текст]: / Учебное пособие / О.М. Медведев, М.: -1985.- С.26-27.

фарзандони онҳоро пешниҳод менамуд. Нақши асосиро дар тақсимот ва бо шуғлтаъминкунӣ дар он замон ҳуқуқи меҳнатии шӯравӣ иҷро мекард.

Дар асоси ҳуқуқи батанзимдарории маълумоти умумӣ ва касбии омодакунии кадрҳо ҳуқуқи конститутсионии одамони шӯравӣ барои маълумот инъикос гаридида буд[56]. Яъне, тамоми шаҳрвандони Иттиҳоди Шӯравӣ ҳуқуқи таҳсили ройгонро мутобиқи Конститутсияи ИҶШС дар ҳама шаклҳои таълим доштанд. Имтиёзҳо барои донишҷӯён хеле зиёд буд ва имконият медод, ки ҷавонон ба худомӯзӣ саъю кӯшиш кунанд. Мақсад ва мазмуни ҳуқуқ ба маълумот, омода намудани аҳолӣ ба фаъолияти минбаъдаи меҳнатӣ ва ҷавобгӯ будан ба талаботи ҷамъиятӣ хусусияти воқеӣ дошт. Ҷавононро дар шароити инкишофи сотсиализм ҳамеша дар рӯҳияи меҳнатдӯстӣ, нисбати меҳнат муносибати ҷиддӣ намудан, иштирок кардан дар соҳаҳои гуногуни истеҳсолот тарбия менамуданд.

Дар раванди бо кор таъминкунӣ маҷмӯи муносибатҳои ҳуқуқӣ дар мадди аввал гузошта мешуд. Тамоми ин муносибатҳоро чунин гурӯҳбандӣ нишон медиҳад: ки бо кор таъмин мекунад (ташкилотҳои бо кор таъминкунанда); киро бо кор таъмин мекунанд (шаҳрвандонро бо кор таъмин мекунанд); дар куҷо бо кор таъмин мекунанд (дар корхона)[57]. Якум гурӯҳи муносибат тамоми корхонаҳоеро дарбар мегирифт, ки дар онҳо ҷойҳои кори холӣ вуҷуд дорад, дуюм шаҳрвандоне, ки бе ҷойи кор буданд дар ин корхонаҳо бо кор таъмин мешаванд.

Дар самти бошуғл таъминкунии шаҳрвандон давлат як қатор чорабиниҳоро ба роҳ мемонд. Пеш аз ҳама, тамоми ташкилотҳои давлатӣ вазифадор буданд, ки дар асоси муроҷиати шаҳрвандон ҳангоми кор мутобиқ ба ихтисосу касбашон шартномаҳои меҳнатӣ баста, тамоми шароитро барои фаъолияти меҳнатӣ муҳайё намоянд. Ҳамаи меъёрҳои

---

[56]Магницкая Е.В. Распределение трудовых рессурсов: (Правовые вопросы) [Текст]: / Е.В. Магницкая, А.С. Пашко -М.: Юрид. лит, - 1980.- С.28.
[57]Уржинский К.П. Трудоустройство граждан в СССР [Матн]: / К.П. Уржинский. - М.:Юрид. лит.- 1967.- С.74.

муайянкардаи давлат барои бо шуғл таъминкунӣ ва ҷустуҷӯйи кор барои тамоми шаҳрвандон ҳангоми таъмини шуғл ба онҳо кафолат медод.

“Интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳо - ин тақсимоти қувваҳои кории дохили корхона, ки дар шакли қабул ба кор, ҳамчунин, интиқоли коргарон, ҷойгир кардани коргарон ва хизматчиён дар ҳудуди муайян ба ҳисоб меравад”[58]. Чунин тақсимот ва ҷобаҷогузории кадрҳо барои барқароркунии муносибатҳои ҳуқуқии байни коргарон ва корхонаи истеҳсолӣ буд. “Азнавтақсимкунӣ-ин тақсимоти дубора ва озод намудани коргарон аз як корхона ва қабули онҳо дар дигар корхона буд”.

Тақсимоти кадрҳо дар замони шӯравӣ айёми инкишофи сотсиализм дар назди давлат масъалаҳои зиёди иқтисодӣ, иҷтимоӣ-фарҳангиро пеш гузошта буд. Барои ҳалли мушкилиҳои зикршуда Ҳукумати Шӯравӣ роҳи ягонаро дар сатҳи истеҳсолоти ҷамъиятӣ, хусусан фаъолияти меҳнатии шаҳрвандон медид. Хусусияти аввалиндараҷаи чунин тақсимот дар замони шӯравӣ, афзун намудани шумораи тақсимшавандагон дар коллективҳои меҳнатӣ, дуюм кафолати пурраи ҷойи кории коргарони тақсимотшуда, дар асоси созишномаи басташуда, дар ҷойи муайяни корӣ иборат буд.

Ҳалли бомуваффақи вазифаҳои гуногуни иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар назди мамлакат, - гуфта шуда буд дар Анҷумани XXV-и Ҳизби Коммунистии Иттиҳоди Шӯравӣ,- ягон роҳи дигар нест ба ҷуз инкишофи босуръати меҳнати истеҳсолӣ ва баланд бардоштани самаранокии тамоми истеҳсолоти ҷамъиятӣ[59]. Бинобар ин, истифода ва ҷобаҷогузории захираҳои меҳнатӣ яке аз ҳадафҳои асосии инкишофи хоҷагии халқи шӯравӣ ба ҳисоб мерафт.

---

[58]Медведев О.М. Трудоустройство и его виды в СССР [Текст]: / Учебное пособие / О.М. Медведев, М.: -1985.- С.18.

[59]Магницкая Е.В. Распределение трудовых рессурсов: (Правовые вопросы) [Текст]: / Е.В. Магницкая, А.С. Пашков-М.: Юрид. лит, - 1980.- С.3.

Бо шуғл таъминкунӣ ҳамчун категорияи ҳуқуқӣ бо принсипҳои умумияти меҳнат бо чунин ҷанбаҳо алоқаманд аст: ҳуқуқи субъективии шаҳрвандони шӯравӣ дар вақти бо кор таъминкунӣ, муайян кардани меъёр дар бораи бо кор таъминкунӣ ҳамчун асоси меъёрҳои ҳуқуқӣ, муносибатҳои ҳуқуқӣ аз рӯйи бо кор таъминкунӣ; бо кор таъминкунӣ ҳамчун яке аз воситаҳои ҷалби шаҳрвандон ба меҳнат ва таъмини хоҷагии халқ бо кадрҳо, инчунин устувории онҳо[60]. Тамоми ҷанбаҳои ҳуқуқии масъалаҳои бо шуғлтаъминкунии зикршуда, хусусияти ҳуқуқиро доро буда, нақши муҳимро дар ин росто меъёрҳои ҳуқуқӣ бозида, дар танзимкунии муносибатҳои иҷтимоии аҳолӣ пешбинӣ шуда буд.

Ҷойи махсусро миёни шаклҳои ташкилию ҳуқуқии ҷалб кардан ба меҳнат ва тақсимоти қувваҳои корӣ даъвати ҷамъиятӣ ишғол мекард[61], махсусан, ҷавонон дар тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ фаъолият мекарданд. Ба воситаи даъвати ҷамъиятӣ дар замони шӯравӣ тамоми сохтмону корхонаҳои мамлакат то дараҷаи лозимӣ бо кадрҳо таъмин мешуданд. Баробари бо шуғл таъмин кардани ҷавононе, ки муассисаҳои таҳсилоти ҳамагонӣ, муассисаҳои таҳсилоти касбиро хатм мекарданд, бо шуғл таъминкунии шахсоне, ки имконияти маҳдуд доштанд ва ё шахсони аз кор озодшуда ҳатмӣ шуморида мешуд.

Даъвати ҷамъиятӣ ба чунин хусусиятҳо мусоидат мекард: а) ҷалби захираҳои нави меҳнатӣ дар соҳаҳо ва ноҳияҳо, он ҷойҳое, ки нарасидани кадрҳо эҳсос карда мешуд; б) тақсимоти ҳудудии захираҳои меҳнатӣ, аз ҳама муҳим ба манфиати ноҳияҳо; в) тақсимоти кадрҳои байни соҳавӣ[62]. Хусусияти дигари ин даъват аз он иборат буд, ки мардум бо хоҳиши худ ва ихтиёрона ба он сафарбар мешуданд. Дар Қонунгузории Иттиҳоди Шӯравӣ оид ба даъвати ҷамъиятӣ ягон

[60]Уржинский К.П. Трудоустройство граждан в СССР [Матн]: / К.П. Уржинский. - М.:Юрид. лит., - 1967.- С.17.
[61]Магницкая Е.В. Распределение трудовых рессурсов: (Правовые вопросы) [Текст]: / Е.В. Магницкая, А.С. Пашков-М.: Юрид. лит, - 1980.- С.102.
[62]Ҳамон ҷо:- С.103.

дастурамалу имтиёзҳо вуҷуд надошт. Даъвати ҷамъиятӣ, ки донишҷӯён ҳангоми таътил даъват мешуданд, онҳо дар тамоми соҳаҳои хоҷагии мамлакат сафарбар мегардиданд.

Шакли дигари бо шуғл таъминкунӣ ба монанди бо шуғл таъминкунии ҷавонон, ки муассисаҳои таҳсилоти ҳамагониро хатм мекунанд, бо шуғл таъминкунии шахсоне, ки имконияти маҳдуд доранд, бо шуғл таъминкунии хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, олии касбӣ, бо шуғл таъминкунии шахсони аз кор озодшуда ва дигар шаклҳо ба ҳисоб мерафт. Масъалаи шуғлмандии шахсони маъюб самти дигари фаъолияти ниҳодии ба кор таъминкунӣ ба ҳисоб мерафт. Ин мушкилӣ аз тарафи ташкилотҳои ҳифзи иҷтимоӣ, мақомоти иҷроияи маҳалии Шурои Вакилони халқӣ ва дигар корхонаҳо дар самти шуғли маъюбон, вогузошта шуда буд, таъмин мегардид, инчунин, дар давраи мавҷудияти ҳокимияти шӯравӣ корхонаҳои махсус барои шахсони маъюбиятдошта фаъолият менамуданд.

Дар Қарори анҷумани XXV-и Ҳизби Коммунистии Иттиҳоди Шӯравӣ зикр шуда буд, ки пеш аз ҳама, масъалаи вазифаҳои баланд бардоштани сатҳи роҳбарӣ дар соҳаи хоҷагии халқ ва масъалаҳои марбут ба иқтисодиёти мамлакат бояд ҳалли мусбати худро ёбад. Дар Конститутсияи нав қабулшудаи Иттиҳоди Шӯравӣ мушкилоти роҳёфти касбӣ ва бо шуғл таъминкунӣ хеле хуб матраҳ гардида буд. Комитети давлатии оид ба меҳнат дар мувофиқа бо вазъияти баамаломадаи ҳамон давра дар асоси Нақшаи давлатии ИҶШС якҷоя бо Вазорати молияи ИҶШС, Маркази умумииттифоқии касабаи шӯравӣ бо Шурои Вазирони ИҶШС як қатор вазифаҳоро кор карда баромаданд, ки он чорабиниҳоро баҳри баланд бардоштани некуаҳволии халқ вобаста ба меҳнати самаранок, музди маош барои таъмини ҳифзи иҷтимоӣ, омода намудани нақшаҳои дарозмуддат, барои инкишофи соҳаҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва ғайраро дарбар мегирифт.

Тақсимоти хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ-техникӣ, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи махсуси касбӣ ва олии касбӣ дар институти бо шуғл таъминкунӣ яке аз ҷойҳои намоёнро дар ин ҷабҳа ишғол мекард.

Хатмкардагоне, ки аз рӯйи тақсимоти мутахассисони ҷавон ё коргарони ҷавони (хизматчӣ) кадрӣ ба муҳлати муайян дар ҷойи муайян кор мекунанд. Тақсимоти хатмкунандагон на дертар аз ду моҳи анҷом ёфтани соли хониш дар муассисаи таълимӣ аз тарафи комиссияи тақсимоти хатмкунандагон анҷом дода мешуд[63]. Хатмкунандагон имконият ва ҳуқуқи корро аз рӯйи ихтисос ва тахассуси худ мегирифтанд, ки ин тақсимбандӣ вобаста ба тақсимоти меҳнат мувофиқат мекард.

Вобаста ба ин дар танзими ҳуқуқии бо шуғлтаъминкунии хатмкунандагон чунин тамоюлҳоро метавон нишон дод. 1. Васеъшавии доираи амали меъёрҳо, маълумоти идоракунандаи намуди бо шуғл таъминкунӣ; 2. Бавуҷудоии алоқаҳои нави ҳуқуқӣ; 3. Тақвиятбахшии накшагии ибтидоӣ ҳангоми бо шуғл таъминкунӣ; 4. Баландбардории накши ҷамъиятӣ дар ҷобаҷо кардани хатмкунандагон; 5. Муқаррар кардани кафолатҳои нав барои бо шуғл таъминшавандагон; 6. Дохил намудани воситаҳои иловагии ҳуқуқии хатмкунандагон дар истеҳсолот; 7. Баланд бардоштани ҳавасмандии корхонаҳо барои оқилона ҷобаҷогузории бо кор таъминшавандагон; 8. Васеъ намудани доираи ташкилотҳо ва иштироки онҳо ҳангоми бо шуғл таъминкунии хатмкунандагон[64]. Муносибати масъулиятнок ва риояи ҷиддӣ нисбат ба омилҳои зикршуда дар вақти бо шуғл таъминкунии мутахассисони ҷавон

---

[63]Справочник молодого специалиста. Сам себе эксперт [электронный ресурс]. URL: http://www.vgak.by/images/documents/Spravochnik_molodogo_spetsialista_Sam_sebe_expe.pdf (дата обращения:04.11.2021).

[64]Уржинский К.П. Трудоустройство граждан в СССР [Матн]: / К.П.Уржинский. - М.:Юрид. лит., - 1967.- С.114.

дар ИҶШС норасогии ояндаи кадрҳоро дар соҳаи хоҷагии халқ коҳиш медод.

Масъалаи бо шуғл таъминкунии хатмкунандагон аз сифати таълими онҳо ва намуди муассисаи таълимӣ вобаста буд. Дар ин раванд метавон чор гурӯҳи асосии муносибатҳои ҳуқуқиро аз ҳам ҷудо кард: 1) байни муассисаи таълимӣ ва ташкилоти идораи давлатӣ дар масъалаи банақшагирӣ ва омодагӣ ба тақсимот; 2) байни муассисаи таълимӣ ва корхона дар масъалаи равонакунии хатмкунандагон; 3) байни ташкилоти бо кор таъминкунанда (муассисаи таълимӣ, комиссияи махсус) ва хатмкунандагон бо сабаби тақсимот ва роҳхат ба кор; 4) байни корхона ва хатмкунандаи ба кор дохилшаванда[65]. Дар ин гурӯҳбандӣ ду гурӯҳи аввал алоқаи миёни ташкилоти ба кор таъминкунанда ва муассисаи таълимиро дар масъалаи тақсимоти кадрҳо ва бо шуғл таъминкунии онҳо муайян мекунад. Нуқтаи дигари ин гурӯҳи муносибатҳои ҳуқуқӣ, вақте ки хатмкунанда ба корхонаи истеҳсолӣ меравад, муносибатҳои ҳуқуқӣ аз лаҳзаи бастани шартномаи меҳнатӣ байни коргар ва корхона оғоз меёбад. Комиссия оид ба тақсимоти кадрҳо дар бораи хусусияти кор дар корхона, маоши корхона ва дигар маълумоти лозимиро ба хатмкунандагон дастрас менамуд.

Тақсимоти хатмкунандагони муасиссаҳои таълимӣ, ба монанди хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва аспирантон яке аз ҷойҳои намоёнро дар ниҳоди бо шуғл таъминкунӣ ишғол менамуд. Ҷобаҷогузорӣ ва тақсимоти кадрҳои ин муассисаҳо дар раванди инкишофи илмӣ-техникӣ аҳамияти аввалиндараҷа дошт. Давлат дар самти роҳхат ба шахсоне, ки маълумоти ройгонро гирифтаанд, инчунин, онҳое, ки таълими рӯзонаро гузаштаанд, дар асоси он аз рӯйи вазифаи муайяни худ дар вақти муайян ба кор равона мешуданд. Шахсоне, ки таълими шабона ва ғоибонаро

[65]Медведев О.М. Трудоустройство и его виды в СССР [Текст]: / Учебное пособие / О.М. Медведев, М.: -1985 -.С.51.

мегирифтанд, мутобиқи ихтисоси худ дар муассисаҳои лозимӣ ҳуқуқи бо ҷойи кор таъминшуданро доштанд.

Дар самти ба шуғл ҷалб намудани ҷавонону наврасон қарори Кумитаи марказии Ҳизби Коммунистии Иттиҳоди Шӯравӣ ва Шурои Вазирони ИҶШС дар бораи мукаммалгардонии минбаъдаи таълим ва тарбияи хонандагони муассисаҳои ҳамагонӣ, инчунин, омодагии онҳо ба меҳнат аз 22-декабри соли 1977 ба имзо расид. Мутобиқи он барои ташкили кор ва роҳнамоии касбӣ ва кумак барои бо шуғл таъмин намудани хатмкунандагон дар назди Кумитаи иҷроияи ноҳияҳо (шаҳрҳо) дар ҳар як муассисаи таълимӣ ташкил намудани утоққҳои таълимӣ - методӣ оид ба роҳнамоии касбии таълимгирандагон таъсис дода шуда буд. Тамоми ин чорабиниҳо бо мақсади ҳавасманд намудани таълимгирандагон баъди хатми мактаби миёна ва иштироки онҳо дар соҳаи истеҳсолоти моддӣ ва маънавӣ гузаронида мешуд.

Бо мақсади беҳтар гардонидани тарбияи меҳнатии хонандагон роҳнамоии касбии онҳо, иштироки онҳо дар корҳои фоиданоки ҷамъиятӣ, меҳнати истеҳсолӣ дар корхонаҳои таълимӣ, иттиҳодияҳои таълимӣ - истеҳсолӣ, устохонаҳои мактабӣ ва байни мактабӣ, дар ҳайатҳои истеҳсолӣ аз тарафи Ҳукумат тадбирҳои лозимӣ андешида мешуд. Дар давоми таътили тобистона, хонандагон бо ризоияти волидон дар корҳои фоиданоки ҷамъиятӣ зери назорати мактаб ва ташкилотҳои тандурустӣ дар меҳнати истеҳсолии ҷамъиятӣ иштирок мекарданд. Барои ҷалби хонадагони мактабҳои умумӣ ва муассисаҳои таҳсилоти касбӣ дар давоми таътил бо қадри тавоноии хонандагон ба меҳнат дар хоҷагии халқ Қарори Комитети давлатии ИҶШС оид ба меҳнат ва масъалаҳои иҷтимоӣ аз 1-уми июли соли 1985 ба имзо расида буд, амалӣ мегардид. Мутобиқи Қарори қабулшуда, барои таълиму тарбияи меҳнатии хонандагони мактаби миёна, муассисаҳои таҳсилоти касбӣ-техникӣ, миёнаи махсус ба корҳои муваққатӣ ҷалб карда мешуданд.

Қабули хонандагон чун қоида баъд аз тамом шудани таҷрибаи истеҳсолӣ дар муассисаҳои таълимӣ оғоз мешуд. Кори муваққатӣ қисмати таркибии раванди таълиму тарбияро дарбар мегирифт ва барои тарбияи коммунистӣ ва ташаккули ҳаматарафаи онҳо равона мегардид.

Қабули хонадагон ба шуғли муваққатӣ дар мувофиқа бо фармони Раёсати Шурои Олии Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шӯравии Сотсиалистӣ аз 24 –уми сентябри соли 1974 "Дар бораи шароитҳои шуғли муваққатии коргарон ва хизматчиён" сурат мегирифт. Дар шартномаи меҳнатӣ қайд мешуд, ки вақти анҷоми шуғли муваққатӣ на дер аз 15-уми август давом ёбад[66].

Хонандагонро ба меҳнати вазнин ва хатарнок, ҳамчунин, дар корҳои зеризаминӣ ҷалб кардан мамнуъ буд. Пеш аз корро шурӯъ кардан, хонандагон аз муоинаи тиббӣ гузаронида шуда, қобили кор будан ё набудани онҳо низ ба назар гирифта мешуд. Инчунин, қабули онҳо ба шуғли муваққатӣ дар алоқамандӣ бо ташкилотҳои меҳнат ва роҳнамоии касбӣ ҷорӣ мегардид. Ташкилотҳое, ки дар ин бахш кор мекарданд, барои хонандагон дар бораи ҷойҳои кори холӣ, ишғоли вазифаҳои гуногун, қабули онҳо ба корхонаҳо, шиносонидани онҳо бо корҳои пешниҳодшуда, шароити кор, музди маош, шартҳои ба кор қабулкунӣ, қонунгузории меҳнатӣ ва дигар имкониятҳо маълумот медоданд.

Фармони Шурои Вазирони ИҶШС аз 9-июни соли 1980 дар бораи чораҳои беҳтар гардонидани истифодаи қувваҳои коргарӣ дар корхонаҳои саноатӣ, соҳаи бинокорӣ ва хоҷагии деҳот аз ҳисоби хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ – техникӣ қарор қабул карда буд. Тибқи он роҳбарони корхонаҳо, ташкилотҳо, иттиҳодияҳо барои пешниҳод намудани кор мувофиқи ихтисос ва касбе, ки хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ-техникӣ аз худ

[66]Трудоустройство: Прием, перевод и увольнение рабочих и служащих [Текст]: /Сборник нормативных актов. – М.: Юрид. лит., 1986.- С.17.

кардаанд, таъмин мегардиданд. Барои ҷавононе, ки ба кор шурӯъ мекунанд, шароити маишию зист таъмин карда мешуд. Мусобиқаҳо дар байни ҷавонон баҳри ҷалби онҳо ба корҳои ихтироъкорӣ ва такмили ихтисос гузаронида мешуд. Хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ-техникӣ, ки дипломи аълоро соҳиб мегардиданд, ҳангоми тақсимот дар мавриди шуғл хуқуқи имтиёзиро ба даст оварда, инчунин, ҳуқуқи дохил шудан ба муассисаҳои минбаъдаи таҳсилоти олиро доштанд.

Хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ-техникие, ки шакли рӯзонаи таълимиро дар мувофиқа бо нақшаи инкишофи иқтисодӣ ва иҷтимоии давлатӣ ба корхонаҳо (дар иттиҳодияҳо, ташкилотҳо) мутобиқи ихтисос ва тахассуси гирифтаашон равона шуда, ба кор таъмин мешуданд. Роҳхат ба кор дар алоқамандӣ бо дастурамал дар бораи тақсимоти хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ-техникӣ ва тасдиқи фармони Комитети давлатии ИҶШС оид ба маълумоти миёнаи касбӣ-техникӣ роҳандозӣ мегардид[67]. Хатмкунандагони шакли рӯзонаи таълимӣ дар корхонаҳо ва иттиҳодияҳо баъди хатм муддати 2 сол кор мекарданд. Бар зами ин, хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ-техникӣ дар мавриди тақсимот ба кор агар ба дигар ҷойҳои берун аз маҳаллаҳои аҳолинишин ва ё иттиҳодияҳо фиристода мешуданд, дар ин ҳолат тамоми хароҷот, рафту омад аз тарафи Ҳукумат пардохт карда мешуд.

Хатмкунандагоне, ки муассисаҳои таҳсилоти касбӣ-техникиро бо дипломи аъло ба итмом мерасониданд, соҳиби ҳуқуқи имтиёзнок мегардиданд. Роҳбарони иттиҳодия ва ташкилоти ба кор қабулкунанда ба мутахассисони ҷавон дар бораи тамоми сохтори корхона маълумот медоданд. Вақте ки ба хатмкунандагон роҳхат дода мешуд, он дар асоси суратмаҷлиси комиссия оид ба тақсимоти шахсии мутахассисон тартиб

---

[67]Трудоустройство: Прием, перевод и увольнение рабочих и служащих [Текст]: /Сборник нормативных актов. – М.: Юрид. лит.,- 1986.- С.19.

дода шуда, аз 3 нусха иборат буд. Як нусхаи он дар муассисаи таълимӣ меистод, дигараш ба корхона ва иттиҳодияе, ки мутахассис ба он равона шудааст, фиристода мешуд ва сеюм нусха ба идораи маориф дар масъалаи маълумоти касбӣ-техникӣ супорида мешуд. Хатмкардагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ-техникӣ дар муддати се рӯзи таъйини тақсимот дар ҷойи кор ҳозир мешуданд.

Донишҷӯёне, ки муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбиро хатм мекарданд, мутобиқи тақсимоти роҳхати комиссияи Вазорати маориф ба мӯҳлати се сол аз рӯйи нақша ба кор фиристода мешуданд. Мутахассисони ҷавоне, ки муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбиро хатм мекарданд, хусусан, онҳое, ки маъюбияти гурӯҳи якум ва дуюм доштанд, имтиёзҳои махсус доштанд, яъне бо ҷойи зисти доимӣ таъмин мегардиданд.

Дастурамале, ки дар бораи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар замони Иттиҳоди Шӯравӣ, ки аз 22-юми январи соли 1969 ба имзо расида буд, хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти олӣ, вақте ки бо дипломи аъло хатм мекарданд, ҳуқуқи тақсимоти ихтиёрӣ ба кор дохил шудан ва имтиёзи ворид шудан ба шуъбаи аспирантураро мегирифтанд. Муайян намудан ва пешниҳод намудани кор барои мутахассисони ҷавон яке аз кафолатҳо дар қонунгузории ИҶШС ва Конститутсияи ҷумҳуриҳои иттифоқӣ ба шумор мерафт. Хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ баъди хатм ба муҳлати на кам аз се сол бо роҳхати Вазорат ки қарори Ҳукумати ИҶШС таъйин шуда буд, ба иҷро расонида мешуд.

Хатмкунандагонро бо хусусиятҳои кори минбаъда ва шароити меҳнат дар корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳое ба онҳо ҷалб шудаанд ба имкониятҳо, намояндагии корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳое, ки мутахассисони ҷавон ба он равона мешаванд ё намояндагони вазорату

идораҳо шинос менамуданд[68]. Ин гуна шиносии хатмкунандагон бо хусусиятҳои кори минбаъдаи корхона ва бо роҳбарону намояндагони корхонаҳо имконият медод, ки мутахассиси ҷавон паҳлуҳои нозуки корро дар муассисаи истеҳсолӣ аз худ намояд.

Тамоми Вазорату мақомоти Иттиҳоди Шӯравӣ барои ҷалби ҷавонон ва шаҳрвандони худ ба шуғл корҳои тарғиботию ташвиқотӣ мебурданд. Масалан, Вазорати тандурустӣ барои саломатии шаҳрвандон ҳангоми кор ташхис ва муоинаи тиббро мегузаронд, Вазорати корҳои дохилӣ дар бораи ҷойи истиқомат ва танзими шумораи коргарон корҳои лозимиро иҷро мекард, Комитети давлатӣ оид ба нашр дархосту талабот дар ташкилоти давлатӣ ҳуҷҷату маълумот ва китобҳоро аз чоп мебаровард, Кумитаи радио ва телевизион барои ҷалби ҷавонон барои аз худ намудани бойигариҳои табиӣ маълумот медод.

Яке аз шаклҳои дигари бо шуғл таъминкунӣ дар Иттиҳоди Шӯравӣ ба воситаи Бюрои дар дохили Комитети давлатӣ оид ба Меҳнат таъсис дода шуда буд, сурат мегирифт. Аввалин Бюро дар охири солҳои 60-уми асри XX ба хотири интишори хабар дар бораи ҷойҳои корӣ, махсусан, он корхонаҳое, ки ба кадрҳо ниёз доранд, ташкил ёфта буд. Ба шуғл фаро гирифтани шаҳрвандон тавассути Бюро намуди мустақилонаи тақсимоти захираҳои меҳнатӣ дар ин давра ба шумор мерафт. Намунаи ин гуна Бюроҳо дар шаҳрҳои Руссияи Шӯравӣ; Архангелск, Владимир, Тула, Уфа, Ставропол, Краснодар, Томск, Куйбишев ва Черкесия кушода шуда буданд.

Дар давоми фаъолияти 7- солаи худ аз соли 1970 то соли 1977 Бюро тавонист аз шумораи нафароне, ки барои кор ба он муроҷиат кардаанд, дар саноат 56%, дар сохтмон 12,3%, дар савдо ва хӯроки ҷамъиятӣ 6,8%, дар хоҷагии манзилию коммуналӣ ва хизмати маишӣ 5,1%, дар хоҷагии қишлоқ 1,1% ва дигар соҳаҳои иқтисодӣ 18,7% бо шуғл таъмин кунад. Бо

---

[68]Трудоустройство: Прием, перевод и увольнение рабочих и служащих [Текст]: /Сборник нормативных актов. – М.: Юрид. лит.,- 1986.- С.26.

кор таъмин шудан тавассути Бюро ҳамчун миёнарав дар замони Иттиҳоди Шӯравӣ шумораи мардонро бо 50,1% ва занон бо 49,9% дар асоси муроҷиат ба Бюрои шаҳрӣ ба кор таъмин шуда буданд[69].

Хусусияти асосии Бюрои шаҳрӣ (БШ) дар он буд, ки нафароне дар ҷустуҷӯйи кор буданд, онҳо маълумоти миёнаи умумӣ, ибтидоӣ, миёна ё соҳиби касбҳои гуногун ба монади челонгар, ронанда, дӯзанда, мутахассиси техникаи санитарӣ (сантехник), барқчӣ, харрот, коргарони сохтмон, ба монанди андовагар, сангчин, пардозгар ва ғайра ба он муроҷиат мекарданд. Миқдори ками шахсони дорои маълумоти олӣ дошта ба Бюро барои кор муроҷиат мекарданд. Ҳангоми ташкили бо шуғл таъминкунӣ тавассути Бюро тамоми талаботи коргарон ва корхонаҳое, ки ниёз ба кадрҳо доштанд бартараф карда, инчунин, дар азнавтақсимкунии захираҳои меҳнатӣ мусоидат мекард. Вазифаи дигари Бюрои шаҳрӣ хабардор намудани аҳолӣ дар бораи ҷойҳои кории холӣ тавассути васоити ахбори омма буд. Кумитаи радио ва телевизион аҳолиро барои ҳарчи бештар маълумотнок намудан дар ин росто корҳои зиёдро ба анҷом мерасонид.

Дар соли 1974 аз 100 маълумоти ба Бюро дохил шуда, 60,15%-и он бо роҳи расмӣ (аз он ҷумла 54,15% ҳангоми ташриф овардани коргарон ба шуъбаи кадрҳои Бюро рост омада буд) ва 38,85% - бо роҳи ғайрирасмӣ, аз он ҷумла 20,9% тавассути почта ва 12,31% бо телефон маълумот ворид шуда буд[70]. Маълум шуд, ки 60% -и шахсоне, ки ба кор оғоз кардан мехостанд, бе ягон миёнарав тавассути Бюро бо шуғл таъмин шудаанд, инчунин, воситаҳои дигари раванди бо шуғл таъминкунӣ алоқаи аҳолиро ба Бюрои шаҳрӣ пайваст мекард. Бо шуғл таъминкунӣ тавассути Бюро нисбат ба мустақилона ворид шудани

---

[69]Котляр А.Э. Проблемы регулирования перераспределения рабочей силы [Текст]: / А.Э. Котляр, В.В. Трубин,. Издво-“Экономика” М.: -1978.- С.41-42.
[70]Ҳамон ҷо:- С.95.

шаҳрвандони шӯравӣ ба корхонаҳо хеле бартариҳо дошт, яъне бе ягон воситаҳои дигар дохилшавии аҳолӣ ба кор дастрас ва самарабахш буд.

Паст шудани суръати рушди бахши истеҳсолӣ ҳамчун ҳиссаи маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (ММД) дар таҳаввулоти сохторҳои иқтисодӣ дар Осиёи Марказӣ ва Қафқози Ҷанубӣ аз солҳои 90 –ум нақши муҳим бозид, ки ин, асосан, дар сохтори шуғл дар минтақа инъикос меёбад. Хотима ёфтани иқтисоди мутамаркази ба нақша гирифтаи Иттиҳоди Шӯравӣ дар соли 1991 боиси ду тамоюли дигари асосӣ гардид: 1) Якбора кам шудани музди меҳнати расмӣ сабаби он шуд, ки коргарон маҷбур шудан ба шуғл ва касбҳои гуногун дар бахши ғайрирасмӣ фаъолият кунанд; 2) Афзоиши ҳиссаи одамоне, ки дар хоҷагии деҳотӣ минтақа кор мекунанд. Тағйироти охирин сохтори иқтисодиро дигаргун сохт, ки дар натиҷаи он саҳми кишоварзӣ ба ММД ва шуғли аҳолӣ коҳиш ёфт[71].

Агар ба масъалаҳои шуғлмандии ҷавонон баъди пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ ба кишварҳои аврупоӣ назар афканем, дарк хоҳем кард, ки дар ин самт ин кишварҳо ба муваффақият ноил шуданд. Бинобар ин, омӯхтан ва истифодаи таҷрибаи пешқадами ин мамлакатҳо оид ба шуғлмандии ҷавонон ба манфиати кишвар аст.

Масъалаи шуғли ҷавонон дар мамлакатҳои Аврупо ва бо шуғл таъминкунии онҳоро Шуроҳои махсуси ташкилшуда танзим намуда, ба роҳ мондаанд ва як қатор чорабиниҳо дар ин самт давом дорад. Ин Шуроҳо ба хотири сиёсати ҷавонон дар Аврупо, нисбати таълими касбӣ, таълими меҳнатӣ, иштироки ҷавонон дар ҳаёти сиёсии Аврупо ва ҷаҳон қарору чораҳои дахлдор андешида истодаанд. Ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар ин раванд нақши калидиро дар таҳия ва коркарди барномаҳои нав ишғол менамоянд. Ба қатори чунин ташкилотҳои дар боло зикршуда, “Шурои Аврупо ба хотири донишҳои ҷавонон”, “Кумитаи роҳбарикунандаи Аврупо”, “Шурои муштарак оид ба ҷавонон”,

[71]Джованни К. Хорошие рабочие места для инклюзивного роста в странах центральной азии и южного кавказа. Региональный отчет [Текст]: / Под редакцией К. Джованни, К. Рави. Февраль, 2019. – С.51.

“Маркази барномаҳо оид ба шуғл бо ҷавонон”, “Маркази Аврупо оид ба рушди таҳсилоти касбӣ”, “Лабораторияиояндаи ҷавонон”, “Шурои машваратӣ оид ба кор бо ҷавонон” амал мекунанд. Вазифаҳои чунин ташкилотҳо дар самти сиёсати ҷавонон масъалаҳои таҳия ва қабули қарору стратегияҳои миллӣ барои таъмини шуғл, бекорӣ миёни ҷавонон, бозори меҳнати ҷавонон, тавсияҳои иловагиро барои онҳо баррасӣ ва таҳлил менамоянд. Инчунин, дар таҳияи барномаҳои ҷавонони сатҳи ҷаҳонӣ нақши Ассамблеяи Генералии Созмони Миллали Муттаҳид ва Котиботи он назаррас аст.

Таҳти сарпарастии Ташкилоти байналмилалии ЮНЕСКО ҳоло дар тамоми кишварҳои Аврупои Ғарбӣ хадамоти роҳнамоӣ ва машваратӣ амал мекунад. “Маркази байналмилалии таълими техникӣ ва омӯзши касбӣ” дар назди ин ташкилот ба таблиғи таҷрибаи пешқадам эътибори махсус дода, навигариҳои дар соҳаи маълумоти касбӣ-техникӣ, инчунин омодагии таълими меҳнатиро баррасӣ мекунад. Кори марказ, инчунин вазифаи ҳамбастагии соҳаи илмӣ ва таълимро дар бозори меҳнат иҷро мекунад[72]. Роҳандозӣ намудани чунин марказҳо дар мамлакатҳои Аврупо воситаи беҳтарини роҳнамоии касбӣ ва машваратӣ барои шуғли ҷавонон ба ҳисоб меравад. Дар қатори чунин марказҳо саҳми “Ҳизби Сабзи Аврупо” дар бораи бо ҷойҳои нави корӣ таъмин намудани ҷавонон, барҳам додани бекорӣ дар байни онҳо, рафъи камбизоатӣ ва ҷавонони ба манзили зист эҳтиёҷманд буда, саҳм мегузоранд.

Комиссияи Аврупо ва Конференсяи Аврупоии Вазирон ба хотири мубодилаи афкор ва ҳамоҳангсозии сиёсати ҷавонони Аврупо амалҳои шарикиро бо онҳо ҳар се сол як маротиба баргузор менамоянд, ки бори нахуст ин вохӯрӣ соли 1985 дар Страсбург баргузор гардида буд.

[72]Василенко В.А. Европейский опыт содействия трудоустройству студентов (проблемы, подходы, организация) [Текст]: / монография / В.А. Василенко, А.Л. Карпукова – Иркутск, Изд-во ИГУ, 2014.- С.9-10 .

14 декабри соли 1995 дар Ассамблеяи Генералии СММ “Барномаи Ҷаҳонии Амалиёт барои ҷавонон” барои соли 2020 қабул карда шуд. Самтҳои афзалиятноки соҳаи сиёсати ҷавонон; таҳсилот, шуғлмандӣ, гуруснагӣ ва камбизоатӣ, масъалаҳои тандурустӣ, масъалаҳои экологӣ, нашъамандӣ, ҷинояткории ноболиғон, фаъолияти фароғатӣ, баробарии занони ҷавон, масъалаҳои иштироки пурраи ҷавонон дар ҳаёти ҷомеаро фаро мегирифт[73]. Хуҷҷати муҳиме, ки аз тарфи СММ дар бахши ҷавонон амал мекунад, ин Гузориши “Инкишоф ва Насли Нав” буда, аз тарафи Бонки умумиҷаҳонӣ таҳия гардидааст.

Ба хотири хубтару беҳтар намудани вазъияти шуғлмандӣ ва баланд бардоштани динамикаи иқтисодиёт миёни ҷавонон моҳи марти соли 2000-ум Шурои Аврупо дар Лиссабон масъала ва вазифаҳои даҳсолаи ояндаро барои афзун намудани ҷойҳои корӣ муайян кард. Дар Аврупо Китоби Сафеди Комиссияи Аврупо “Имтиёзҳо барои ҷавонон” таъсис дода шудааст. Дар ҳуҷҷатҳои зикршуда, дар бораи алоқамандии таҳсилоти касбӣ ва бозори меҳнат сухан меравад. Таъкид шудааст, ки таҳсил аз синни хурдӣ барои иҷтимоишавӣ, ҳамгирой ва мустаҳкам намудани иқтидори зеҳнии шахс мусоидат мекунад.

Аз тарафи Комиссияи Аврупо дар масъалаи сиёсати ҷавонон стратегияи нав бо номи “Маблағгузорӣ ва пешниҳоди имтиёзҳо” барои солҳои дар пеш истода, соли 2009-ум қабул гардида буд. Ҳамаи он мамлакатҳое, ки дар аъзогии Иттиҳоди Аврупо қарор доранд, самтҳои шуғли ҷавнони ин кишварҳоро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор медиҳанд ва дар Стратегияи Нави қабулшуда матраҳ мекунанд.

Санади дигари муҳим–Паймони Ҷавонони Аврупо ба шумор меравад, ки аз тарафи Шурои Аврупо қабул гардидааст. Дар ин санад низ масъалаи бо шуғл таъминкунӣ, ҳамгироии иҷтимой, рушд,

[73]Василенко В.А. Европейский опыт содействия трудоустройству студентов (проблемы, подходы, организация) [Текст]: / монография / В.А. Василенко, А.Л. Карпукова – Иркутск, Изд-во ИГУ, 2014.- С.13.

маълумот, фаъолияти меҳнатӣ ва масъалаи омӯзиши ҷавонон дарҷ гардидааст. Имрӯз дар Аврупо барои ҷавонон шароитҳои лозимӣ барои инкишоф, озодӣ, амният, таълим шароит фароҳам оварда шудааст, бо вуҷуди ин ҳам, ҳанӯз баъзе аз ҷавонон наметавонанд ба кору фаъолият сари вақт шурӯъ намоянд. Дар кишварҳои хориҷа баҳри камтар кардани бекорӣ ва мушкилоти шуғлмандии ҷавонон маҷмӯи чораҳоро андешида истодаанд.

Ҳукумати Британияи Кабир маҷмӯи тадбирҳоро таҳти унвони “Курси нав” таҳия кардааст. Дар асоси ин Барнома ҷавононро дар марҳилаҳои пай дар пай бо иштироки мутахасссисони касбӣ мавриди омӯзиш қарор медиҳанд[74]. Мутобиқи ин Барнома дар давраи аввал бо як ҷавон омӯзиш ва машварати шахсӣ мегузаронанд, ки дар натиҷаи он ҷавон бояд кор ёбад. Агар ҷустуҷӯйи кор натиҷа надиҳад, дар давраи дуюм ба ӯ якчанд вариантҳои шуғл пешниҳод менамоянд: таҷрибаомӯзӣ, омӯзиши рӯзона, кор ба ҳайси волонтёр дар бахшҳои алоҳида ва ғайра. Марҳилаи охирон, машваратдиҳӣ ба корҷӯёне, ки кор наёфтаанд, дар давраи дуюм бо ҷалби таҷрибадорони касбӣ гузаронида мешавад.

Дар Фаронса Лоиҳае бо номи “Мактаб-имконияти дуюм” амалӣ карда шудааст. Мақсади таҳияи ин Лоиҳа ба ҷавононе, ки таҳсилоти расмиро ба итмом расонидаанд, равона шудааст. Ҳадафи дигари Лоиҳаи мазкур мустаҳкамсозии иҷтимоишавии ҷавонон ба ҷомеа ва рушди касбии онҳо мебошад. Нуқтаи дигаре ки дар Лоиҳа зикр шудааст, мақсади омӯзиш ва ё таҳсил додани диплом дар асоси ихтисос набуда, балки иҷтимоишавии фаъолияти меҳнатӣ дар оянда барои ҷавонон аст.

Лоиҳаи дигаре, ки тавассути шабакаи ҷаҳонии Интернет дар Ҷумҳурии Австрия таҳия карда шудааст, барои ба ҳисоб гирифтани касб ва ҷустуҷӯйи кор пешбинӣ шудааст. Вебсайти шабака соли 1987-ум таҳия

---

[74]Василенко В.А. Европейский опыт содействия трудоустройству студентов (проблемы, подходы, организация) [Текст]: / монография / В.А. Василенко, А.Л. Карпукова – Иркутск, Изд-во ИГУ, 2014.- С.22.

гардидааст, ки нишонии он дар шабакаи Интернет www.bic.at буда, дар бораи зиёда аз 1700 касб маълумот медиҳад. Дар кишварҳои Аврупо ба масъалаи соҳибкорӣ аҳамияти хеле калон медиҳанд, чунки соҳибкорӣ ҳамчун неруи асосии пешбарандаи рушди дарозмуддати устувори иқтисодӣ ва ҳамгироии иқтисодӣ эътироф шуда, ба иқтисодиёти миллӣ таъсири мусбат мерасонад ва яке аз роҳҳои бо шуғл таъмин шудани ҷавонон мебошад. Дар Фаронса барои бо шуғл таъмин намудани хатмкунандагони донишгоҳҳо қариб тамоми ташкилоти давлативу ғайридавлатӣ ба мисоли Иттиҳодияи кумак ба хатмкунандагон мусоидат намуда, бо онҳо машваратҳои омӯзишӣ, семинарҳои омӯзишӣ, мулоқот бо мутахассисон гузаронида мешавад ва техникаи пайдоиши ҷойи корро меомӯзонанд. Аз ин гуна хизматрасониҳои ташкилотҳо 250 000 ҷавонон истифода мебаранд[75].

Лоиҳаҳое, ки ба рушди соҳибкории ҷавонон дар кишварҳои Аврупо мусоидат мекунанд, хеле зиёд буда, ба ҷавонон маблағҳои молиявӣ расонида мешавад. Масалан, чунин Лоиҳа дар Белгия роҳандозӣ гардиааст, ки нисбат ба дигар кишварҳои Аврупои Ғарбӣ яке аз нишодиҳандаҳои балантарин маҳсуб меёбад.

Дар Нидерландия системаи махсуси таъмини шуғлмандии донишҷӯён бо ширкатҳо ва корхонаҳо вуҷуд дорад. Дар давоми таҳсил корфармо бо донишҷӯ шартнома мебандад ва дар муддати таҳсил ӯ ҳамчун корманди ширкат музди муайяни маош мегирад. Ҳангоми таҳсил аз тарафи корхона ба донишҷӯ ёрмандиҳо ҷиҳати маводҳои таълимӣ расонида шуда, корхонаҳо барои донишҷӯён марказҳои таълимию истеҳсолӣ таъсис медиҳанд. Дар раванди таҳсил намояндагони Иттифоқҳои касаба, Кумитаи бозори меҳнат дар масъалаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, Вазорати маориф ва Хадамоти шуғл ширкат менамоянд.

---

[75]Василенко В.А. Европейский опыт содействия трудоустройству студентов (проблемы, подходы, организация) [Текст]: / монография / В.А. Василенко, А.Л. Карпукова – Иркутск, Изд-во ИГУ, 2014.- С.25-27-36.

Барои ошкор кардани ҳамаи мушкилоти бо шуғл таъминкунӣ таҳқиқоти ҷиддӣ, асосҳои пешгӯии комёбиҳои иқтисодӣ, пурсишҳои сотсиологӣва таҳқиқоти психологӣ талаб карда мешавад. Имрӯз дар нуҳкишвари аврупоӣва Ҷопон барномаи таҳқиқотии ҳамгирошуда бо номи "Маълумоти олӣва бо шуғл таъминкунии хатмкунандагон дар Аврупо" амалӣ карда шуда истодааст, ки барои ҳалли мушкилоти ба вуҷуд омада равона шудааст[76].

Дар Британияи Кабир ҷойи махсусро дар самти мусоидат ба шуғли хатмкунандагони донишгоҳҳо ташкили намоишгоҳҳо ишғол мекунад. Дар намоишгоҳ корфармоён ва донишҷӯён - хатмкунандагоне, ки мехоҳанд баъди хатм фавран кори хуб ёбанд, ширкат меварзанд. Семинарҳои такмили ихтисос, муаррифии касбҳои гуногун, мубоҳисаҳо, кумак дар тартибдиҳии натиҷаҳо ва машваратҳои ройгони мутахассисон дар намоишгоҳ гузаронида мешавад[77]. Сатҳи бо шуғл таъминкунии донишҷӯёни донишгоҳҳо дар Британияи Кабир хеле баланд буда, ин кишвар дар рейтинги ҷаҳонӣ дар инкишофи сиёсати шуғл яке аз ҷойҳои намоёнро ишғол намудааст.

Хулоса, асоси истеҳсолоти ҳар як ҷомеа гурӯҳҳои иҷтимоӣ он маҳсуб ёфта, суръат бахшидан ба инкишофи қувваҳои истеҳсолкунанда, тақсимоти дурусти онҳо дар хоҷагии халқ ба манфиати шахс ва ҷомеа сабаб мегардад. Таҷрибаи Иттиҳоди Шӯравӣ нишон дод, ки масъалаҳои марбут ба ҷалби қувваҳои корӣ, аз ҷумла, хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ яке аз самтҳои муҳими сиёсати ҳамонвақтаи Ҳукумати Шӯравиро ташкил медод. Дар баробари ин, дар Иттиҳоди Шӯравӣ системаи устувори соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ ба ин масъала ёрӣ мерасонд. Дар Аврупо бошад, миёни қувваҳои корӣ ва расидан ба инкишофи кишварҳои аъзо баҳри ҷалби хатмкунандагони муассисаҳои

---

[76]Савельев А.Я. Проблемы занятости специалистов (международный опыт) [Текст]: / Сборник тезисов школы-семинара"Роль и место центров содействия занятости и трудоустройства выпускников учереждений профессионального образования в федеральной системе занятости".-М.: С.6-9.
[77]Ҳамон ҷо:-С.54-55.

таҳсилоти миёна ва олии касбӣ чорабиниҳои махсус ва лоиҳаву барномаҳои муосир қабул шуда, дар амал татбиқ шуда истодааст. Сиёсати давлатии ҷавонон дар кишварҳои Аврупо самти афзалиятноки рушди ҳар як кишвари он ба ҳисоб рафта, соҳаи сиёсати ҷавонон ба мисли таҳсилот, шуғл, тандурустӣ, камбизоатӣ, ҷинояту ҷинояткорӣ, иштироки онҳо дар ҳаёти ҷомеа ба таври лозимӣ мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор гирифтааст. Бинобар ин, таҷрибаи беҳтаринро дар самти шуғли ҷавонон ва расидани кишвар дар сатҳи баланди сиёсати шуғл наметавон нодида гирифт.

### 1.3.Технологияҳои муосири бо шуғл таъминкунии хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ва касбӣ-техникӣ

Инқилоби илмӣ-техникӣ тамоми соҳаҳои фаъолияти инсонро фаро гирифта, босуръат ба сатҳу сифати зиндагӣ ва дараҷаи шуурнокии одамон таъсир расонида истодааст. Навгониҳои иҷтимоӣ ба ҳаёти инсон баъзан таъсири зиёд мерасонанд, нисбат ба ҷорӣ кардани навгониҳои техникӣ. Яке аз намудҳои асосии инноватсияи иҷтимоӣ, ки ба характери муносибатҳои иҷтимоӣ ва ҳамоҳангсозӣ дар ҷомеа таъсири мерасонад технологияи иҷтимоӣ маҳсуб меёбад[78].

Бо дарназардошти шиддат гирифтани равандҳои гуногуни ҷаҳонӣ муосир дар ҳаёти иҷтимоии ҷомеа донистан ва самаранок истифода бурдани технологияҳои иҷтимоӣ, инчунин, барои ҳалли мушкилоти гуногун мусоидати фаъол намуда, ҷараёни идоракуниро метавонад суръат бахшанд. Дар баробари ин, барои ҳалли масъалаҳои гуногуни иҷтимоӣ, аз ҷумла, мушкилоти шуғли аҳолӣ, хусусан, таъмини қисме аз хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ бо ҷойи кор метавон аз технологияҳои гуногуни иҷтимоӣ истифода кард.

[78]Зайнышева И.Г. Технология социальной работы: Учеб. Пособие для студ.высш. учеб.заведений // Под ред. И.Г.Зайнышева.- М.: Гуманит.изд.центр. ВЛАДОС, 2002- С.3.

Солҳои охир бо зиёд шудани шумораи аҳолӣ дар рӯйи замин талабот ба шуғлмандӣ зиёд гардидааст. Аксарияти шумораи аҳолии ҷаҳонро аҳолии мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ ташкил менамоянд. Афзун шудани шумораи аҳолӣ дар ҷумҳурӣ сабаби зиёд гаштани талаботи моддию маънавӣ ва мавқеи нави иҷтимоӣ гардида, боиси ба миён омадани ҷойҳои нави корӣ гардидааст[79].

Давлат вазифадор аст, ки кафолати таъмини ҷойҳои кориро барои тамоми шаҳрвандони худ дода, заминаи хуби шароити меҳнатиро фароҳам созад. Дар баробари ин, шуғлмандӣ як воситаи муносиби ба ҳам овардани одамон дар муносибатҳои истеҳсолӣ ва иштироки онҳо дар фаъолияти меҳнатӣ баҳри қонеъ гардонидани талаботи иҷтимоӣ-фарҳангӣ мебошад.

Барои ҳалли самараноки ин падидаи иҷтимоӣ - иқтисодӣ зарур аст фаъолияти давлат ҳамеша барои беҳтар намудани ҳавасмандии иқтисодӣ, ҷойҳои нави корӣ барои аъзоёни ҷомеа, аз ҷумла, мутахассисони ҷавон равона шавад. Аз тарафи дигар, ташкилотҳои дар ин самт ташкил шуда, ба хотири омодагии шаҳрвандон ба фаъолияти меҳнатӣ бо иваз шудани шароити нави истеҳсолӣ, дар онҳо донишҳои базавиро инкишоф диҳанд, то ки онҳо барои фаъолияти бомуваффақи меҳнатӣ дар истеҳсолот ноил гарданд, зеро ягон соҳаеро дарёфт намудан ғайриимкон аст, ки дар он мақому мароми меҳнати инсон акс наёфта бошад, вале фанҳои гуногун паҳлуҳои муштараки ба меҳнат дахлдоштаи инсонро наомӯхта, фақат дар доираи мавзуи омӯзишашон ба ин ва ё он ҷанбаи алоҳидаи меҳнат даст мезананду халос. Онҳо моҳият, маъно, мазмун ва тарзу усули зоҳиршавии ҳамаҷиҳатаи меҳнат, ки асосан, бевосита ба масъалаҳои иҷтимоӣ дахл доранд, кордор намешаванд[80].

---

[79]Руденко Л.Д. Проблемы занятости в крупном региональном центре: текст лекций [Текст]: / Л.Д. Руденко., А. Смирнова.; Яросл. гос. ун-т им. П.Г. Демидова. – Ярославль: ЯрГУ, 2013.- С.5.

[80]Одина Ғ. Сотсиология [Матн]: / (маҷмӯи ягонаи таълимӣ-методӣ ва дастури омӯзишӣ барои таҳсилоти системаи кредитӣ).Душанбе-2007. – С.87.

Омӯзиши фаъолияти меҳнатии одамон дар доираи илмҳои гуногун, аз ҷумла, дар сотсиологияи меҳнат оварда шудааст. Омӯзиш, таҳлилу таҳқиқ ва хулосагирии фаъолияти меҳнатии инсон вазифаи асоситарини сотсиологияи меҳнат маҳсуб меёбад, чунки сотсиологияи меҳнат ба хотири равшанӣ андохтан ва аз таърихи пайдоишу фаъолияти меҳнатии инсон дарак медиҳад.

Аз ин рӯ, омодагии инсон, аз ҷумла, насли ҷавон ба фаъолияти меҳнатӣ яке аз муҳимтарин вазифаҳои иҷтимоӣ – педагогӣ мебошад, ки инсоният дар давраҳои гуногуни таърихи худ иҷро менамояд. Бо инкишофи муносибатҳои истеҳсолӣ, пешрафти илму техника майлу рағбат ба масъалаи таълими касбӣ зиёд мешавад[81]. Дар баробари пешрафти муносибатҳои истеҳсолӣ майлу рағбат ва сатҳи касбомӯзии ҷавонону наврасон зиёд мегардад, маҳз инсон омодагии пурраи худро тавассути иҷтимоишавӣ дар тамоми давраи ҳаёт дар ҷомеа бо атрофиён азхуд мекунад.

Гузариш ба ҷомеаи саноатӣ ва пасосаноатӣ ба тақсимоти баланди меҳнат алоқаманд буда, иқтидори қувваҳои ақлонию зеҳнӣ, инчунин сатҳи маърифатнокии аъзоёни ҷомеа, хусусан, ҷавонони соҳибихтисос дар мадди аввал қарор дорад. Барои ба ин мақсад расидан якчанд корҳоро ба анҷом расонидан лозим меояд: аввал тарбияи дурусти фарзанд дар оила; дувум бо мураккабшавии ҷараёни инкишофи техника ва ҷомеаи иттиллоотӣ ҷорӣ намудани усулҳои нави омӯзиши қонуниятҳои инкишофи ҷомеаи муосир дар системаи таҳсилоти миёна ва олии касбӣ. Барои ин ба масъалҳои зинаҳои синусолии инкишофи шахсии инсон аҳамияти хоса бояд дод. Махсусан, айёми ҷавонӣ қисмати аз ҳама муҳими ҳаёт барои аз худ кардани таҷрибаи иҷтимоӣ, мисли: қобилият, маҳорат, малака ва фаъолияти таълимию меҳнатӣ мебошад.

[81]Педагогикаи умумӣ ва касбӣ [Матн]: / Зери назари академик М. Лутфуллоев; Душанбе: Ирфон - 2012.- С.229.

Файласуф ва маорифпарвари фаронсавӣ Ж.Ж. Руссо (1712-1778) дар бораи ҷавонӣ гуфта буд: «Ҷавонӣ мисли тавлиди дубораи инсон, ҳамчун муҳимияти пайдоиши дигаргунӣ дар ин зинаи ҳаёт аст: пухтарасии ҷисмонӣ дар ин аём ба анҷом мерасад, ақл ва ирода инкишоф меёбад»[82]. Дар ҷавонӣ аз бар намудани асосҳои нақшҳои иҷтимоӣ воситаи инкишофи шахс дар ҷомеа буда, қувваи бузурги истеҳсолиро ташкил медиҳад.

Барои тезонидани ҷараёни инкишофи тамоми соҳаҳои ҳаёт, пеш аз ҳама, сифати таълиму тарбияи мутахассисони ҷавонро баланд бардоштан лозим аст. Дар ин самт нақши асосиро дар раванди тайёр кардани мутахассисони миёнаи касбӣ, ки муассисаҳои таълимии миёна ба душ доранд, иҷро мекунанд. Қисме аз донишҷӯён ба муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олӣ барои ба даст овардани диплом дохил мешаванд, аммо аз моҳияти таълими касбӣ ва талаботи шароити муосир нисбат ба касбӣ интихобкарда бархурдор нестанд.

Муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар кишвари мо дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф”, “Низомномаи намунавии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ” бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2009, “Стандарти давлатии таҳсилоти миёнаи касбӣ” соли 2010 тасдиқ шудаанд, фаъолият менамоянд. Дар соҳаи таҳсилоти миёнаи касбӣ зиёда аз 30 ҳуҷҷати меъёрӣ-ҳуқуқӣ таҳия ва бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳайати мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда, дастраси кормандони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ гардонида шуданд[83].

Дар асоси қонуну қарорҳои қабулшудаи мамлакат ҳамаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ бояд аз рӯйи меъёрҳои муайян ва

---

[82]Боголюбов Л.Н. Обществознание. 11 класс: учеб, для общеобразоват. учереждений: профил. уровень / [Л.Н. Боголюбов, А.Ю. Лазебникова, А.Т. Кинкулькин и др.]; под ред Л.Н. Боголюбов [и др.]; Рос.акад.образования, изд-во “Просвещание”.- 4-е изд., дораб.-М.: Просвещение, (Академический школьный учебник). –ISBN. 2010.- С.129.

[83]Рушди маориф ва илм дар даврони истиқлолияти давлатӣ [Матн]: / Зери таҳрири Н. Саид.д.и.ф.– Душанбе: Маориф,- 2016.- С.53.

стандартҳои махсусе, ки муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии мамолики ҷаҳон онҳоро пазируфтаанд, амал намоянд.

Таҳсилоти миёнаи касбӣ бо мақсади қонеъ гардонидани талаботи шахс барои гирифтани таҳсилоти миёнаи касбӣ ва гирифтани тахассус дар соҳаи фаъолияти касбии интихобнамуда, фаъолият менамояд ва барои рушди зеҳнӣ, фарҳангӣ, ҷисмонӣ ва ахлоқӣ, инчунин, қонеъ гардонидани талаботи ҷамъият ба мутахассисони дорои таҳсилоти миёнаи касбӣ амал менамояд[84].

Мутахассисони ин зинаи маълумоти касбӣ метавонанд дар ҳама ташкилотҳо ҳамчун коргарони маълумоти миёнаи махсус фаъолият намоянд.

Айни замон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 60 муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ фаъолият доранд, ки шумораи донишҷӯёни онҳо то соли 2022 ба 19 898 ҳазор нафар мерасид. Шумораи муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ дар соли таҳсили 2022-2023 ба 84 адад ва шумораи донишҷӯён ба 87,2 ҳазор нафар мерасид[85].

Аз замони таъсис додани Маркази миллии Тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шумораи донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ афзуда истодааст. Зиёд шудани шумораи донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, аз як тараф, ба маълумотнок шудани аъзоёни ҷомеа сабаб гардад, аз тарафи дигар, ба мушкилоти бо шуғл таъминкунии онҳо дар мамлакат боис мегардад. Баъди гузаштан аз фаъолияти таълимӣ ба фаъолияти меҳнатӣ як қисми ин хатмкунандагон ҷойи кори муносиб ёфта наметавонанд.

Дар ҳақиқат як гурӯҳе аз донишҷӯён дар вақти гузариш аз фаъолияти таълимӣ ба фаъолияти меҳнатӣ ба мушкилоти зиёд ба монанди, набудани ҷойи кори мувофиқ, гирифтани таҷрибаи нопурра

[84]Таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ [Матн]: / Санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон).Қисми 1-Душанбе -2008.- С.35.
[85]Маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон[Матн]: / - 2023.- С.40-46.

ҳангоми таҷрибаи истеҳсолӣ дар муассисаҳо ва корхонаву ташкилотҳои ватанӣ ва дигар омилҳо эҳсос мегардад.

Мутобиқи маҷмӯаи маорифи Агентии Омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон донишҷӯён дар соли 2023 аз муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ ба кор фиристода шуда, бештар дар соҳаҳои саноат (16,5%), кишоварзӣ (33,1 %), алоқа (0,8 %), сохтмон (7,2 %), савдо ва хӯроки умумӣ (1,1 %), дигар соҳаҳо (41,3 %)[86] –ро ташкил медиҳанд.

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» моддаи 6 гуфта шудааст, ки "Давлат ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, новобаста ба миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ ва молумулкӣ ҳуқуқ ба таҳсилро кафолат медиҳад".

Дар давоми солҳое, ки донишҷӯёни кишвар дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ таҳсил мекунанд як гурӯҳи муайяни онҳо пас аз хатми таҳсил ба муҳоҷирати меҳнатӣ мераванд. Вақте ки як гурӯҳи довталабони мактабҳои миёнаи ҳамагонӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ баъди хатми синфи 9-ум ворид мегарданд, қисме аз онҳо дар бораи талаботи бозори меҳнат маълумоти кофӣ надоранд. Ворид шудани хатмкунандагон ба ҳаёти мустақил, аз худ намудани касб, дар ҷомеа мавқеи иҷтимоиро ишғол намудан дар миёни писарон ва ҷавондухтарон ба масъалаи муҳим табдил ёфтааст. Дар баъзе аз мутахассисони ҷавон норасогии таҷрибаи амалӣ, надоштани донишҳо дар бораи сиёсат, иқтисодиёт, иттиллоот ва ҷомеа дида мешавад[87].

Ҳар як мутахассиси ҷавон дер ё зуд ба бозори меҳнат дохил мегардад. Дар як қисмати ҷавонон бештар хоҳишҳои ғайриодӣ ба назар мерасад, масалан, хоҳиши сарватманд шудан; майли таълим гирифтан; рафтори нави ғайриқолабӣ; диди нав нисбат ба кор.

---

[86]Маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]: / - 2023.- С- 43.

[87]Казанцева Л.В. Как вести себя молодым специалистам на рынке труда сегодня [Текст]: / Л.В. Казанцева // Социальные практики современной молодежи:поиск новых идентичностей : материалы Всероссийской науч.-практ. конф. с международным участием. Барнаул, 21–22 мая 2009 г. / отв. ред. С.Г. Максимова. – Барнаул : Изд-во Алт. ун-та, -2009. –С.166.

Давоми солҳои охир аз тарафи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор чорабиниҳо дар самти баланд бардории уҳдадории муасиссаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ ба хотири ҷавобгӯ будани онҳо, дар роҳи омода намудани мутахассисони рақобатпазир дар бозори меҳнат қабул карда шудааст. Муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ин масъалаҳоро бо роҳҳои зерин ҳал мекунанд: ба монанди муосиркунонии раванди таълим бо талаботи таҳсилоти ҷаҳонӣ тағйир додани вақти гузаронидани таҷрибаи истеҳсолӣ, барномаҳои гуногуни таълимӣ, баланд бардоштани сатҳи тахассуснокии мутахассисони оянда ва ғайра.

Самти дигари омода намудани мутахассисони рақобатпазир дар бозори меҳнат истифодаи иқтидори муосири (инноватсионии) муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ ба ҳисоб меравад, ки метавонад дар дигаргун кардан ва тағйир додани усулҳои кор бо донишҷӯён асос шавад. Бо назардошти ин омилҳо, мутахассис метавонад тамоми мушкилоти ҳаётии худро мустақилона бартараф намояд. Ҳамаи муассисаҳои таълимӣ, аз ҷумла, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ вазифаи нахустини онҳо омода намудани мутахассисон дар бозори меҳнат мебошад, то инки мутахассисони ҷавон аз рӯйи ихтисос фаъолият намоянд. Вазифаи дигари муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ дар самти омода намудани мутахассисони соҳибтахассус васеъ намудани иқтидори базаи моддӣ-техникии муассиса буда, фаъолияти илмӣ - амалии муҳассилинро баланд бардоштан аст. Имрӯз мавҷуд набудани шароит барои донишҷӯён монеаҳоро дар раванди таҳсил пеш овардааст, ки то ҳол дар як қатор муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ ҷой доштани чунин ҳолатҳо ба назар мерасад.

Замони муосир дар назди институти маориф вазифаҳои масъулиятнокро ба миён гузошта, аз он талаб менамояд, ки барои болоравии камолоти маърифати инсон ва аз бар намудани дастовардҳои

илм дар раванди ҷаҳонишавӣ ва тамоюлҳои мухталифи он замина фароҳам оварад ва муносибатро бо мазмуни маълумот ҷиддитар намояд[88]. Дар шароити ниҳоят вазнини буҳронҳои иқтисодии ҷаҳон бояд тамоми ниҳодҳои ҷомеа муттаҳид бошанд ва дар якҷоягӣ амал намоянд, инчунин, ба роҳ мондани тақсимоти дурусти қувваҳои корӣ дар соҳаи фаъолияти хоҷагии халқмасъалаи муҳими давлату ҳукумат ба ҳисоб меравад. Қонеъ гардонидани талаботи меҳнатии мутахассисони ҷавон, яъне бо шуғл таъмин намудани онҳо яке аз назарияҳои базавии иҷтимоӣ - иқтисодии ҷомеаро дар бар мегирад.

Мусоидат ба шуғли донишҷӯён ва хатмкунандагон вазифаи аввалиндараҷаи тамоми муассисаҳои таҳсилоти касбӣ ва ниҳодҳои давлатӣ ба шумор меравад. Самти фаъолияти ин муассисаҳо огоҳонидани донишҷӯён дар бораи ҷойҳои кории холӣ, хабардор намудани онҳо аз вазъи бозори меҳнат дар кишвар, муроҷиати корфармоён ба масъалаҳои ҷалби мутахассисони нав ба корхона ва ғайра мебошад. Бояд муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии кишвар дар шабакаи Интернет сайти махсус барои мусоидат ба шуғли мутахасссисони ҷавон дар ин самтро дошта бошанд, то ки донишҷӯёну муҳасиллин аз вазъи бозори меҳнат иттиллоъ гиранд.

Дар шароити мураккаби паҳншавии шабакаи ҷаҳонии Интернет барои марказҳои мусоидат ба шуғли хатмкунандагон сохтан ва мукаммалгардонии сарчашмаҳои интренетӣ (web-саҳифаҳо ва сайтҳо) лозим аст. Сохтани сарчашмаҳои интернетӣ ба талаботи хизматрасониҳо барои маркази мусоидат ба шуғли ҷавонон кӯмак расонад[89].Яке аз марҳилаҳои муҳими рушди ҳар як касб гузариш аз зинаи таълимӣ ба зинаи меҳнатӣ мебошад. Гузариш аз фаъолияти таълимӣ ба фаъолияти

[88]Таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ [Матн]: / Санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон).Қисми 1-Душанбе -2008.- С.44.

[89]Карпова Г.В. Рекомендации по формированию эффективной системы содействия занятости студентов и трудоустройству выпускников [Текст]: / Оренбургской области / Г.В. Карпова, Ю.Н. Никулина, А.В. Кривоблоцкая; Оренбургский гос. ун-т. – Оренбург: ОГУ, 2013. – С.47.

меҳнатӣ ҳамон вақт босамар хоҳад буд, ки агар мутахассиси ҷавон ҷойи кори муносиб, шароити созгор, маоши хуб ва имконияти худташаккулдиҳиву худвоқеъгардонӣ дар ҳаёт пайдо кунад. Ин ҳолат натанҳо ба худи мутахассиси ҷавон, балки барои кулли атрофиёни ӯ ва ҷомеа низ натиҷаи мусбат хоҳад дошт.

Дар ҷомеаи муосир барои ҷойи кори муносиб ёфтан мушкилот хеле зиёд пеш омада, хусусан, сатҳи омодагии баъзе аз ҷавонони соҳибихтисос ба он мутобиқат намекунад. Аз ҳама омили муҳим ва калидии фаъолияти меҳнатӣ барои хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ музди маош ба ҳисоб рафта, ишғолкунии ҷойҳои корӣ ба он вобаста аст. Ҷойи муносиби корӣ барои хатмкунанда – ифодагари муваффақияти фаъолияти таълимии ӯ ба шумор меравад.

Технологияи асосии ба тартибдарорандаи бозори меҳнат ин арзиши қувваҳои корӣ ба ҳисоб меравад. Ҳарчанд даромаднокии меҳнат зиёд бошад, ҳамон қадар сатҳи иқтисодии бозори меҳнат муътадил мегардад, лекин аз ҳад зиёд шудани қувваҳои корӣ боиси афзудани нобаробарии иҷтимоӣ гардида, бекорӣ меафзояд.

Яке аз нишондиҳандаҳои истифодаи қувваи корӣ ҳиссаи аз кор таъмин будан дар қисмати умумии аҳолӣ ба шумор меравад. Агарчанде шумораи шахсони бо шуғл таъминшуда дар хоҷагии ҷаҳон зиёд гардида бошад ҳам, аммо ҳиссаи аз кор таъмин будани қувваи корӣ кам гардидааст ва аз ин сабаб миқдори бекорон зиёд шуда, ҳоло бекорӣ ба мушкилоти умумиҷаҳонӣ табдил ёфтааст[90]. Дар кишварҳои тараққикардаи ҷаҳон бекорӣ нисбат ба мамлакатҳои рӯ ба рушд кам ба назар мерасад. Бекорӣ ҳамчун як падидаи иҷтимоӣ дар ҳама ҷомеа вуҷуд дорад, лекин дар давлатҳои сатҳи зиндагиашон пастбуда нисбатан назаррас мебошад.

---

[90]Иқтисодиёти ҷаҳон. Дастури таълимӣ-методӣ [Матн]: / "Эр-граф", Душанбе,- 2012.- С.50-51.

Бекорӣ натанҳо рушди шахсро бозмедорад ва имкони мавҷудияти "муваффақият"-ро коҳиш медиҳад, ҳамчунин, мутахассисони ҷавонро ба бунбасти иҷтимоӣ ҷалб менамояд[91] ва сабаби дар оянда ба миён омадани камбизоатӣ байни аъзоёни ҷавони ҷомеа мегардад.

Бекорӣ ҳамчун нишондиҳандаи иҷтимоӣ-иқтисодӣ хоҳиш ва талаботи одамонро ифода мекунад, ки, аз як тараф, мехоҳанд бо мақсади ба даст овардани фоида кор кунанд, аз тарафи дигар, набудан ё норасоии ҷойҳои кориро ифода менамояд[92].

Омилҳои дигари бекориро дар байни ҷавонон чунин навъбандӣ кардан мумкин аст:

- дараҷаи пасти музди маош дар корхонаҳои давлатӣ;
- мушкилоти ҷамъиятӣ, аз ҷумла, баландшавии нархи молу маҳсулот ва харидорӣ карда натавонистани манзили истиқоматӣ;
- зиёдшавии шумораи аҳолии қобили меҳнат;
- кам будани корхонаву фабрикаҳои истеҳсолӣ;
- комил набудани системаи тақсимоти хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ:
- дигаргуниҳои сохторӣ дар иқтисодиёт, яъне ворид гардидани технологияи нави истеҳсолӣ, ки боиси кам шудани ҷойҳои корӣ гардидааст[93].

Бекорӣ – боздошташавии фаъолияти меҳнатӣ новобаста ба хоҳишу иродаи коргар ба муҳлати дарозу номуайян мебошад, ки бо қатъ шудани шартномаи меҳнатӣ байни коргар ва корфармо оғоз мегардад ва минбаъда набудани имкони корёбӣ идома ёфта, ҳамчун зуҳуроти номатлуби иқтисодиву иҷтимоӣ гардида, оқибатҳои нохушро дар ҷомеа

[91]Василенко В.А. Европейский опыт содействия трудоустройству студентов (проблемы, подходы, организация) [Текст]: / монография / В.А. Василенко, А.Л. Карпукова – Иркутск, Изд-во ИГУ, 2014.- С.19.

[92]Васиев Ф.М. Иқтисоди меҳнат [Матн]: / Ф.М. Васиев. Китоби дарсӣ. Нашриёти КВД "Матбаа", Душанбе-2022.-С.196.

[93]Наука и молодежь – факторы становления инновационного общества [Текст]: / Материалы Молодежного научного форума в рамках Фестиваля науки Юга России, посвященного 85-летию ДГУ (Махачкала, 24-26 ноября 2016 года). – Махачкала: Издательство ДГУ, 2016.- С.299.

ба амал меорад. Барои шахси алоҳида бекорӣ – набудани коре аст, ки бидуни он шахс худро бо даромади муайян таъмин карда наметавонад.[94]. Бекорӣ аз хоҳишу иродаи коргар вобаста набуда, ба як қатор омилҳои гуногуни иҷтимоӣ вобастагӣ дорад, махсусан аҳолии дар иқтисодиёт фаъол дар ин гуна вазъият норасоии ҷойҳои кориро хеле зиёд эҳсос мекунад. Дар ҷомеаи имрӯзаи тоҷикистонӣ бархе аз шумораи хатмкунандагоне, ки муассисаҳои таҳсилоти касбиро хатм мекунанд, ҳамчун аъзои ғайрифаъоли ҷомеа ба назар мерасанд. Чунин омилҳо донишҷӯён ва мутахассиони ҷавонро маҷбур месозад, ки роҳу восита ва технологияҳои навро кор карда баромада, самти фаъолияти худро тағйир диҳанд ё маълумоти дуюмро аз рӯйи ихтисоси дигар интихоб кунанд. Дар баробари ин ҷиҳати масъалаи бекорӣ бояд қайд намоем, ки ин мушкилот аз тарафи созмонҳои бонуфузи ҷаҳонӣ мавриди омӯзиш ва таҳқиққарор дода шудааст.

Дар асоси нишондоди Ташкилоти Байналмилалии Меҳнат ба бекорон шахсоне дохил мешаванд, ки бо шуғл таъмин нестанд ва омодаанд ба кор шурӯъ намоянд[95]. Ҳамчунин, омилҳои дигари техникӣ низ сабаби дигари бекорӣ миёни аҳолии қобили меҳнат дар ҷаҳон гардидааст. Пешрафти илму технология як омили муҳими рушди иқтисодиёт ва мустақили он ба шумор меравад. Таъсири раванди илму технология аз як ҷиҳат ба зиёд гардидани маҳсулот ва сифати он сабаб шавад, аз тарафи дигар, мавқеи ҷойҳои кориро ишғол мекунад. Яке аз чунин навгониҳои соҳаи илму технология дар замони муосир ин рушди “зеҳни сунъӣ” аст, ки бевосита ба раванди шуғлмандӣ таъсири худро расонида истодааст.

Ба андешаи баъзе аз муҳақиқон “зеҳни сунъӣ” аз ҷиҳати иқтисодӣ муфид аст, зеро он метавонад ба баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат

---

[94]Баҳромбеков В.А. Кори иҷтимоӣ: Фарҳанги мухтасари энсиклопедии тоҷикӣ-русӣ[Матн]: / В.А. Баҳромбеков, О.В. Безпалко, Г.Э. Бекназарова, А.Н. Маҳмадов, Т.П. Цюман, Ш.Ш. Шоисматуллоев ва дигарон. Зери таҳрири доктори илмҳои педагогӣ, профессор И.Д.Зверева -Душанбе.- 2009.- С.59.
[95]Иқтисодиёти ҷаҳон. Дастури таълимӣ-методӣ [Матн]: / “Эр-граф”, Душанбе,- 2012.- С.50-51.

(паст кардани нархҳо аз ҳисоби автоматикунонии амалиёт, беҳтар шудани ҳамоҳангсозии равандҳо дар ҷараёни истеҳсолот ва ғайра) ва бунёди бозорҳои нав сабаб гардад. Ба андешаи онҳо“зеҳни сунъӣ” ин як навъи талаботи иҷтимоӣ ба назар расида, бо коркарди маълумоти оммавӣ алоқаманд буда, метавонад касбҳои навро ба вуҷуд орад (масалан, барномасозони зеҳни сунъӣ), ба беҳтар кардани шароити корӣ сабаб мегардад. Андешаи дигарон нисбати “зеҳни сунъӣ”баръакс буда, онро ҳамчун таҳдид барои шуғл меҳисобанд ва омиле, ки метавонад нобаробарии иҷтимоӣ ва шаддидтар созад, дар баробари ин, боиси аз байн рафтани баъзе аз фаъолиятҳо дар бахшҳои гуногун (саноат, бонкҳо ва ғайра) гардад[96]. Дар баробари ин, баъзе аз муҳаққиқони соҳа “зеҳни сунъӣ”-ро ҳамчун хатар барои башарият шарҳу тавзеҳ додаанд. Аз сабаби он ки доираи пажӯҳиши ин масъала васеъ аст ва объекти омӯзиши худро талаб мекунад, наметавон онро ба таври пурра дар ин қисмат шарҳ дод. Инчунин, аз тарафи олимони соҳаҳои гуногун дар хориҷа масъалаи бекорӣ ва ҷустуҷӯйи шуғл дар байни ҷавонону мутахассисон мавриди омӯзиш қарор доранд. Дар радифи ҳалли ин масъалаҳои иҷтимоӣ нуқтаҳои назари муҳаққиқон ва технологияҳои иҷтимоии кам кардани мушкилоти бекорӣ барои ин гурӯҳи иҷтимоӣ-демографӣ пешниҳод гардидааст.

Тарафдорони консепсияи “ҷустуҷӯйи оқилонаи кор” иқтисодшиносони амрикоӣ Р. Фримон, Д. Уайз, Х. Фолк ва М. Ҷексон чунин мешуморанд, ки сабабҳои бекории ҷавонон давраи тӯлонии беасоси ҷустуҷӯйи кор, ҳамчунин норасоии иттиллоотии хадаматӣ дар бораи ҷойҳои кории холӣ ба шумор меравaнд. Дар маркази диққати ҷавонон шароит ва зарурати ҷалби зуду босамар ба соҳаи меҳнати ҷамъиятӣ меистад. Барои ҷавонон набудани таҷрибаи ҳаётӣ ва меҳнатӣ,

[96]Камара П. Влияние искусственного интеллекта на трудовую занятость на примере транспортной отрасли Франции [Текст]: / П. Камара, // Вестник университета, Научный журнал на тему: Психологические науки, Экономика и бизнес, Социологические науки. № 12, -М.:-2019.- С.72.

баҳодиҳии норавшани қобилияти худ ва тавоноӣ хос аст. Дар фарқият дар кишвари Амрико бартарият ба кумаку дастгирии ҷавонон дар Аврупои ғарбӣ ва шарқӣ дар самти сохтани Марказҳои иттиллоотии ҷавонон дода мешавад. Аввалин бор чунин Марказ дар соли 1969 дар Фаронса кушода мешавад ва дар миёни солҳои 80-ум чунин шакли ташкили кор дар аксари кишварҳои Ғарб васеъ карда шуда, яке аз технологияи босамари мубориза бар зидди бекории ҷавонон мегардад. Дар соли 1987 Иттиҳодияи иттиллоотӣ ва машваратии Аврупоӣ барои ҷавонон таъсис дода шуд, ки ба он 10 кишвари аъзои Иттиҳоди иқтисоди Аврупо бо ҳам муттаҳид шуданд. Чунин тарҳи хизматрасонии иттиллоотӣ имконияти интихоби ҳаётии ҷавононро дар асоси муҳити васеи гуногун таъмин мекунад[97].

Барои ҳалли масъалаи бекорӣ дар саросари Аврупо посуххҳои гуногуни сиёсӣ мавҷуданд: дастгирии ташаббусҳо дар заминаи амнияти ҷойҳои корӣ, таҳсилот ё омӯзиш; ҷудо кардани имтиёзҳо барои кумакҳо дар шакли моддӣ барои ширкатҳое, ки дар онҳо ҷавонон кор мекунанд; барномаҳои кории муфид; тавсеаи таҳсилоти касбӣ; рушди пешакии касбӣ; маслиҳатҳо “start-up” (пуск, начало-оғоз), дастгирӣ барои соҳибкорони ҷавон фароҳам овардани имкониятҳои таҷрибаомӯзӣ, таълими ройгон ва ғайра[98].

Истифодаи чунин ташаббусҳо ба хотири кам кардани сатҳи бекории ҷавонон дар шароити иқтисодӣ бозории кишвар хеле саривақтӣ буда, дар пешгирӣ ва ҳалли пайомадҳои бекорӣ, ҳамчун зуҳуроти иҷтимоӣ хеле муфид хоҳад буд.

Дар шароити муосири ҷумҳурӣ пайгирии сифати таҳсилот ва тақсимоти дурусти хатмкунандагони зинаи миёнаи касбӣ беҳбуди

---

[97]Молодежная политика и профориентация [Текст]: / Под ред. О.П. Апостолова - М.: НМЦПО “Ориентир”, 1991.

[98]Василенко В.А. Европейский опыт содействия трудоустройству студентов (проблемы, подходы, организация) [Текст]: / монография / В.А. Василенко, А.Л. Карпукова – Иркутск, Изд-во ИГУ, 2014. – С.19.

мехоҳад. Ин имконият намедиҳад, ки гурӯҳе аз хатмкунандагони зинаи миёнаи касбӣ роҳи ояндаи худро дар ҳаёти мустақил пайдо кунанд, аз тарафи дигар, худи мутахассиси ҷавон маҷбур мешавад, то дар ягон ҷойи номуайян ба фаъолият оғоз намояд. Мутахассисони ҷавон пеш аз он ки ба бозори меҳнат ворид шаванд, бояд пешакӣ омодагии ҷиддиро гузашта, бо муҳити ивазшаванда мутобиқ шуда тавонанд, ҳамчунин, дар ин ҳолат ба хотири инкишофи фаъолияти худ донандаи хуби забонҳои хориҷӣ бошанд.

Ба андешаи муҳаққиқони рус А. Колесникова ва А. М. Донеский рақобатпазирии ҷавонон дар ҷараёни омодагии касбӣ ташаккул ёфта, як навъ хусусияти маҷмӯи рақобатнокиро касб мекунад, ки “дар рафти муколама бо корфармо дар бораи ба кор қабул кардан, қисман зоҳир мегардад (яъне рақобати аввалини коргар ва корфармо)”[99].

Омода намудани мутахассисони баландихтисос, мутобиқ намудани онҳо ба меъёрҳову шароити бозори меҳнат, рақобатпазирии онҳо дар соҳаи бозори иқтисодӣ аз технологияҳои нави ташкили системаи таълимот дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ва ҷараёни бо шуғл таъминкунии хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ дар ҷумҳурӣ вабаста аст.

Шахси рақобатпазир онест, ки дар шароити мусобиқа, муқобила бо рақибони худ қарор дорад ва саъйю талош мекунад, то фаъолияти пурсамару корсоз дошта бошад[100]. Мутахассисони ҷавонро лозим аст, аз нозукиҳои касби интихобкардаи хеш бархӯрдор бошанд, то ки бо воситаҳои истеҳсолот кор карданро донанд. Корхонаву муассисаҳои муосири истеҳсолӣ талаботро барои хатмкунандагон дар чунин шакл, монанди дониши хуби технологияҳои навин, забонҳои хориҷӣ, инкишоф дода тавонистани донишу таҷрибаи худ ва ғайраро мегузорад. Дар

---

[99]Богаченко Е.Д. Реализация принципов достойного труда в сфере занятости молодежи [Текст]:дисс…конд.экон.наук./ Богаченко Екатерина Дмитриевна - Саратов – 2017.- С.36.
[100]Педагогикаи умумӣ ва касбӣ [Матн]: / Зери назари академик М. Лутфуллоев; Душанбе: Ирфон - 2012.- С.141.

баробари ин, таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ дар самти бо шуғл таъмин намудани хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ қобили қабул буда, ҷиҳати ҳалли масъалаҳои шуғлмандии ин гурӯҳи иҷтимоӣ мусоидат хоҳад кард.

Системаи муосири бо шуғл таъминкунӣ аз рӯйи модели Шведӣ яке аз самтҳои асосии рушди ҳаёти ҷамъият ба ҳалли мушкилоти зерини сиёсати иҷтимоӣ нигаронида шудааст:

- барои ҳамаи аъзоёни ҷамъият додани ҳуқуқҳо ҳангоми гирифтани маълумот, интихоби касб ва ғайра;

- таъмини кафолати иҷтимоӣ ба аъзоёни ҷамъият сарфи назар аз вазъи иҷтимоӣ;

- муҳайё кардани тамоми шароити зарурӣ барои амалӣ гардонидани ҳади ниҳоии бо шуғл таъмин намудани аҳолии қобили меҳнат[101].

Модели шведӣ сиёсатро дар самти фаъоли таъмини шуғл ба аҳолӣвобаста ба касб, рақобатпазирии қувваи корӣ, инчунин, тарбия ва инкишофи онро дар назар дорад. Имрӯз иддае аз мутахассисони ҷавон маҷбуранд дар шароити рақобати шадид бо шарту шароит ва амри корфармоён ба кор шурӯъ кунанд. Ташкилотҳо дар навбати худ дарк карданд, ки зиёд будани шумораи мутахассисон дар бозори меҳнат ва беэътиноӣ кардан дар самти кор бо ҷавонон хароҷотро дар пардохти музди меҳнат, мутобиқшавӣ, омӯзиш ва ғайраро кам мекунад[102].

Омилҳои муҳим ва устувори инкишофи иқтисоди мамлакатро истифодаи пурраи захираҳои истеҳсолӣ, неруи инсонӣ ва фаъолияти меҳнатии одамон ташкил намуда, дар паст кардани сатҳи бекорӣ дар ҷомеа замина мегузорад. Кишварҳои мутараққӣ дар самти масъалаҳои шуғлмандии ҷавонон тадбирҳои гуногунро роҳандозӣ кардаанд.

---

[101]Васиев Ф.М. Формирование организационно-экономического механизма занятости населения в условиях рыночной экономики:теория, методология, практика (на материалах Республики Таджикистан) [Текст]: дисс...док.эконом.наук./ Васиев Фаридун Маҳмадович.- Душанбе-2019.- С.55-56.

[102]Труд молодежи в XXI веке: вызовы и возможности [Текст]: / Ежегодник – 2017, Материалы первого международного молодежного форума труда (ПММФТ — 2017). Санкт– Петербург, 14 марта 2017 г. СПбГУ, 2017.- С.39

Ҳамчунин, дар ҳалли масъалаи шуғли ҷавонон системаҳо ва технологияҳои муносиби иҷтимоиро кор карда баромадаанд.

Дар кишварҳои хориҷа “системаи дугона”, ки дар худ маълумоти мактабиро якҷоя бо таълим дар корхонаҳо ҳангоми гузариш аз раванди таълим ба ҳаёти меҳнатии ҷавонони сатҳи маълумоти пастдошта ёрӣ мерасонад, амал мекунад. Ин система дар Австрия, Олмон, Дания, Шветсария ва Норвегия амал мекунад[103].

Масалан, дар кишвари Гонконги Ҷумҳурии мардумии Чин “Барномаи омодагии пешазкасбии ҷавонон” вуҷуд дорад, ки дар он хатмкунандагони мактабҳои миёнаи умумӣ аз синни 15 то 19 сола таҳсил мекунанд. Ин хатмкунандагон малакаҳои муносибати байни роҳбарон бо одамон, донишҳои компютерӣ ва малакаҳои техникиро аз худ мекунанд, ки дар самти омӯзиши истеҳсолот ва барои бо шуғл таъмин кардани онҳо маблағ дода мешавад. Корфармоён ваколат доранд, нафароне, ки ҳамчун мураббӣ хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумиро дар давоми таҳсил роҳнамоӣ мекунанд, маблағи муайян мегиранд. Барномаи мавриди амал қарор додаи Ҷумҳурии Гонконг дар ҳамгироӣ бо “Барномаи Таҷрибаи корӣ ва омӯзиши ҷавонон”, ки аз синни 15 то 24 соларо дар бар мегирад, амалӣ мегардад. Мақсади асосии барномаҳои номбурда дастгирии ҷавонон барои пайдо кардани ҷойи кор мебошад.

Барномаи номбурда дурнамои шарикии корфармоёнро бо муассисаҳои таълимӣ ва татбиқ намудани лоиҳаҳои гуногун бо мақсади қонеъ гардонидани талаботи корфармоён бо ҷавонони ихтиссосманд равона карда шудааст, дар бар мегирад. Чунин Барномаҳо дар ин кишвар аз солҳои 90-уми асри гузашта то инҷониб фаъолият карда истодаанд, ки барои ҳалли самараноки масъалаҳоии иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва иқтисодӣба натиҷаҳои назаррас ноил гардидаанд. Хатмкунандагоне,

[103]Лопаткин И.В. Адаптация молодежи на современном рынке труда: социологический аспект [Текст]:дисс…конд.соц.наук./ Лопаткин Илья Викторович- Саратов – 2015.- С.92.

ки дар курсҳои технологияҳои иттиллоотӣ омӯзиш мегиранд, зиёда аз 50 дарсади онҳо бомуваффақона ҷойи кор пайдо кардаанд.

Чунин барномаи махсус барои ҷавонони Чилли дар ҳамгирой бо мақомоти таълими касбӣ ва шуғли аҳолӣ амал мекунад. Мақсади Барномаи мазкур такмил додан ва эҳтимолияти дохил шудани ҷавонони бекор ва оилаҳое, ки сатҳи зиндагии паст доранд ва ҷавононе, ки дар ҳамгироии ҳаёти иҷтимоӣ ва иқтисодӣ ба мушкилот дучор меоянд, равона шудааст. Ҷанбаҳои дигари Барнома ба ҷовонон имкониятҳои омӯзиши истеҳсолот ва ба даст овардани таҷрибаи меҳнатиро бо назардошти хусусиятҳои касбӣ омӯхташаванда шуғли мустақилонаро дода метавонад, фаро мегирад. Таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ бо принсипҳои асосии ин Барнома дар ширкатҳо ва ё корхонаҳое, ки аз мақомоти иҷроия ваколат мегиранд, гузаронида мешавад.

Вазорати меҳнат бо корхона ва ташкилоте, ки ҷавонон дар он ба таҷрибаомӯзӣ машғул ҳастанд, шартнома баста, сатҳу сифати шуғли ҷавононро арзёбӣ мекунанд. Дар асоси бастани шартнома ва арзёбии шуғли ҷавонон маълумоти лозимӣ ва навро вобаста ба талаботи корфармоён дар бораи таъмини таҷрибаи корӣ ба вазорат медиҳанд. Татбиқи чунин барномаҳо дар кишварҳои Америкои Лотинӣ, аз ҷумла, Аргентина, Колумбия, Перу ва Уругвай аз солҳои 90-уми асри гузашта амалӣ шуда ва ба вазъи иҷтимоии ҷавонон таъсири мусбат мерасонанд.

Дар Ҷумҳурии Корея “Барномаи таҷрибаи кории ҷавонон” баҳри мукаммал гардонидани тасаввуроти ҷавонон дар бораи ҷойҳои корӣ ва ихтисосҳои касбӣ равона шудааст, амал мекунад. Барнома дарбаргирандаи таҷрибаи корӣ ва системаи мусоидаткунанда ба шуғлмандии ҷавонон мебошад. Дар амал татбиқ намудани система ба донишҷӯён ва хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёна, инчунин, коллеҷҳо имкон медиҳад, ки дар муассиса ва корхонаҳое, ки онҳо ба сифати таҷрибаомӯз амал мекарданд, ба кор қабул карда шаванд. Ин

рафти таҷрибаомӯзӣ воситаи такмил ва интихоби дурусти ихтисоси ояндаи ҳар як мутахассиси ҷавон маҳсуб меёбад. Корхона ва ширкатҳои ин кишвар дар мавриди дастгирии шуғли ҷавонон ҳамчун таҷрибаомӯз ёрӣ мерасонанд ва онҳо метавонанд дар давоми се моҳ музди меҳнат гиранд. Дар минтақаҳое, ки корхонаҳо вуҷуд доранд хатмкунандагонро ба сифати таҷрибаомӯз дар муддати се моҳ қабул мекунанд ва ба онҳо маблағи муайян медиҳанд, сипас онҳоро бо кор таъмин мекунанд.

Дар Испания муассисаҳои истеҳсолие, ки дар шаҳри Барселона ташкил шудааст, барои дастгирии ҷавононе, ки тамоман кор накардаанд, тахассус ва касби муайян надоранд, дар ҷустуҷӯйи кор ҳастанд ва қобилияти кори ҷисмонӣ карданро доранд, амал мекунанд. Дар чунин мактабҳо Барномаҳое, ки оид ба омӯзиши малакаҳои ибтидоии касбӣ, ҷустуҷӯйи кор ва ба таври мустақилона кор карданро дар ҷавонон ташаккул медиҳад, ба роҳ монда шудааст.

Дар Британияи Кабир Барнома бо номи "Курси нав" барои ҷавонони синни 18 то 24 сола, ки ҳадди аққал шаш моҳ бекоранд, пешниҳод гардидааст. Дар Барнома як зумра хизматрасониҳои муайян барои ҷавонон, аз қабили ҷустуҷӯйи кор, машварат ва роҳнамоӣ дар вақти ҷустани кор, омӯзиши малакаҳои касбӣ, ҳосил намудани таҷрибаи корӣ, гирифтани дониши касбӣ, таҳсилоти ибтидоӣ ва ғайра фароҳам оварда шудааст.

Барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти вазъи моддӣ ва маънавии ҷавонон дар Канада "Стратегияи шуғлмандии ҷавонон" амал мекунад, ки мақсади он кумак расонидан ба ҷавонон барои дастрасӣ ёфтан ба маълумоти пурра, ба даст овардани малакаву маҳорати корӣ, баромадан аз вазъияти ногувор ва гузаштан ба фаъолияти меҳнатӣ иборат аст. Дар Барнома иштироки як қатор ташкилотҳо ва корфармоёне, ки бо гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоии аҳолӣ алоқаманд аст ва шарикии иҷтимоиро ба роҳ мондаанд, қабул шудааст. Дар "Стратегияи

шуғлмандии ҷавонон” имкониятҳои азхудкунии таҷрибаи корӣ, дониш андӯхтан ва баланд бардоштани тахассуснокӣ пешниҳод гардидааст. Бартариятҳои Стратегияи қабулгардида дар Канада аз он иборат аст, ки дар доираи он маҷмӯи хизматрасониҳо оид ба малакаҳои касбӣ ва пайдо намудани ҷойи кор дар фасли тобистон ва ҷавононе, ки дар пайдо намудани кор мушкилӣ мекашанд, равона шудааст. Ташкилоти корфармо чунин ҷавононро бо шуғл таъмин мекунанд ва аз ҳисоби маблағи музди меҳнати онҳо фоида ба даст меорад. Ин Стратегия аз соли 1999 дар ин кишвар қабул шуда, то ҳол мавриди истифода қарор дорад.

Бо назардошти пешгирии сатҳи бекорӣ дар байни ҷавонон дар Ҷопон лоиҳаи“Нақшаи худидоракунӣ ва ҳалли мушкилоти ҷавонон” вуҷуд дорад, ки бевосита ба иқтисодиёти ҷомеаи ин мамлакат таъсири мусбат мерасонад. Барои иҷрои вазифаҳои ба нақша гирифтаи лоиҳаи номбурда Вазорати маориф ва фарҳанг, меҳнат ва ҳифзи иҷтимоӣ, иқтисодиёт, савдо ва саноат, сиёсати иқтисодӣ ва андози ин кишвар масъул мебошанд.

Дар давлати Фаронса соли 1997 дар доираи қонуни рушди шуғли ҷавонон “Барнома барои солҳои 1997 – 2003” ҷорӣ карда шудааст. Тибқи барномаи зикршуда, номгӯйи хизматрасониҳои нав, ҷойҳои корӣ, пардохт намудани маблағҳое, ки шахсони корфармо ҷавононро ба кор қабул мекунанд, пешбинӣ гардидааст. Дар баробари ин, барои ҳар як ҷойи корӣ то 80% ҳадди ақали музди солона дар давоми панҷ соли кор иҷора дода мешавад. Дар корхона ва ширкатҳое, ки ҷавонон ба кор шурӯъ мекунанд мураббиён таъйин карда шуда, ба ҷавонон дар роҳнамоии касбӣ кумак мерасонанд. Барномаи қабулшуда дорои чунин хусусиятҳои муҳим мебошад: мусоидат намудан ҳангоми гирифтани маълумот, беҳтарнамоии тарзи ҳаёт, сифати ҳаёт ва ғайра.

Барномаи қабулгардидаи болозикр то соли 2003 амал карда, бо таҷдиди назар ба номи “Ташкили нави ҷойҳои корӣ барои ҷавонон” иваз карда шуд. Тибқи нақшаи ин барнома лоиҳаи дар муҳокима қарордошта, барои қонеъ гардонидани талаботи 800 000 нафар ҷавонон пешбинӣ гардидааст. Дар баробари барномаи хизматрасониҳои нав ба коргарони ҷавон дар соли 1997 Барномаи “Роҳ ба шуғл” ҷорӣ карда шуд. Соли 2003 ин барнома бо Барномаи “Шартномаи фарогирии ҳаёти иҷтимоӣ” муттаҳид карда мешавад, ки ҳадафи он дастгирии ҷавонони бекори аз синни 18 то 22 сола маҳсуб меёфт. Инчунин, Барнома барои бо шуғл фарогирии ҷавонони дорои сатҳи пасти маълумот ва тахассуси нисбатан камдошта нигаронида шуда буд. Дар радифи чунин системаҳо ва технологияҳои муносиби иҷтимоие, ки кишварҳои ҷаҳон дар самти кам кардани бекорӣ дар байни ҷавонон ва бо шуғл фаро гирифтани онҳо ба роҳ мондаанд, вазорату ташкилотҳои кишвар низ барномаву стратегияҳои лозимиро вобаста ба имконияти мамлакат қабул намуда, дар пешгирӣ ва кам кардани чунин мушкилоти иҷтимоӣ монеъ шаванд ва технологияҳои иҷтимоии бо шуғл фаро гирифтани ҷавонон, аз ҷумла, қисме аз хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбиро тарҳрезӣ намоянд.

Таҳқиқотчиён чунин арзёбӣ мекунанд, ки дар марҳилаи кунунии рушди ҷомеаи Тоҷикистон таъмини манфиатҳои кормандони корхонаҳо ва корфармоён тавассути роҳандозии шартномаи сетарафа ва ё шарикии иҷтимоӣ сурат мегирад. Дар давраи рушди иҷтимоию иқтисодии ҷомеаи ҷаҳонӣ, дар ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ ва марҳилаи дигаргун шудани ҷомеа хатари ба ҳамдигар зид баромадани андешаву ғояҳо дар соҳаи иҷтимоӣ ва дар соҳаи меҳнат, нақши шарикии иҷтимоӣ меафзояд.

Дар танзими масъалаҳои шуғли аҳолӣ системаи шарикии иҷтимоӣ аҳамияти калон дорад. Шарикии иҷтимоӣ байни кордиҳанда ва

коргарони кироя, иттифоқҳои касаба, ки мақсади асосии он танзими муносибатҳои иҷтимоӣ - иқтисодӣ мебошад[104].

Файласуфи англис психолог, сотсиолог ва иқтисодчӣ Ҷ.С. Милл (1806-1873) нисбат ба ин масъала менависад, "... муносибат миёни корфармо ва коргар бо гузашти замон ба муносибатҳои шарикӣ табдил ёфта, иваз мегардад"[105]. Ӯ нахустин бор мафҳуми "шарикӣ"-ро ба хотири ба танзим даровардани муносибатҳои иҷтимоӣ ва меҳнатӣ истифода бурдааст.

Ин мафҳум дар асарҳои иқтисодчии англис А. Маршалл (1842-1924) чунин баён карда шудааст, "шарикӣ миёни сармоя ва меҳнат ба монанди шарикӣ миёни ресандагон ва бофандагон лозим аст. Дар сурате ки ин гуна ҳамкорӣ вуҷуд надошта бошад, муносибатҳои тарафайн шиддат гирифта, боиси пайдо гаштани катактализм, яъне таҳавуллоти харобиовар (тағйироти ногаҳонӣ) дар ҷомеа мегардад". Асосгузорони марксизм К. Маркс ва Ф. Энгелс дар "Манифести Партияи Комунистӣ" таъкид кардаанд, ки "инсоният дар таърихи муосир дар мубориза синфҳо мебошад, аммо муносибатҳои иҷтимоӣ дар баробари муқовиматҳои синфӣ бо ҷустуҷӯ ва пайдо кардани созиш, роҳҳои муттаҳид шудан ва ризоияти тарафайн зоҳир мегардад"[106].

Аксаре аз корфармоён муҳимияти рушди системаи омодакунии шахсро дар истеҳсолот бевосита дарк намуда, омодагии худро барои ҳамкорӣ дар соҳаи таълими муштараки мутахассисон изҳор мекунанд ва бо омодагӣ ба бастани шартномаҳо (созишномаҳо) бо техникумҳо барои омӯзиши муштарак мераванд[107].

---

[104]Васиев Ф.М. Иқтисоди меҳнат [Матн]: / Ф.М. Васиев. Китоби дарсӣ. Нашриёти КВД "Матбаа",Душанбе-2022.-С.236.

[105]Витко Ф.П. Социальное партнерство [Текст]: / учеб.-метод. комплекс / Ф.П.Витко. – Минск: ГИУСТ. БГУ, 2008.- С.144.

[106]Ҳамон ҷо:- С.44.

[107] Содействие трудоустройству и адаптации к рынку труда студентов и выпускников учреждений профессионального образования Тульской области [Текст]: / сборник материалов II Региональной научно-практической конференции со всероссийским участием. Тула: Изд-во ТулГУ, 2015. С-9.

Дар ин маврид танҳо шарикии иҷтимоӣ имкон медиҳад, ки алоқаи муштараки мустаҳкам дар миёни муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ ва корхонаву фабрикаҳои истеҳсолӣ ба вуҷуд ояд, ки ин масъала дар қонунгузории кишвари мо низ матраҳ гардидааст.

Шарикии иҷтимоӣ яке аз принсипҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба меҳнат маҳсуб меёбад. Мутобиқати муқаррароти моддаи 297-и Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон мақсади шарикии иҷтимоӣ аз инҳо иборат аст:

- татбиқи ҳуқуқҳои меҳнатӣ ва ҳифзи иҷтимоию иқтисодии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи кафолатҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси мазкур, санадҳои қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- мусоидат ба танзими масъалаҳои иҷтимоию меҳнатӣ, бо фарогирии масъалаи муқаррар намудани андозаи музди меҳнат;

- зиёд намудани даромади кормандон дар асоси афзоиши ҳосилнокии меҳнат ва самаранокии истеҳсолот;

- таъсиси механизми самаранокии танзими муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ;

- гузаронидани музокироти коллективӣ, машваратҳои мутақобила, таҳия ва бастани созишнома ва шартномаҳои коллективӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- пешгирии баҳсҳои меҳнати коллективӣ ва мусоидат ба ҳалли ихтилофоти иҷтимоӣ-меҳнатӣ;

- таҳким ва инкишофи муносибатҳои иҷтимою меҳнатӣ дар асоси принсипҳои демократӣ;

- фароҳам овардани шароити мусоид барои таъмини шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва инкишофи бозори меҳнат[108].

[108]Хоркашов С.П. Марҳилаи ҳозираи ташаккулёбии шарикии иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]: / С.П. Хоркашов, С. Қурбомамадова /Маҷаллаи илмии муассисаи давлатии “Пажӯҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ” –Душанбе/-2021.1 №48- С.51-52.

Ҳадафи асосии шарикии иҷтимоӣ бошуурона аст, ки онро ҳама субъектҳои муколамаи иҷтимоӣ, дар натиҷаи танзими ҳамаи ҷанбаҳои муҳими муносибатҳои меҳнатии коллективӣ бо назардошти манфиатҳои коргарон ва корфармоён тавассути гуфтушунид, бастани шартномаҳо ва созишномаҳо, фароҳам овардани шароит барои самаранокии рушди иқтисодиёт ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии шаҳрвандон қабул мекунанд[109].

Тамоми корхонаву муассисаҳои корфармо бояд бо муассисаҳои таҳсилоти касбӣ алоқаи зич дошта бошанд. Аз тарафи ҳайати муассисаҳои таҳсилоти касбӣ ба хотири мусоидат дар раванди шуғлмандии гурӯҳе аз хамткунандагон шартномаҳои мустаҳкам байни муассисаи таълимӣ ва ташкилотҳои хориҷиву ватанӣ баста шавад, чунки яке аз технологияҳои расидан ба ин муваффақият рушди шарикии иҷтимоӣ миёни корфармо ва коргар ба шумор меравад.

Хулоса, масъалаҳои шуғл ва бо кор таъмин намудани ҷавонон, аз ҷумла, як қисми хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар шароити иқтисодӣ бозоргонӣ талаботро дар бозори меҳнат, нисбат ба ин гурӯҳи иҷтимоӣ-демографӣ номутаносиб гардонидааст, ки боиси афзудани бекории онҳо шудааст. Омода намудани насли ҷавон ба фаъолияти меҳнатӣ вазифаи муҳими ниҳодҳои ҷомеа, махсусан, ниҳоди системаи маориф маҳсуб меёбад. Чунки сифати касбии қисме аз хатмкунандагон, аз як ҷиҳат ба талаботи секторҳои иқтисодӣ ҷавобгӯ набошад, аз тарафи дигар, бо вуҷуди дастрас шудан ба шуғл талаботи моддии худро қонеъ карда наметавонанд. Дар замони муосир бо рушд ёфтани муносибатҳои истеҳсолӣ системаи таъмини шуғли хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ дигаргун шудааст. Бозори меҳнат тағйироти куллиро ба худ касб карда истодааст ва рақобатпазирии ҷавонон, онҳоро маҷбур месозад, ки самти

[109]Витко Ф.П. Социальное партнерство [Текст]: / учеб.-метод. комплекс / Ф.П.Витко. – Минск : ГИУСТ. БГУ, 2008.- С.8.

касбии худро вобаста ба хусусиятҳои муосири талаботи истеҳсолоти моддӣ ва маънавӣ муайян намояд. Бинобар ин, зарур аст, ки муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ технологияҳои иҷтимоии муосири кишварҳои хориҷиро барои ба шуғл фаро гирифтан омӯхта, аз он мутобиқан ба шароити ҷумҳурӣ истифода баранд. Аз таҷрибаи кишварҳои хориҷии дар ин самт ҷори гардида, метавон хулоса кард, ки бояд тамоми муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии ҷумҳурӣ барои ҳалли мусбати фаъолияти меҳнатӣ бо корхонаҳои ватанӣ алоқаи ногусастанӣ дошта бошанд. Инчунин, муассисони корхонаҳо, рафти фаъолияти таҷрибаомӯзии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти касбиро таҳти назорат қарор дода, мувозинатро нисбати талаботи истеҳсолот ва тайёр намудани тахассусҳои касбӣ ба назар гиранд.

## БОБИ II. БО ШУҒЛ ТАЪМИНКУНИИ ХАТМКУНАНДАГОНИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ КАСБӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

### 2.1. Таҳлили вазъияти хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ дар шароити бозори меҳнат

Дар шароити иқтисоди бозоргонӣ мушкилоти бо шуғл таъмин намудани қисме аз хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ дар Тоҷикистон яке аз масъалаҳои муҳим ба шумор рафта, ин вазъият беҳбудиро мехоҳад. Бинобар ин, коркарди лоиҳаи миллии шуғли мутахассисони ҷавон зарурати амалӣ дорад. Дар шароити муосир масъалаи бо шуғл таъмин намудани хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ дар кишвар яке аз омилҳои муҳими ҷанбаҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоӣ – иқтисодӣ ба шумор меравад.

Як қисми хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, касбӣ - техникӣ ва миёнаи махсуси ҷумҳурӣ дар бораи талаботи бозори меҳнат маълумоти кофӣ надоранд. Онҳо наметавонанд хусусиятҳои шароити иҷтимоӣ - иқтисодиро, ки шакл ва ҷанбаи фаъолияти касбиро муайян менамояд, ба назар гиранд, чунки нисбати талаботи тахассусии бозори меҳнат дар шароити муосир тасаввуроти амиқ надоранд. Яъне, касб барои наврасону ҷавонон фақат василаи дастёбӣ ба тарзи муносиби зиндагӣ бе назардошти арзишҳо ва аҳамияти иҷтимоии он мебошад. Чунин муносибати ҷавонон ба фаъолияти касбӣ ба он оварда мерасонад, ки дар бозори меҳнати кишвар ва хориҷ дар баъзе соҳаҳои иқтисоди миллӣ мутахассисон зиёданд ва дар соҳаҳои дигар ихтисосмандон намерасанд[110].

Мутобиқи моддаи 35 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар як шахс ба меҳнат, интихоби касбу кор, ҳифзи меҳнат ва ҳимояи иҷтимоӣ ҳангоми бекорӣ ҳуқуқ дорад. Вобаста ба ин, тибқи моддаи 1 – уми

[110]Шоисматтулоев Ш. Ҷавонон ва муҳити таҳсилоти онҳо [Матн]: / Ш. Шоисматтулоев, Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи Миллии Илмҳои Тоҷикистон, “Иперpredsjeал-Групп” №1,-Душанбе-2021.- С.30.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ”- шуғл гуфта, ҳамагуна фаъолияти шаҳрвандони қобили меҳнат, ки ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолиф набуда, ба қонеъ гардонидани талаботи шахсӣ ва ҷамъиятиашон алоқаманд мебошад ва ба онҳо даромад (музд) меоварад, маҳсуб меёбад. Аз рӯйи меъёрҳое, ки дар қонунгузории кишвар оварда шудааст, давлат ин имтиёзро дар самти шуғли аҳолӣ ва чораҳои мусоидат ба онро кафолат додааст.

Хатмкардагони донишгоҳ як қисми ҷавонони дорои маълумоти олӣ, сатҳи таҳсилот ва касбияти онҳо, бо тамоюлҳои ҷорӣ ва зиддиятноки тағйирот дар ҷомеа алоқаманд аст. Дар навбати худ муносибати онҳо ба меҳнат, аз сифати тахассус ва саҳми онҳо дар рушди иқтисодиёти кишвар (аз сабаби он ки онҳо қисми асосии аҳолии дар иқтисодиёт фаъолро ташкил медиҳанд), ки суръати рушди онро муайян хоҳанд кард, вобаста аст[111]. Дар шароити муосир хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ яке аз категорияҳои махсусан осебпазири бозори меҳнат ва гурӯҳи мушаххаси аҳолии ҳар як кишвар ба ҳисоб мераванд.

Ҷавонон дар бозори меҳнат ҳамчун категорияи осебпазири шаҳрвандон ба шумор рафта, масъалаи танзим ва рафъи бекорӣ дар байни онҳо мушкилоти сиёсати давлатӣ маҳсуб меёбад. Ба соҳаи бозори меҳнати ҷавонон як қатор тамоюлҳои манфӣ таъсир мерасонад: номувофиқатии талабот ва пешниҳоди қувваи кории касбу ихтисос бо назардошти хусусиятҳои сифатии он; афзоиши қувваи корӣ аз ҳисоби шахсоне, ки ихтисос надоранд; сатҳи пасти нуфузи ихтисосҳои корӣ; фоизи ками корфармоён дар ташкили ихтисос ва бозомӯзии кормандон[112]. Бо вуҷуди баъзе мушкилот дар иқтисодиёт ва афзоиши

[111]Монтаев А.Б. Социально – экономические стратегии выпускников вузов на постсоветском пространстве: сравнительный анализ России и Казахстана. [Текст]: дисс… кан.соц.наук. Монтаев Ардак Базарбекович.- Саратов, -2015.- С.26.
[112]Зубарева А.В. Современное состояние российского рынка труда и трудоустройство молодых специалистов [Текст]: / Содействие трудоустройству и профессиональному становлению молодых специалистов учреждений профессионального образования Ростовской области: материалы I

қувваи корӣ муассисаҳои таҳсилоти касбӣ дар пайдо кардани ҷойи кор барои мутахассисони ҷавон ва сохтани марказҳои инкишофи ихтисос бояд шарикии иҷтимоиро бо муассисон ва роҳбарони корхонаҳо дар масъалаи бошуғлтаъминкунӣ барқарор намоянд. Мусоидат ба шуғли пурмаҳсул ва таъмини ҷойи кори шоиста, таъмини ҳифзи иҷтимоӣ ва ташаккули ҳамгироии иҷтимоӣ, афзоиш додани шумораи корхонаҳо, махсусан, корхонаҳои хурду бузург, гузариш аз шуғли ғайрирасмӣ ба шуғли расмиро ташвиқ намудан ва тадбир андешидан лозим аст.

Воқеияти ҷумҳурӣ дар мавҷуд будани бозори меҳнат бахшҳои зеринро дарбар мегирад, ки ҳақиқатан ба ҳиссаҳои баробар шуғли расмӣ, шуғли ғайрирасмӣ ва муҳоҷирати меҳнатиро (ба қадри имкон ғайрирасмӣ ва назоратнашаванда) ташаккул медиҳад. Зарурати афзоиши ҳамзамони миқдори шуғли устувори пурмаҳсул ва маҳсулноки меҳнат дар давраи дарозмуҳлат хоҳад шуд. Дар "Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон" барои соли 2030 мафҳуми шуғли пурмаҳсул дар асоси талаботи "Конвенсияи Созмони байналмилали Меҳнат дар бораи мусоидат ба шуғл, ҳифз ва бекорӣ" муайян, таҳлил ва пешинҳод шудааст. Ҳамзамон, шуғли пурмаҳсул масъалаҳои пайвасти суръати рушди иқтисодӣ ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ, масъалаҳои ҳифзи манфиат ва ҳуқуқҳои кормандон ва ҳамчун омили самаранок дар роҳи баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолии кишварро дар бар мегирад. Мафҳуми шуғли пурмаҳсул фаъолиятеро, ки ба даст овардани даромадро дар шакли музди меҳнат ё ин ки фоида аз соҳибкорӣ дар раванди истеҳсоли молҳо, пешниҳоди хизматрасониҳо ва ғайра тавсиф меёбад, ифода мекунад. Таъмини шуғли пурмаҳсул ба афзоиши истеъмолот, пасандозҳо ва сармоягузориҳо мусоидат мекунад[113]. Таъмини шуғли пурмаҳсули аҳолии қобили меҳнат тавассути бозори меҳнат ба миён омада, ҷиҳати ҳалли мушкилоти иқтисодӣ, аз ҷумла, паст

---

региональной заочной научно методической конференции (Ростов-на-Дону, 25 мая 2015 г.) [Электронный ресурс]: и доклады; А.В. Зубарева., Е.В. Колесникова., В.В. Каращенко/Дон. гос. техн. ун-т. – Электрон. текстовые дан. – Ростов н/Д: ДГТУ, -2015. – С.24.

[113]Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030[Матн]: / Душанбе. – 2016. – С.80.

кардани сатҳи камбизоатӣ ва масъалаҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ шуғли пурмаҳсул технологияи дурусти ин қабил мушкилот ҳоҳад буд, ки он бевосита дар Стратегияи миллии рушди кишвар оварда шудааст.

Яке аз ҳадафҳои стратегӣ дар СМР-2030 зикргардида таъмин ва вусъати шуғли пурмаҳсул дар кишвар мебошад, ки он тавассути афзоиши шуғли расмӣ ва меҳнати пурмаҳсул, сатҳи сазовори музди меҳнат, ва инчунин, бо шароити бехатарии меҳнат таъмин мегардад. Барои гузариш ба суръати баландтари шуғл саъю талошҳо дар якчанд соҳаҳои сиёсат заруранд, ки ба ташаккули шумораи бештари ҷойҳои корӣ дар кишвар бо арзиши иловашудаи баландтар тавассути васеъгардонии бахши хусусии ба рақобат тобовар равона гардидаанд[114].

Вобаста ба хусусиятҳои афзоиши демографии аҳолӣ дар кишвар ва суръати баланди афзоиши аҳолии қобили меҳнат таъсис додани ҷойҳои нави кориро дар деҳот тақозо мекунад. Аз ин рӯ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ калиди тиллоии системавӣ буда, ҳалли ин масъала кори нисбатан мушкил мебошад.

Ташаккули бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити махсуси миллӣ, дар зери таъсири чунин омилҳо, ба монанди вазъи мураккаби демографӣ, аз кишвар муҳоҷир шудани теъдоди зиёди кормандон ва мутахассисони баландихтисос, нарасидани ҷойҳои корӣ зимни зиёд будани захираҳои меҳнатӣ ба вуҷуд омада истодааст. Имрӯз дар кишвар сатҳи баланди шуғли ғайрирасмӣ ба мушоҳида мерасад, ки бешубҳа, огоҳкунандаи фаъолияти ғайриқаноатбахши бозори меҳнат мебошад. Шуғли ғайрирасмӣ зуҳуроти васеъ паҳнгардида буда, мутаассифона, аз ҷониби кумитаҳои дахлдори кишвар ба қайд гирифта намешавад. Бо дарназардошти шароити душвори молиявию иқтисодии рушди кишвар ва сатҳи баланди шуғл дар бахши ғайрирасмӣ, яке аз роҳҳои воқеии имконпазир, дастгирӣ ва ҳавасмандгардонии рушди соҳибкорӣ мебошад[115]. Дар бозори меҳнат ҳар чи қадар ҳолат беҳтар бошад, ҷойҳои нави корӣ афзун гардад,

---

[114]Барномаи миёнамуҳлати рушди ҶумҳурииТоҷикистон барои солҳои 2016-2020 [Матн]: / Душанбе.- С.68.

[115]Шуғл дар шароити рушди инсон.;Ҳисоботи миллӣ оид ба рушди инсон дар солҳои 2008-2009 . [Матн]: / -Душанбе. – 2010.- С.22.

ҳамон қадар шуғли кироя зиёд шуда, бахши соҳибкорӣ ва шуғли расмӣ фаъол мегардад.

Шуғли ғайрирасмӣ ба андозаи зиёд якбора пастравии сатҳи зиндагии аҳолӣ ва афзоиши бекориро нигоҳ медорад. Аз ин рӯ, рушди шуғли ғйрирасмӣ яке аз қисматҳои худтанзимкунандаи бозори иқтисодӣ мебошад[116]. Дар баробари паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва кам кардани бекорӣ шуғли ғайрирасмӣ метавонад мушкилоти нави иҷтимоиро ба монанди ҷинояту ҷинояткорӣ, сатҳи пасти истеҳсоли молу маҳсулот ва намудҳои хизматрасониро ба миён орад, инчунин, дар қатори шуғли ғайрирасмӣ корхонаҳои шуғли ғайрирасмидошта шумораи ками коргаронро дар худ муттаҳид менамоянд.

Сиёсат дар бозори меҳнат дар раванди дигаргунсозии иқтисодӣ, ҳамчун заминаи инкишофи истеҳсолоти меҳнатӣ ва баланд бардоштани музди маош аҳамияти калон дорад[117]. Афзун гардидани шиддатнокии ҳолати бозорҳо дар минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ, хусусан, набудани номувозинатӣ аз он дарак медиҳад, ки тақозо нисбат ба қувваҳои корӣ ва бо кори доимӣ таъмин намудани аҳолии бешуғл далолат менамояд.

Дар мамлакат бевосита ба масъалаҳои шуғлмандӣ сару кор гирифтан ва ҷиҳати ҳалли ин зуҳурот вазъияти демографии аҳолӣ таъсири зиёд мерасонад, чунки сол то сол шумораи аҳолии қобили меҳнат дар кишвар зиёд гашта истодааст. Ин ҳолат боиси як қатор мушкилот дар бозори меҳнат гардидааст.

Мушкилоти асосии бозори муосири меҳнати Тоҷикистон инҳоянд:

а) номутобиқатии байни суръати баланди афзоиши аҳолии қобили меҳнат ва суръати нокифояи таъсиси ҷойҳои кории муносиб;

б) афзоиши миқдори хатмкунандагони дорои маълумоти олӣ ва нарасидани кадрҳои соҳаи маълумоти касбии техникӣ ва миёнаи махсус;

---

[116]Шуғл дар шароити рушди инсон.;Ҳисоботи миллӣ оид ба рушди инсон дар солҳои 2008-2009 . [Матн]: / -Душанбе. – 2010.-С.72.

[117]Рынок труда и возможности трудоустройства. Тенденции и проблемы в Армении, Азербайджане, Белоруси, Грузии, Республике Молдова и Украине [Текст]: / Уммухан Бардак (ред.) С участием Хесуса Алькесера Сабади, Анастасии Фетси и Д-ра Константина Замана. Люксембург:Бюро Публикации Еворпейского Союза, 2011. С-114.

в) ҳаҷми калони шуғл дар бахши ғайрирасмӣ ва сатҳи пасти музди меҳнат дар бахши расмӣ[118].

Чунин мушкилоти бозори меҳнати кишвар ва имкониятҳои маҳдуди бошуғлтаъминкунӣ боис гардидаанд, ки ҳамасола гурӯҳе аз хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ ба муҳоҷирати меҳнатии берун аз кишвар рӯ оваранд. Дар баробари омӯзиш ва бартараф намудани оқибатҳои манфии муҳоҷират ва бекорӣ дар замони муосир ин масъала ҳамеша ба таҳҳлилу баррасии муҳаққиқони соҳаи илмҳои ҷомеашиносӣ боқӣ хоҳад монд.

Айни замон аз сабаби гуногуншакл будани муҳоҷират миқдори аниқи муҳоҷирон ба қайд гирифта нашудааст. Тибқи маълумоти ҷомеашиносон, беш аз 20 % -и хонаводаҳои тоҷикистонӣ камаш як нафар муҳоҷир дорад. Вале аз рӯйи мушоҳидаҳо бармеояд, ки аксари хонаводаҳо, бахусус, дар деҳот, аз 1 то 3-4 нафар муҳоҷир дида мешавад. Доир ба теъдоди умумии муҳоҷирон, аз ҷумла, муҳоҷирони корӣ дар хориҷи кишвар, таркиби иҷтимоии онҳо, дараҷаи маълумотнокӣ ва касбу кори онҳо маълумоти аниқу дақиқ вуҷуд надорад, ки ин омил ба раванди омӯзиш ва таҳқиқи ҳамаҷонибаи масъалаи мазкур боис мегардад[119].

Мувофиқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қисми зиёди бекоронро дар кишвар ҷавонон ташкил медиҳанд. Ба ин мақсад омӯзиши мушкилоти шуғли ҷавонон дар бозори меҳнат хусусияти хоси худро дар бар гирифтааст[120].

Барои муайян намудани масъалаҳои бошуғлтаъминкунӣ, бозори меҳнат ва интихоби касб дар мавзуи “Технологияҳои иҷтимоии бо шуғл таъминкунии хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ дар Тоҷикистон” дар байни хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ ва нафарони

---

[118]Шуғл дар шароити рушди инсон.;Ҳисоботи миллӣ оид ба рушди инсон дар солҳои 2008-2009 [Матн]: / Душанбе – 2010.- С.22.

[119]Назирова М.Н. Арзишҳои маориф ва нақши он дар ҳаёти ҷавонони муосир (таҳлили сотсиологӣ) [Матн]: / М.Н. Назирова.-Душанбе, “Ирфон”.-2022.-С.103-104.

[120]Аликулов А.Р.Анализ положения занятости молодежи на рынке труда в период финансовой нестабильности (на примере Республики Таджикистан) [Текст]: / А.Р. Аликулов, К.Р.Кабутов, Паёми ДМТ №3. (Бахши илмҳои иҷтимой-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ). Душанбе.- 2022. №3. – С.57.

бекору хонашини аз синни 18 то 30 сола дар минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ пурсишнома (анкета) гузаронида шуд.

Таҳқиқоти сотсиологӣ соли 2022 дар ВМКБ, вилояти Хатлон, вилояти Суғд, НТМ ва шаҳри Душанбе гузаронида шуд, ки дар он 300 – нафар пурсишшавандагон иштирок карданд.

Мутобиқи таҳқиқоти гузаронидашуда, аз панҷ як ҳиссаи мусоҳибон (20,5%) сабаби бо шуғл таъмин нагардидани баъзе аз шаҳрвандонро дар надоштани саводу донишӣ кофӣ мебинанд. Ҳамзамон, 13,4% мусоҳибон дар он андешаанд, ки дар ҷумҳурӣ корхонаву ташкилотҳо кам буда, имконияти ҳама шаҳрвандонро ба шуғл таъмин кардан ғайриимкон аст. Инчунин, мувофиқи нуқтаи назари 12,8%-и мусоҳибон аксарияти шаҳрвандоне, ки дар ҷустуҷӯйи кор ҳастанд, касби худро пурра ва дуруст аз худ накардаанд ва бо ин сабаб дар бозори меҳнат ҷойи худро пайдо карда наметавонанд. Аз даҳ як ҳиссаи мусоҳибон – 10,3% сабаби ба шуғл таъмин нашудани баъзе аз ҷавононро афзудани қувваи корӣ ва норасоии ҷойҳои кории холӣ меҳисобанд. Сабаби бекор мондани ҷавононро 9,7%-и мусоҳибон дар надонистани забонҳои хориҷӣ медонанд. Дар баробари ин, 7,3%-и мусоҳибони дар таҳқиқот ширкатварзида боварӣ доранд, ки ҷойи корӣ ҳаст, аммо шаҳрвандон худ хоҳиши бо маоши кам кор карданро надоранд. *(нигаред ба расми 1)*.

**Расми 1.**

**Ба фикри Шумо барои чӣ баъзе аз шаҳрвандони мо бекор мемонанд?** *(n=300, %)*




Аксарияти мусоҳибон зикр намудаанд, ки сабаби кори ба хости худ ёфта натавонистони шаҳрвандон ба дониш, малака ва қобилияти худи онҳо вобастагӣ дорад. 65,9% мусоҳибон сабабҳои бекориро вобаста ба худи шахс (сабабҳои субъективӣ) нишон додаанд, аз се як ҳиссаи мусоҳибон – 34,1% ба таъсири омилҳои беруна ё омилҳои объективӣ (кам будани корхонаву ташкилотҳо, надоштани пул, афзудани рақобат, надоштани пуштибон) вобаста зикр кардаанд.

Сиёсат дар бозори меҳнат бояд ба самти тақвиятбахши ҳавасмандӣ ба меҳнат ва пешниҳоди бештари шаҳрвандони бешуғл ва дастрасӣ ба Барномаҳои мусоидаткунанда ба шуғл тавассути машваратдиҳӣ дар масъалаи бо шуғл таъминкунӣ, инчунин, маълумотдиҳии васеъ дар бораи ҷойҳои кори холӣ равона карда шавад[121]. Саҳми дигарро дар ҳалли масъалаи сиёсат дар бозори меҳнат ва тақсимоти захираҳои меҳнатӣ хадамот ва агентиҳои шуғли аҳолӣ мегузоранд.

[121]Суровцевой В.А. Современные социально-экономические проблемы развития регионов, преодоление бедности и обеспечение занятости населения [Текст]: / сборник трудов Международной научно-практической конференции 10 апреля 2017 г./ [под ред. В.А. Суровцевой, Н.В. Беликовой]; Частное образовательноеу чреждение высшего образования Центросоюза Российской Федерации “Сибирский университет потребительской кооперации”. – Новосибирск: СибУПК.- 2017.- С .26-27.

Давоми солҳои Иттиҳоди Шӯравӣ ҳайати иҷтимоии аҳолӣ дар кишвар тағйир ёфт ва он аз синфи коргар, деҳқон ва зиёиён иборат буд. Дар Тоҷикистон ҳиссаи одамони машғул дар хоҷагӣ аз ҳама бештар дар хона ва хоҷагии шахсӣ ба назар мерасад. Дар шароити муосир истифода аз захираҳои меҳнатӣ дар хоҷагии халқ ва баланд бардоштани сатҳу сифати некуаҳволии мардум дар мадди аввал местад.

Ҳамзамон, тамоюли пастравии шадиди ҳиссаи аҳолии машғул дар иқтисод дар таркиби захираҳои меҳнатӣ ба назар мерасад. Ҳолати мазкур масъалаи таъмини шуғли захираҳои меҳнатӣ ва истифодаи онҳоро дар деҳот ба ҷойи аввал мегузорад. Шадидан коҳиш ёфтани сатҳи музди меҳнат дар солҳои Истиқлолият арзаи бозори дохилии меҳнатро ҳам коҳиш дод[122]. Нуқтаи дигар ин ки, дар таркиби захираҳои меҳнатӣ дар иқтисодиёти бозоргонӣ саҳм ва нақши хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ аҳамияти махсусро дорост.

Хусусияти дигари муҳими вазъи хатмкунандагон дар бозори меҳнат музди меҳнат аст, ки талабот ва пешниҳодро ба меҳнати хатмкунандагон дар минтақа баробар мекунад. Музди меҳнат ба бисёр омилҳо, аз ҷумла, дараҷаи маълумот, ихтисосе, ки хатмкунанда тавассути он кор мекунад, собиқаи кор, синну сол, ҷинс ва ғайра вобастагӣ дорад[123].

Ҳангоме ки хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ донишгоҳро хатм мекунанд, барои дарёфти кор бештар ба музди маош такя намуда, касби худро бо даромади оянда алоқаманд мекунанд ва хусусиятҳои корро ба эътибор намегиранд. Нақшаҳои ҷавонони соҳибкасбро, асосан, имконияти бо шуғл таъмин кардан муайян мекунад ва барои аксарияти онҳо шуғл ва дурнамои касб номуайян аст. На ҳамаи

[122]Набиева Д.М. Хусусиятҳои минтақавии ташаккули бозори муосири меҳнат [Матн]: / Д.М. Набиева, Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба ҷашни “25-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” / Душанбе -2016.- С.245-246.

[123]Лопатина М.В. Выпускники среднего профессионального и высшего образования на российском рынке труда: информационный бюллетень [Текст]: / М.В. Лопатина., Л.А. Леонова., П.В. Травкин., С. Ю. Рощин., В.Н. Рудаков; под науч. ред. С.Ю. Рощина, В.Н. Рудакова; Нац. исслед. ун-т “Высшая школа экономики”.— М. : Изд. дом Высшей школы экономики, — 150 экз. — ISBN 978-5-7598-2195-3 (в обл.). — ISBN 978-5-7598-2089-5 (e-book). -2020.- С.15.

хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ фаъолияти худро вобаста ба ихтисос нақшагузорӣ мекунанд[124].

Натиҷаи таҳқиқоти сотсиологӣ нишон дод, ки мусоҳибон, нисбати кафолати ҷойҳои корӣ назари хешро чунин изҳор доштанд: 32,4 % -и мусоҳибон кафолати ҷойи корро дар сатҳи баланди дониш тарҷеҳ доданд, фаъолнокии худи шахсро 24,0 % -и мусоҳибон зикр намуда, доштани "алоқаҳо" ва "шиносҳо"-ро 20,4 % - и мусоҳибон муҳим нишон додаанд. Таҷрибаи корӣ аз нуқтаи назари 14,4 % -и мусоҳибон ва нуфузнокии донишгоҳи хатмкарда- 4,0 % - и омилҳои муҳиме мебошанд, ки барои дарёфти ҷойи корӣ кӯмак мерасонанд. Сифатҳои хуби шахсиро 3,4 % -и мусоҳибон барои дарёфти ҷойи корӣ баррасӣ намудаанд.

Айни ҳол вазъият дар бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар ҷаҳон то чанд муташанниҷ гашта истодааст. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади таъмини аҳолӣ бо ҷойи кор ҳамасола на камтар аз 200 ҳазор ҷойҳои нави кориро таъсис дода истодааст. Аз сабаби зиёд будани афзоиши табии аҳолӣ, ки захираҳои меҳнатӣ дар оянда аз ин ҳисоб зиёд мегардад ва кам гаштани муҳоҷирати меҳнатии бурунмарзӣ, талабот ба ҷойи корӣ дар бозори меҳнати кишвар афзуда истодааст[125]. Ба андешаи мо дар кишвар барои ба эътидол даровардани вазъият дар бозори меҳнат ва талабот ба ҷойҳои нави кориро бомаротиб зиёд гардонидан зарурияти масъалаи иҷтимоӣ аст, ба зами ин афзоиши табиӣ аҳолиро вобаста ба шароити иҷтимоӣ ба танзим даровардан тақозои замон мебошад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» дар соли 2022 таъкид карда буданд, ки "Таъсиси ҷойҳои нави корӣ яке аз самтҳои муҳими сиёсати иҷтимоии

[124]Ситникова И.В. Процесс профессионального самоопределения молодежи: школа – вуз – рынок труда (на примере Нижегородского региона) [Текст]:дисс…док.экон.наук./ Ситникова Ирина Викторовна- Душанбе – 2022.- С.58.

[125]Аҳмадов Ф.М. Таъсири бозори меҳнат ва нишондиҳандаҳои он ба сатҳи зиндагии аҳолӣ [Матн]: /Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба ҷашни "25-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон"/Аҳмадов Ф. М. // Душанбе -2016. – С.298.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Дар панҷсоли охир сатҳи некуҳволии мардум тадриҷан баланд шуда, даромади пулии аҳолӣ аз 41,1 миллиард сомонии соли 2018 ба 87 миллиард сомонӣ дар соли 2022 расонида шуд, яъне 2,1 баробар зиёд гардид. Музди миёнаи меҳнат дар кишвар якуним баробар ва андозаи нафақаи ниҳоӣ 1,3 баробар афзоиш ёфт. Дар натиҷа сатҳи камбизоатӣаз 27,4 фоизи соли 2018 то 22,5 фоиз дар соли 2022 коҳиш дода шуд. Дар ин давра беш аз 900 ҳазор, аз ҷумла, дар соли 2022 190 ҳазор ҷойи кории нав таъсис дода шуд, ки ба беҳтар гардидани вазъи шуғли аҳолӣ дар кишвар мусоидат намуд”[126]. Ҳамасола дар кишвар нисбати сатҳу сифати зиндагӣ ва беҳбуд бахшидан ба ҳаёти иҷтимоӣ аз тарафи давлату ҳукумати мамлакат чораҳои дахлдор андешида шуда истодааст.

Дар асоси таҳқиқоти болозикр дар таъмини ҷойи корӣ барои хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ чунин натиҷа ба даст омад. 36,5 % - и мусоҳибон зиёд кардани корхонаҳои истеҳсолиро дар ҷумҳурӣ нишон додаанд, ки он сабаби бо ҷойи кор таъмин намудани аҳолӣ мешавад, 19,4 % - и пурсишшавандагон бошанд баланд бардоштани сатҳи донишро зикр намудаанд, 8,8 % - и мусоҳибон ҳавасманд намудани ҷавононро интихоб карда, баланд бардоштани музди меҳнатро 8,6 % - и мусоҳибон ҳамчун воситаи ба шуғл фаро гирифтан қайд намудаанд. Беҳтар намудани сифати таълимро 6,9 % - и мусоҳибон ишора намуда, 5,8 % - и мусоҳибон ягон ҷавоби муайян надоданд, 5,6 % - и мусоҳибон дӯст доштани касбро ишора карда, эълони ҷойҳои кориро 3,5 % - и мусоҳибон, яке аз омилҳои дарёфти ҷойи корӣ арзёбӣ намудаанд. Беҳтар кардани шароити кориро 2,9 % , фаъолнокии хатмкунандагонро 1,9 % -и мусоҳибон дар ин самт баррасӣ кардаанд.

Аз натиҷаи таҳқиқоти сотсиологӣ бармеояд, ки барои дарёфти ҷойи корӣ омилҳои баланд бардоштани музди меҳнат, тахасусӣ босифати касбӣ, беҳтар

[126]Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 23.12.2022 [Манбаи электронӣ]. URL: **http://www.prezident.tj/node/29823** (Санаи истифодабарӣ:16.10.2023).

намудани шароити корӣ ва фаъолнокии хатмкунандагон низ нақши муҳимро ичро менамояд.

Ба ақидаи муҳаққиқи тоҷик А.Б. Гулов “Дар шароити рушди нақшавии марказонидашудаи хоҷагии халқ танзими равандҳои шуғл, истифодабарӣ ва азнавтақсимкунии захираҳои меҳнатӣ унсури муҳимтарини сиёсати иқтисодӣ ва иҷтимоии давлатии равонакардашуда ба барҳамдиҳии бекорӣ, дастгирии сатҳи баланди шуғли аҳолӣ, таъмини иқтисодиёт бо кормандони тахассусӣ, тақсимот ва азнавтақсимкунии нақшавии қувваи корӣ байни минтақаҳо ва соҳаҳои хоҷагии халқ ба ҳисоб меравад”[127]. Сатҳи баланди шуғлмандӣ бевосита ба сиёсати иҷтимоии давлат вобастагӣ дорад. Навсозиҳои иқтисодӣ сабаб гардидааст, ки дар соҳаи меҳнат ва ба шуғл фаро гирифтани онҳо чораҳои лозимӣ бояд андешида шавад. Хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ дар шароити кунунӣ – иқтидори ояндаи мамлакат ба шумор рафта, яке аз самтҳои мавҷудаи ҳифзи иҷтимоии онҳо дар бозори меҳнат ин амалӣ наудани маҷмӯи нақша – чорабиниҳо дар соҳаи идории шуғлмандии онҳо маҳсуб меёбад.

Аз натиҷаи таҳқиқоти сотсиологӣ маълум гардид, ки дар пайдо кардани ҷойи кор нақши давлатро 44,2 % - и мусоҳибон муҳим дониста, 28,4 % - и мусоҳибон ба он боваранд, ки давлат дар доираи имкониятҳояш ҷойҳои кориро таъсис медиҳад, 15,3 % - и мусоҳибон ишора кардаанд, ки шаҳрвандон бояд аз имкониятҳои мавҷудаи давлат истифода баранд, 8,6 % -и мусоҳибон бар он назаранд, ки шахс бояд худаш ҷойи корашро ёбад.

Вобаста ба ин, дар давраи муосир бо инкишофи муносибатҳои иҷтимоӣ - иқтисодӣ дар тамоми ҷаҳон масъалаи тезу тунди шуғли аҳолӣ мушоҳида мешавад. Механизми асосии мутобиқшавӣ ба тағйироти бозори меҳнат ҳавасмандгардонии иштирокунандагони бозори меҳнат мебошад[128].

---

[127]Гулов А.Б. Рушди иқтидори меҳнатӣ дар бахши аграрии минтақа (дар асоси маводҳои ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ) [Текст]: дисс.номз.илм.иқт: Гулов Акобир Баҳронович.-Душанбе -2021.- С.119.
[128]Суровцевой В.А. Современные социально-экономические проблемы развития регионов, преодоление бедности и обеспечение занятости населения [Текст]: / сборник трудов Международной

Барои афзудани шуғли самаранок фарогирии шумораи зиёди иштирокчиёни ҷавони бозори меҳнат, аз ҷумла, муҳоҷирони меҳнатии баргашта ва занони ғайрифаъолро ба назар гирифтан зарур аст[129]. Яке аз мушкилоте, ки дар назди гурӯҳе аз хатмкунадагони муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ дар бозори меҳнат меистад, ба ҳисоб нагирифтани талаботи муосири бозори меҳнат мебошад. Баъзе аз ҷавонон дар асоси интихоби касби худ дар ин ё он соҳа аз рӯйи ҳавою ҳавас оянда и худро ҷиддӣ ба назар намегиранд. Ин ҳолат ба он оварда расонидааст, ки талабот нисбати касбҳои муайян дар миёни довталабони кишвар чунин сурат гирифтааст.

Мутобиқи таҳқиқоти сотсиологӣ аз се як ҳиссаи мусоҳибон (30,1%) ба он андешаанд, ки касби табибӣ дар бозори муосири меҳнати ҷумҳурӣ талабгори зиёд дорад. Мувофиқи баҳодиҳии мусоҳибон ҷомеа ба касбҳои ҳуқуқшинос (12,9%), омӯзгор (12,4%) ва барномасоз (программист) – 12,0% ниёзманд аст. Аз шумораи ихтисосҳои ба мусоҳибон пешниҳод гардида, аз ҳама касби камнуфуз ронандагӣ мебошад, ки танҳо 5,0%-и мусоҳибон онро интихоб намуданд.*(нигаред ба расми 2)*.

---

научно-практической конференции 10 апреля 2017 г./ [под ред. В.А. Суровцевой, Н.В. Беликовой]; Частное образовательное учреждение высшего образования Центросоюза Российской Федерации “Сибирский университет потребительской кооперации”. – Новосибирск: СибУПК,- 2017.- С.141.

[129]Бабаджанов Р.М. Проблемы занятости и доступ к рабочим местам [Текст] / Р.М. Бабаджанов.- Душанбе: “ЭР-граф”,- 2014.- С.121.

**Расми 2.**

**Ба фикри Шумо имрӯз кадом касбу ихтисосҳо талабгори зиёд доранд?** *(n=300, %)*




Дар бозори меҳнат, сарфи назар аз мавҷудияти қувваи кории машғулнабуда, ки дорои тахассуси зарурӣ нестанд, аллакай норасоии кадрҳои баландихтисос, махсусан, ихтисосҳои муҳандисиву техникӣ, коргарони баландихтисоси касбҳои саноатӣ эҳсос мешавад. Тайёр намудани категорияҳои алоҳидаи мутахассисон барои соҳаҳои кишоварзӣ, сохтмон, технологияи иттиллоотию коммуникатсионӣ, хоҷагии манзилию коммуналӣ ва ғайра ба миқдори нокифоя таъмин карда мешавад. Тибқи арзёбии коршиносон талабот ба кадрҳои баландихтисос барои соҳаҳои иқтисодиёт ва соҳибкории хурд дар оянда афзоиш хоҳад ёфт. Ин тағйироти ҷиддиро дар самти ташкили тайёрии касбии мутахассисон, таҳияи барномаҳои махсус оид ба бозомӯзии бекорон ва такмили ихтисоси шахсони машғули кор дар истеҳсолот буда, талаб менамояд[130]. Ихтисосҳое, ки имрӯз талабот нисбат ба онҳо дар бозори меҳнат зиёд аст ва метавонанд баъди чанде маъруфияти худро аз даст диҳанд. Аз ин рӯ, системаи маориф наметавонад бо дараҷаи баланд мутахассисони соҳибкасбро бо шароити

[130]Барномаи миёнамуҳлати рушди ҶумҳурииТоҷикистон барои солҳои 2016-2020 [Матн]: / Бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри соли 2016, № 678 тасдиқ шудааст.- С.68.

бозор мутобиқ сохта пешниҳод намояд, чунки дар мавриди кушодани ихтисосҳои нав наметвонанд муассисаҳои таҳсилоти касбӣ вазъи бозорро дар як давраи муайяни кӯтоҳ ба инобат гиранд.

Дар замони муосир ҷавонон кӯшиш мекунанд ихтисосҳои бонуфуз ва калонмуздро интихоб намоянд, лекин баъди хатми донишгоҳ ҳангоми пайдо кардани ҷойи кор ба мушкилот дучор мегарданд[131]. Дар даврони соҳибистиқлолӣ Ҳукумати мамлакат дар раванди гузариш ба иқтисоди бозорӣ дар соҳаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт дигаргуниҳо ба вуҷуд омаданд, ки сатҳи шуғлмандӣ ва зиндагии мардуми кишвар ба марҳилаи сифатан нав гузашт. Дар марҳилаи нави сохтори давлатӣ баъзе аз корхонаҳои калони саноатие, ки дар даврони собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ сохташуда, фаъолият мекарданд ва қисми зиёди қувваи коргарӣ дар онҳо машғули кор буданд, аз кор бозмонданд ва вазъияти гурӯҳи коргари аҳолӣ то як андоза душвор шудааст.

Номукаммалии бозори меҳнат бештар дар кишварҳои рушдёфтаистода дида мешавад ва ин баъзе аз аъзоёни оиларо маҷбур месозад, ки ба бозорҳои меҳнати кишвари дигар барои ҷустуҷӯйи кор рӯ оваранд. Пас маълум мешавад, ки аз сабаби ба бозори меҳнат мутобиқ набудани тахасуси хатмкунандагон, паст будани сатҳи маош ва сифати пасти ихтиссосӣ касбӣ ба талаботи бозори меҳнат ҷавобгӯ набуда сабаби асосии муҳоҷирати қувваи корӣ мегардад. Давлат аз ҷониби худ на танҳо тавассути таъсиррасонӣ ба бозори меҳнат, балки бо роҳи мукаммалгардонии танзими бозорҳои молиявӣ, таъмини суғуртаи тиббӣ ва ба ин монанд масъалаҳои муҳоҷиратро бояд танзим намояд[132]. Аз як тараф, муҳоҷират барои ба эътидол овардани бозори меҳнат дар кишвар

[131]Олешкова А.М. Молодежь и вызовы XXI века [Текст]: / материалы I региональной научно-практической конференции студентов и учащихся / отв. ред. А.М. Олешкова. Нижний Тагил: Нижнетагильский государственный социально-педагогический институт (филиал) Российского государственного профессионально-педагогического университета, 2019.- С.34.
[132]Саъдуллозода Н.С. Танзими муҳоҷирати байналмилалии қувваи корӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон) [Матн]: / дисс номз илм иқт. Саъдуллозода Насрулло.Саъдулло. Душанбе-2020.- С.29-30.

сабаб гардад, аз тарафи дигар, муҳоҷирони мо дар кишварҳои хориҷа ба фарҳангу маданияти халқҳои олам шинос мегарданд, лекин ин табақа аз бисёр ҳуқуқҳо дар вақти муҳоҷират маҳрум мегарданд.

Рушди босуръати иқтисод ва ҳамгироии байналмилалии иқтисодӣ, ташаккул ва мавқеъ пайдо намудани шабакаҳои иҷтимоӣ раванди ҳаракати байни кишварҳоро то як дараҷасода намудааст. Муҳоҷирати байналмилалии меҳнат, аз як тараф, ба кишварҳои рушдёфта ва кишварҳои дорои сатҳи баланди афзоиши қувваи корӣ имконият медиҳад, ки дар бозори меҳнат мувозинатро нигоҳ доранд. Ба кишварҳои қабулкунанда бошад, барои пурра намудани норасоии захираҳои меҳнатӣ шароит фароҳам меорад, аз тарафи дигар, гурӯҳҳои иҷтимоии ба муҳоҷират рафтаи кишварҳо аз беҳтарин коргарон маҳрум мешаванд, ки ин боиси нигаронии аҳолии маҳалии мамлакатҳои қабулкунанда гардида ва ҳукуматҳои онҳоро ба таҳкими сиёсатгузории муҳоҷират маҷбур месозад[133]. Инчунин ҷаҳонишавӣ, ки яке аз падидаҳои нав дар замони муосир ба шумор меравад, дар баробари ин муҳоҷирати меҳнатӣ ва зеҳниро (интелектуалӣ) низ дар бар гирифтааст.

Ҷараёни муҳоҷират дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, хусусан, муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ тавонистааст, ки то андозае мушкилоти бозори меҳнати Тоҷикистонро ба эътидол оварда, ба сатҳи зиндагии аҳолӣ таъсири мусбат расонад, чунки ин нишондиҳанда шиддати баланд дорад. Ин дар суратест, ки дараҷаи муҳоҷирони меҳнатӣ аз Тоҷикистон (вазни қиёсии муҳоҷирони меҳнатӣ нисбати шумораи аҳолии қобили меҳнат) аз рӯйи бархе аз баҳогузориҳо яке аз нишондиҳандаи баланд дар байни давлатҳои ИҶШС ба шумор меравад[134]. Бозори меҳнат дар давраи

---

[133]Саъдуллозода Н.С. Танзими муҳоҷирати байналмилалии қувваи корӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон) [Матн]: / дисс номз илм иқт. Саъдуллозода Насрулло Саъдулло. Душанбе-2020.- С.57-58.

[134]Аҳмадов Ф.М. Таъсири бозори меҳнат ва нишондиҳандаҳои он ба сатҳи зиндагии аҳолӣ [Матн]: / Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба ҷашни “25-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” /Аҳмадов Ф. М. // Душанбе - 2016.- С.298.

Истиқлолият ва гузариши мамлакат ба муносибатҳои бозорӣ, инчунин, буҳронҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ талаботро ба қувваи корӣ дар кишвар суст кардааст.

Дар солҳои наздик вазъият дар бозори меҳнат тағйир наёфта истодааст ва сол то сол дар он шиддатнокӣ меафзояд. Барои муайян кардани воқеияти вазъияти бозори меҳнат дар ҷумҳурӣ ҳиссаҳои баробари шакли шуғли расмӣ, шуғли ғайрирасмӣ ва муҳоҷирати меҳнатӣ дар дараҷаи муайян бо ҷойҳои кории таъминшуда ба қайд гирифта нашудааст. Ин воқеан дар сатҳи ҳиссаҳои муайяни шуғл, илова ба мушкилоти бақайд гирифтанашудаи шуғл ба шуғли соҳаи ғайрирасмии иқтисодӣ таъсир мерасонад[135].

Дар давраи гузариши Ҷумҳурии Тоҷикистон ба иқтисоди бозорӣ муҳоҷирати меҳнатӣ ба хориҷи кишвар бо суръати баланд афзоиш ёфт, ки ба як қатор омилҳо дар сатҳи миллӣ мусоидат намуданд, махсусан: тағйирёбии сохтори иқтисодиёт, бекорӣ, сатҳи пасти ҳаёти аҳолӣ, талаботи аҳолӣ оид ба даст овардани маблағ барои ҳаёт ё шурӯъ намудани тиҷорати шахсӣ. Ҳамзамон, дар сатҳи байналмилалӣ фаъолгардонии равандҳои муҳоҷират таҳти таъсири ҷаҳонишавӣ ба миён омада, дар охири солҳои 1990 дар мамлакатҳои Иттиҳоди Аврупо ва Россия талабот ба қувваи корӣ афзоиш ёфт. Мунтаззам амалӣ гардидани муҳоҷирати меҳнатӣ хусусияти нисбатан бо кор таъминкунии давомнокро дар муқоиса бо сафари муваққатӣ бо мақсади тиҷорат касб намуд[136].

Дар ҷумҳурӣ шумораи аниқи бекорӣ ва сатҳи шуғлмандии аҳолӣ кам муайян гардидааст. Дар самти шуғли хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ дар бораи бо шуғл таъмин шудани хатмкунандагон дар нишондиҳандаҳои

---

[135]Эмин Н.С. О проблемах рынка труда и занятости населения в Республике Таджикистан [Текст]: / Н.С. Эмин, М.С. Сангинова /Маҷаллаи илмии муассисаи давлатии “Пажӯҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ” –2 (21), Душанбе-2014.- С.21.
[136]Саъдуллозода Н.С. Танзими муҳоҷирати байналмилалии қувваи корӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон) [Матн]: / дисс номз илм иқт. Саъдуллозода Насрулло Саъдулло. Душанбе-2020.- С.75.

омори ба қадри кофӣ вуҷуд надоранд. Ба зами ин, аксарияти хатмкунандагони муассисаҳои касбӣ доир ба хадамоти шуғли аҳолӣ иттилоот надоранд.

Натиҷаи таҳқиқоти сотсиологӣ собит намуд, ки аксарияти мусоҳибон – 63,8% дар бораи ин хадамот маълумот надоранд ва ягон маротиба ҳам номи онро нашунидаанд. Танҳо 14,4%-и онҳо қайд намуданд, ки ин хадамот шаҳрвандони бекорро бо шуғл таъмин менамоянд. Инчунин, 11,9%-и мусоҳибон қайд карданд, ки оид ба хадамоти шуғли аҳолӣ шунидаанд, аммо оид ба фаъолияти он ягон маълумот надоранд. Ҳатто 4,2%-и мусоҳибон иброз доштанд, ки ин ташкилот расман дар қоғазҳо вуҷуд дорад, аммо аз фаъолияти он барои ҷомеа ягон фоида ва самара нест. Дар баробари ин, 3,7%-и мусоҳибон беҳтар кардани сатҳи зиндагӣ ва некуаҳволии мардумро вазифаи Хадамоти вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон меҳисобанд. *(нигаред ба расми 3)*.

**Расми 3.**

**Шумо дар бораи хадамоти шуғли аҳолӣ чӣ маълумот доред?**

*(n=300, %)*




Натиҷаҳои таҳқиқоти гузаронидашуда нишон дод, ки пурсишшавандагон оид ба Хадамоти вазорати меҳнат, муҳоҷират ва

шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот надоранд ё тасаввуроти нодуруст доранд. Оянда дар ҳолати ҷойи кор ёфта натавонистан иддае аз хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ ба кадом мақомот муроҷиат карданро намедонанд. Аз ин рӯ, намояндагони Хадамоти вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин самт бояд фаъолияти худро ҷоннок намуда, худро ба ҷомеа муаррифӣ намояд.

Барои устувор гардонидани ин тамоюлот метавонад чунин чорабиниҳо мусоидат намоянд:

•муайян намудан, пешбарӣ кардан ва дастгирии мутахассисони ҷавон ва дастовардҳои онҳо дар соҳаи иҷтимоию иқтисодӣ, ҷамъиятию сиёсӣ, эҷодию варзишӣ, ки имконият медиҳад онҳо қобилияти худро зоҳир намоянд, неруи худро дар амал татбиқ кунанд ва дар кишвар мавқеи иҷтимоии худро муайян намоянд;

•мусоидат кардан ба мустақилияти иқтисодии ҷавонон, аз ҷумла, имкониятҳо ва имтиёзҳо оид ба рушди соҳибкории хурду миёна барои ҷавонон ва бо ин васила ҷалб намудани онҳо ба рушди иқтисодиёти кишвар[137];

•боназардошти барнома ва дурнамои мушаххаси рушди иқтисодӣ-иҷтимоии ҳар як вилоят, шаҳр ва ноҳия муайян намудани талаботи воқеии бозори меҳнати онҳо ба мутахассисони соҳибкасби коргарии ин ё он ихтисоси зарурӣ;

•роҳандозӣ намудани раванди муосири тайёр кардани мутахассисони соҳибкасби коргарӣ аз тариқи ба имзо расонидани шартномаҳои ҳамкории байни корфармоён ва муассисаҳои таълимии соҳаи таҳсилоти касбӣ;

[137]Файзуллоев Б.С. Тамоюли инкишофи бозори меҳнати ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикисто [Матн]: /Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба ҷашни “25-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” Б.С. Файзуллоев / Душанбе -2016, С.265.

•бо дарназардошти давраи миёнамуҳлат ё дарозмуддат бунёд гардидан ва мавриди истифода қарор гирифтани иншооти нави истеҳсолӣ, хизматрасонӣ ва тиҷоратӣ дар вилоят ва шаҳру ноҳияҳои ҳудуди муассисаи таълимӣ қаблан бо моликони онҳо (пеш аз сохта шудану мавриди истифода қарор гирифтани корхонаву муассиса) ба имзо расонидани созишномаи ҳамкорӣ дар масъалаи тайёр намудани мутахассисон – кормандони ояндаи онҳо;

•ба манфиати тарафайн мебуд, агар тибқи муқаррароти шартномаҳои пешакӣ ба имзо расида молики корхонаи оянда ба хатмкунандагоне, ки баъди хатми муассисаи таълимӣ кормандони он мегарданд, ба андозаи муайяни идрорпулии ҳармоҳаро пардохт менамуд. Чунин тарзи муносибат хонандагонро барои азхудкунии касб бештар ҳавасманд мегардонад;

•таҷрибаомӯзиҳои истеҳсолӣ бояд барои хонандагони муассисаҳои таълимии соҳаи таҳсилоти миёна ва олии касбӣ ҳамчун зинаи муайян ва устуворе дар пайдо намудани ҷойи кори муносиб хизмат кунанд. Зеро ки дар ҷараёни онҳо донишҷӯ бо муҳити коллективи меҳнатӣ, шароити меҳнат ва хусусиятҳои раванди истеҳсолӣ, хизматрасонӣ ва тиҷоратии корхона шиносоии амиқ пайдо мекунад ва ин омилҳо дар ояндаи наздик ҷараёни мутобиқгардии онҳоро ба кори муассиса ё корхона осонтар мегардонад[138].

•такмилдиҳии минбаъдаи қонунгузории шаҳрвандӣ, иҷозати машғул шудан ба фаъолияти соҳибкории хурду миёна дар ҳудуди минтақаҳои ҷумҳурӣ ва дастгирии онҳо;

•ҷорӣ намудани квотаҳо барои корфармоён ҳангоми қабули мутахассисони ҷавон;

---

[138]Хоркашов С.П. Масоили шуғли хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]: / С.П. Хоркашов, Маҷаллаи илмии муассисаи давлатии “Пажӯҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ” /Душанбе- 2018 .3 (38),- С.48.

•зиёд намудани шумораи донишҷӯёни тахасуси касбӣ, дар тамоми самтҳои соҳаи таълимӣ истеҳсолӣ;

•зиёд намудани ҷойҳои буҷетӣ дар самти магистратура, ки ба мутахассисони ҷавон имконият диҳад сатҳи тахассуснокиашонро баланд бардоранд[139].

Масъалаи дигаре, ки дар назди хоҷагии мамлакат қарор дорад, тақсимоти қувваҳои корӣ дар хоҷагии халқ ва инкишофи иқтисодиёти кишвар маҳсуб меёбад. Тақсимоти қувваҳои корӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ ва аз худ намудани минтақаҳое, ки дар ин самт ба соҳибкорию хоҷагирдорӣбарои беҳбудии ҳаёти иқтисодии аҳолӣ мусоидат менамояд ва имкон медиҳад, ки аҳолии қобили меҳнати мамлакат дар сохтори иҷтимоии ҷомеа мавқеи иҷтимоии худро ишғол намояд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2014-ум таъкид карда буданд, ки “Яке аз роҳҳои муҳими таъмин намудани рушди устувори иқтисоди кишвар истифода аз имкониятҳои минтқаҳои озоди иқтисодӣ мебошад. Фаъолияти минтқаҳои озоди иқтисодӣ дар ду соли охир нишон дод, ки таваҷҷуҳи сармоягузорон ба минтқаҳои озоди иқтисодӣ мебошад. Барои ҳалли масъалаҳои шуғли аҳолӣ, бахусус, мутобиқи талаботи имрӯзаи бозори меҳнати дохилию хориҷӣ омода намудани мутахассисон зарур аст, ки минбаъд банақшагирии тарбияи кадрҳо дар ҳамаи зинаҳои таҳсилоти касбӣ дар асоси таҳлили талаботи бозори меҳнат ва дурнамои рушди соҳаҳои иқтисоди миллӣ ба роҳ монда шавад”[140].

---

[139]Олешкова А.М. Молодежь и вызовы XXI века [Текст]: / материалы I региональной научно-практической конференции студентов и учащихся / отв. ред. А.М. Олешкова. Нижний Тагил: Нижнетагильский государственный социально-педагогический институт (филиал) Российского государственного профессионально-педагогического университета, 2019.-С.36.

[140]Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23.04.2014 // [Матн]. [Маводи электронӣ] URL: http://www.president.tj/node/6598(Санаи истифодабарӣ:23.02.2023)

Талаботи хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар бозори меҳнат ва ихтисоси босифати касбии онҳо яке аз нишодиҳандаҳои самаранокии муассисаҳои таҳсилоти касбӣ маҳсуб меёбад. Ин меъёри анъанавӣ ҳангоми баҳодиҳӣ ба сифати омодагии донишҷӯён ва дараҷаи таъсири байниҳамдигарии муассисаҳои таҳсилоти касбӣ бо корфармоён ҳисобида мешавад. Муваффақитяти бо шуғл таъминкунии хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ натиҷаи якҷоя амалкунии системаи олии касбӣ, бозори меҳнат ва иқтисодиёт дар якҷоягӣ аз бисёр омилҳо вобаста аст, ки то чи андоза раванди омодакунӣ ва мутобиқшавии хатмкунандагон ва баромадани онҳо ба бозори меҳнат самаранок мешавад. Ба мушкилоти бо шуғл таъминкунӣ амалан ҳамаи мутахассисони ҷавон, хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ, новобаста аз ихтисоси азхудкардаашон бармехуранд[141].

Вобаста ба мушкилоти болозикр мушкилоти соҳаи маориф ва раванди омодакунии мутахассисони касбӣ ҳангоми гузаронидаи таҳқиқоти сотсиологӣ таъсири омилҳои зерини ин соҳа, дар омода намудани мутахассисони болаёқат ва баландихтисос муайян гардид. Аз шумораи умумии дар пурсиши сотсиологӣ иштирок намуда 36,7 % (сатҳи миёна 35,0 %, таъсир намерасонад 17,5 %,) - и мусоҳибон зикр намуданд, ки дар самти омодакунии мутахассисон паст будани қадри дониш, илм ва маориф таъсири манфӣ мерасонад. 35,3 % (сатҳи миёна 31,9 %, таъсир намерасонад 21,2 %,) - и онҳо ба методи нави баҳогузории тестӣ, ки сатҳи дониши донишҷӯёнро паст мегардонад, ишора карда, 32,2 % (сатҳи миёна 31,4 %, таъсир намерасонад 25,1 %,) бошад,аз ҷониби муаллимон методҳои кӯҳнаи дарсиро истифода бурданро, нишон додаанд, 31,9 % (сатҳи миёна 35,9 %, таъсир намерасонад 21,8 %,) - и дигар миқдори зиёди донишҷӯёнро дар гурӯҳҳои таълимиро баррасӣ кардаанд, 45,2 % (сатҳи миёна 25,7 %, таъсир намерасонад

[141]Астапова Е.В. Актуальные вопросы трудоустройства молодых юристов [Текст]: / Содействие трудоустройству и профессиональному становлению молодых специалистов учреждений профессионального образования Ростовской области: материалы I региональной заочной научно методической конференции (Ростов-на-Дону, 25 мая 2015 г.) [Электронный ресурс]: материалы и доклады; Дон. гос. техн. ун-т. – Электрон. текстовые дан. – Ростов н/Д: ДГТУ, -2015. – С.7-8 144 с.

18,9 %,) - и онҳо омили пасти музди маошро дар самти тайёр кардани мутахассисон соҳибкасб ишора кардаанд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2018-ум таъкид карда буданд, ки "Таҳким бахшидани иқтидори илмии кишвар, ҷорӣ кардани ихтироот дар истеҳсолот, устувор гардонидани пояҳои моддиву техникии муассисаҳои таълимӣ, баланд бардоштани сифати таълим дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот, ҷалби боз ҳам васеи истеъдодҳои ҷавон ба омӯзиши технологияҳои муосир ва корҳои эҷодиву техникӣ вазифаи муҳимтарини соҳаҳои илму маориф мебошад. Дар соҳаи маориф ду мушкилоти асосии ҳалталаб вуҷуд дорад. Якум, норасоии кадрҳои соҳибкасби омӯзгорӣ ва дуюм, баланд бардоштани сатҳу сифати таълим дар тамоми муассисҳои таҳсилоти кишвар"[142].

Ҳалли масъалаи шуғли ҷавонон бо гузаронидани системаи таълими касбӣ дар мувофиқа бо талаботи иқтисодиёт, баланд бардоштани ҷойивазкунии қувваи корӣ ва самранокии истифодабарии он, мукаммалгардонии қонунгузорӣ дар соҳаи муносибатҳои иҷтимоӣ - меҳнатӣ таъсири байниҳамдигарии ҷавонон, хадамоти шуғл, корфармоён ва ташкилотҳои минтақавӣ вобаста мебошад[143]. Ҳалли мушкилоти бо шуғл таъминкунӣ дар бозори меҳнат мушкили дар ин самт ба ҳисоб меравад ва дар назди ҷомеаи Тоҷикистон вазифаҳои масъулиятнокро пеш гузоштааст. Дар робита бо афзудани шумораи аҳолии қобили меҳнат дар ҷумҳурӣ зарур аст, ки дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ корхонаҳову фабрикаҳо таъсиси дода шавад, ки яке аз

---

[142]Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.12.2018 // [Матн] / [Маводи электронӣ].URL:http://www.president.tj/node/19088(Санаи истифодабарӣ:23.01.2023).

[143]Родионова Л.В. Проблемы взаимодействия основных субъектов на молодежном рынке труда в регионе [Текст]: /Социальные практики современной молодежи:поиск новых идентичностей : материалы Всероссийской науч.-практ. конф. с международным участием. Барнаул, 21–22 мая 2009 г. / отв. ред. С.Г. Максимова. – Барнаул : Изд-во Алт. ун-та, 2009. С.181.

воситаҳои асосии бо ҷойҳои нави корӣ таъмин намудани аҳолӣ, аз он ҷумла ҷавонон мегардад.

Хулоса, дар шароити кишвар вазъияти бошуғлтаъминкунии гурӯҳе аз хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ва олии касбӣба масъалаи муҳим табдил ёфтааст. Дар робита ба ин таҳқиқоти сотсиологӣ собит намуд, ки дар ҷумҳурӣ мушкилоти бошуғл таъминкунии хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ на он қадар қонатбахш аст, бинобар ин андешаҳои хатмкунандагон доир ба муносибатҳои бозори меҳнат манфӣ мебошад. Аз сабаби он ки дар ҷумҳурӣ инкишофи аҳолӣ, махсусан дар деҳот зиёд аст ва дар маҷмӯ 70%-и аҳолии кишварро ҷавонон ташкил медиҳанд, масъалаи асосӣ дар соҳаи иқтисодиёт бо шуғл таъмин намудани ин гурӯҳи демографӣ-иҷтимоӣ дар мадди аввал меистад.

## 2.2.Квотакунонии ҷойҳои корӣ дар самти бо шуғл таъминкунии хатмкунандагони имконияти маҳдуддоштаи муассисаҳои таҳсилоти касбӣ

Солҳои охир дар кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз он ҷумла дар ҷумҳурӣ шумораи шахсони дорои маъюбӣ афзудааст, ки ин сабабҳои иҷтимоию демографӣ маҳсуб меёбад. Илова ба чунин мушкилот вазъият дар бозори меҳнат барои маъюбон номусоид гаштааст. Гарчанде ин гурӯҳи ҷавонон дар вазъи ногувор ва бекорӣ қарор доранд, онҳо мехоҳанд ба фаъолияти меҳнатӣ машғул шаванд, то инки худро аз ҷиҳати моддӣ таъмин намоянд ва дар рушди иҷтимоӣ-фарҳангии ҷомеа саҳмгузор бошанд.

Азбаски ин гурӯҳи ҷавонон ҳуқуқи баробари дастрасӣ ба шуғлро доранд, бо вуҷуди ин дар давоми бист соли охир дар ҷумҳурӣ шумораи шуғлмандӣ дар миёни маъюбон коҳиш ёфтааст. Дар кишварҳои хориҷӣ

бошад, барои беҳбуд бахшидан ба масъалаҳои шуғлмандии ин гурӯҳи осебпазири ҷомеа чораҳои заруриро вобаста ба меъёрҳои байналмилалӣ дар робита ба ҳуқуқи онҳо қабул намудаанд, чунки дар замони муосир мутобиқшавии шахсони дорои маъюбӣ ба муҳити ҷамъиятӣ яке аз масъалаҳои муҳим ба шумор меравад.

Дар шароити кунунӣ мутобиқшавии ШдМ (шахсони дорои маъюбӣ) яке аз уҳдадориҳои асосии давлат, ҳамаи мақомоти идории он ва ниҳодҳои иҷтимоӣ маҳсуб меёбад. Таҳти мафҳуми мутобиқшавии иҷтимоӣ мо раванди ворид гардидани ШдМ-ро ба муҳити иҷтимоӣ мутобиқ шудани онҳоро ба шароити мавҷудаи зист ва бошуғлтаъминшавӣ, системаи меъёрҳои арзишмандро дар назар дорем. Новобаста аз он, ки масъалаҳои шуғлнокӣ ва бо кор таъминшавии ШдМ дар ҷомеаи муосир яке аз масоили умда ба шумор равад ҳам, ҳамон қадар дар ҳаёти муқаррарӣ ШдМ дар пайдо намудани кор ба як қатор душвориҳо дучор мегарданд. Чун қоида, корфармоён бо баҳонаҳои гуногун, ба хароҷоти иловагӣ, хусусиятҳои хоси меҳнат ва зарурати табобат такя намуда, барои бо шуғл таъмин намудани онҳоро рад намуда ва бо ин сабаб ҳуқуқҳои ШдМ-ро маҳдуд менамоянд[144].

Созмони Байналимилалии Меҳнат чунин мешуморад, ки тамоми шахсони дорои маъюбӣ бояд аз ҳамаи ҳуқуқҳо мисли шахсони солим истифода баранд, озодона интихоб шаванд, ҳамчунин, соҳиби шуғли босифат бошанд. Аз тарафи СБМ ҷиҳати афзалият додан ба шахсони дорои маъюбӣ “Барномаи мусоидат ба имкониятҳои шуғл барои маъюбон”-ро кор карда баромадааст, ки принсипҳои асосии онро имкониятҳои баробар, муносибати баробар ва иштироки маъюбонро дар шуғлмандии ҷомеа ташкил медиҳад. Дар барнома ба принсипи бидуни маҳдудият беш аз пеш таваҷҷуҳ зоҳир карда мешавад, зеро мушкилоти маъюбӣ ҳамчун масъалаи ҳуқуқи инсон ба назар мерасад.

---

[144]Пажӯҳиши роҳҳои дастрасии шахсони дорои маъюбият ба ҷойҳои корӣ дар бозори меҳнати Тоҷикистон. Институти «Ҷамъияти кушода» Бунёди мадад-Тоҷикистон. Душанбе.-2020.-С.9.

Мутобиқи тағйироти дар солҳои охир дар ҷаҳон ба амал омада, омӯзиш ва имкониятҳои шуғл барои шахсони дорои маъюбӣ ба таври ҷиддӣ тағйир ёфта, сатҳи таҳқиқи онҳо дар соҳаҳои гуногуни шуғл афзоиш ёфта истодааст. Ҳоло қонунҳое, ки дар сатҳи байналмилалӣ қабул гардидаанд, диққати бештарро барои васеъ кардани шуғли аҳолии дорои маъюбӣ ва нигоҳ доштани ҷойҳои корӣ равона карда шудаанд,ҷалб намудааст. Баъзе аз кишварҳо бо мақсади мусоидат ва фароҳам овардани ҷойҳои корӣ барои шахсони дорои маъюбӣ, ки дар ҷустуҷӯйи коранд, фондҳои махсус ташкил намудаанд.

Ҷойивазкунӣ ва шуғли шахсони дорои маъюбӣ ду нуқтаи асосиест, ки метавонад паҳнкунандаи имкониятҳо ва ҳам заминаи бартараф кардани табъиз нисбат ба шуғли онҳо маҳсуб ёбад. ШдМ низ кӯшиш мекунанд интихоби дуруст ва зиндагиии худашонро мустақилона ташкил кунанд. Афзудани ҳаракати шахсони дорои маъюбӣ ва мубориза бар зидди маъюбӣ вақтҳои охир ба масъалаи марказӣ табдил ёфтааст.

Аз сабаби он ки гурӯҳе аз шахсони дорои маъюбӣ ҳуқуқҳои худро намедонанд, ин ҳуқуқҳо баъзан вақт поймол мегарданд ва “Конвенсия дар бораи ҳуқуқи маъюбон” инро эътироф мекунад. Мувофиқи нишондоди Конвенсия давлат ва ташкилотҳои иҷтимоӣ онҳоро бояд ба назар гиранд, уҳдадориро дар риояи ҳуқуқи онҳо муқаррар намоянд. Конвенсия маъбиятро ҳамчун сохтори иҷтимоӣ эътироф мекунад ва ҷомеа низ дар навбати худ ин монеаҳоро барои шахсони дорои маъюбӣ бартараф намояд ва ширкати онҳоро дар ҳаёти иҷтимоӣ фароҳам созад.

Тибқи ҳадафҳои Конвенсия “Дар бораи ҳуқуқи маъюбон” пешбарӣ, муҳофизат ва таъминоти пурра ва истифодаи якхелаи ҳама ҳуқуқҳо ва озодиҳои асосии онҳо ва ташвиқи эҳтиром ба ин категорияи аҳолӣ ба шумор меравад. Баъзе аз унсурҳои ин ҳуқуқҳо аз омилҳои зерин иборат мебошанд, ки боиси омӯзиш бояд қарор дод:

1.Пешбарӣ, муҳофизат ва таъминоти ҳуқуқ: ин мавҷудияти якчанд сатҳи уҳдадориҳои давлатро тибқи Конвенсия таъкид мекунад, ки дар пешбарӣ (масалан, зиёд шудани огоҳӣ аз ҳуқуқи маъюбон), муҳофизат (масалан, қабули қонунҳо ва сиёсате, ки ҳуқуқи маъюбонро эътироф кунад ва воситаҳои муҳофизати ҳуқуқро дар ҳолати вайрон кардани онҳо) ва таъмини ҳуқуқ (масалан, мусоидати хизмати дастраси ҷисмонӣ ва иттиллоотӣ) инъикос меёбад;

2.Иҷрои пурра ва баробарии ҳамаи ҳуқуқи инсон: бо ин васила тасдиқ мекунад, ки ҳамаи маъюбон ҳамон ҳуқуқҳоеро доранд, ки дигарон низ аз ин ҳуқуқҳоро дар ҷомеа бархурдоранд;

3.Эҳтиром ба шаъну эътибори хосаи инсон: ин унсур меҳвари асосии ҷанбаҳои ҳуқуқи инсонро ташкил намуда, эҳтироми ҳуқуқи инсон омили муҳим дар ҳама ҳолат инсон будани моро муайян мекунад. Риоя накардани ҳуқуқи инсон - ин поймол кардани шаъну шарафи ӯ ва қисми бисёри маъюбон дар саросари ҷаҳон маҳсуб меёбад[145].

Ташкилотҳои асосие, ки ҳуқуқҳои инсон, аз он ҷумла, ҳуқуқи шахсони дорои маъюбиро ба шуғл тасдиқ мекунанд, ин Ташкилоти Байналмилалии Меҳнат, Созмони Миллали Муттаҳид, Шурои Аврупо ва Созмони давлатҳои Амрико ба шумор мераванд. Аз ҳама агенти муҳимтарин СБМ, ки соли 1919 ташкил ёфтааст, аз ҷиҳати сохт сеҷониба ва бо намояндагии 186 ҳукумати аъзо дар ташаккули сиёсат ва барномаҳо тавассути иштирок дар Конфронси солонаи байналмилалии меҳнат мебошад. Мақсади асосии ин ташкилот мусоидат намудан ба тавонмандсозии занон ва мардон барои дарёфт кардани кори шоиста ва самаранок дар шароити озод, амният ва шаъну шарафи инсонӣ маҳсуб меёбад.

Тибқи муқаррароти Конвенсияи ҳуқуқи маъюбон, ки аз ҷониби Ассамблеяи Генералии СММ (минбаъд Конвенсия) аз 13 декабри соли

[145]Конвенция о правах инвалидов Учебно-методическое пособие [Текст]: / Серия материалов по вопросам профессиональной подготовки № 19. ООН. Нью-Йорк и Женева,- 2014.- С.26.

2006 ва 3 майи соли 2008 (дар рӯзи сиюми баъд аз эътибор пайдо кардан ва ҳамроҳшавӣ ё тасдиқи 20 давлат) қабул карда шуд ва ҳамзамон Конвенсия эътибор пайдо кард[146].

Соли 1994 Кумитаи Созмони Миллали Мутаҳҳид масъалаи ҳуқуқҳои иқтисодӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоии шахсони дорои маъюбиро ёдовар шуданд ва таъкид намуданд, ки дар баробари қабули ҳуҷҷатҳое, ки дар тӯли солҳо аз тарафи Созмони байналмилалии Меҳнат қабул карда шудааст, ба истифодаи ҳуқуқҳои ин табақаи иҷтимоӣ кам аҳамият медиҳанд. Кумитаи Созмони Миллали Муттаҳид қайд мекунад, ки бартарият додан нисбат ба як гурӯҳи иҷтимоӣ нисбати гурӯҳи дигар чӣ дар соҳаи маориф, шуғл, манзил, нақлиёт, ҳаёти маданӣ, инчунин, дастрасӣ ба ҷойҳои ҷамъиятию хизматрасонӣ дар ҳаёти маъюбон ба назар мерасад. Дар мавриди ҳуқуқҳое, ки дар Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, фарҳангии шахсони дорои маъюбӣ оварда шудааст, дар моддаҳои 6 ва 8 ифода ёфта, шуғлро яке аз соҳаҳои усутвори рушди иҷтимоӣ маҳсуб донистааст.

Шурои ташкилоти маъюбони Британияи Кабир чунин мешуморад, ки маъюбӣ “ маҳдуд шудани қобилияти ҷисмонии иштирок дар раванди ҳаёти ҷомеа бинобар сабаби монеаҳои ҷисмонӣ ё иҷтимоӣ бо дигарон нобаробаранд”. Амалияи мусоидат ба шуғл ва саҳми “кор” ба зиндагии мустақил ҳанӯз дар доираи муайян баррасӣ нашудааст. Шарҳи дақиқу муфассал ва танқидии сиёсати шуғл барои шахсони дорои маъюбӣ нисбатан кам ба назар мерасад[147].

Ассамблеяи Генералии СММ дар охири соли 1975 Эъломияро дар бораи ҳуқуқҳои шахсони дорои маъюбӣ қабул кард. Ин Эъломия ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсии шахсони дорои маъюбиро дар

[146]Сборник по трудоустройству инвалидов, сформированный на основе успешно реализованных региональных практик и мероприятий, в том числе осуществляемых социально ориентированными некоммерческими организациями [Текст]: / -М.: - 2019.- С.6.
[147]Employment for Disabled People social obligation or individual responsibility? Patricia Thornton and Neil Lunt. [electronic resource].URL:https://www.york.ac.uk/inst/spru/research/pdf/obligation.pdf (date of the application:01.06.2021).

хизматрасониҳои таълимӣ, таълими касбӣ, машваратӣ ва шуғли аҳолӣ, ҳуқуқи гирифтан ва нигоҳ доштани шуғл, сермаҳсулӣ ва нафъоварӣ тасдиқ мекунад.

Тибқи мониторинги Пакти байналмиллалӣ дар бораи ҳуқуқҳои фарҳангӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии шахсони дорои маъюбӣ сатҳи бекорӣ дар миёни онҳо ду се маротиба бештар аст. Тибқи мониторинги ишорашуда шахсони дорои маъюбӣ аслан дар ҷойҳое ба шуғл фаро гирифта шудаанд, ки маоши паст ва бо дастгирии ками ҳуқуқҳои иҷтимоӣ дур аз бозори меҳнат машғуланд. Аз сабаби монеаҳои ҷисмонӣ аксари маврид дастрас набудани нақлиёт, паноҳгоҳ, ҷойҳои кории муносиб боиси бекории онҳо дар ҷомеа гардидааст, ки Созмони Миллали Муттаҳид ин омилҳоро зикр кардааст.

Эъломияи Копенгаген ва Барномаи амал, Саммити умумиҷаҳонӣ, ки дар соли 1995 моҳи март қабул шуда буд, шахсони дорои маъюбиро ҳамчун яке аз бузургтарин ақалиятҳои миллӣ эътироф кард ва бештари вақт маҷбуран дар ҳолати фақр, бекорӣ ва дур аз ҷомеа зиндагӣ мекунанд. Саммити умумиҷаҳонӣ, ки соли 1995 оид ба рушди иҷимоӣ баргузор гардида буд, дар он сарони давлатҳоро дар масъалаи шуғли шахсони дорои маъюбӣ, коҳиши бекорӣ ва таваҷҷуҳро ба гурӯҳҳои камбизоат даъват намуд.

Дар барнома гуфта мешавад, ки барои васеъ намудани имкониятҳои шуғли шахсони дорои маъюбӣ чунин чорабиниҳо зарур аст:

- таъмини қонунҳо ва қоидаҳо, ки шахсони дорои маъюбиро табъиз накунад;

- андешидани чораҳои фаъол, ба монанди ташкили хидматҳои дастгирӣ, таҳияи нақшаҳои ҳавасмандгардонӣ, дастгирии нақшаҳои худкумакрасонӣ ва тиҷорати хурд;

- ворид намудани тағйироти мувофиқ дар ҷойи кор барои ҷойгир кардани шахсони дорои маъюбӣ, аз ҷумла, дар ин самт таблиғи технологияҳои инноватсионӣ;

- рушди шаклҳои гуногуни шуғл, ба монанди шуғли дастгирӣ барои шахсони дорои маъюбӣ, ки ба ин хизматрасонӣ ниёз доранд;

- баланд бардоштани сатҳи огоҳии мардум дар бораи таъсири қолабҳои манфӣ нисбати иштироки шахсони дорои маъюбӣ дар бозори меҳнат[148].

Конвенсияи СММ оид ба ҳуқуқи шахсони дорои маъюбӣ талаб мекунад, ки шахсони дорои маъюбӣ бояд аз имкониятҳои шуғлмандӣ дар баробари дигар категорияҳои ҷомеа дастрасии баробар дошта бошанд ва ба имкониятҳои онҳо мутобиқат намояд. Принсипҳои Конвенсияи СММ таҳти №159 ин гуфтаҳоро тақвият дода, имкони ба даст овардани маблағи муносиб дар ҷойи корро барои онҳо таҳким бахшидааст.

Конвенсияи СММ вазъи шахсони дорои маъюбиро дар пайдо намудани ҷойи муносиби кор ва бартараф кардани мушкилиҳои махсус, ки ба онҳо рӯ ба рӯ мегарданд, махсус таъкид мекунад. Мутобиқи яке аз бахшҳои Конвенсияи СММ оид ба мушкилоти вазъи шахсони дорои маъюбӣ дар пайдо намудани ҷойи кори муносиб шуғли кушода дар саросари Аврупо масъалаҳои бо шуғл таъминкунии шахсони дорои маъюбӣ мушкилоти ба худ хосро дорад. Шахсони дорои маъюбӣ, ки маҳдудиятҳои сабуктар доранд, нисбат ба дигар категорияҳое, ки маъюбияти вазнин дошта, сатҳи шуғлнокӣ дар миёни онҳо низ фарқ дорад. Дар кишварҳои Иттиҳоди Аврупо ин тамоюл бо хусусиятҳои худ аз мамлакатҳои дигар фарқ мекунад. Вобаста ба масъалҳои шуғли

[148]Decent work for persons with disabilities [Text]: / promoting rights in the global development agenda/ International Labour Office, Gender, Equality and Diversity Branch, Conditions of Work and Equality Department. - Geneva: ILO,- 2015.- P.42-43.

шахсони дорои маъюбӣдар замони Иттиҳоди Шӯравӣ ин мушкилот бо технологияҳои гуногун ба роҳ монда мешуданд.

Дар замони мавҷудияти Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шӯравии Сотсиалистӣ, аз ҷумла, барқароркунии қобилияти корӣ пас аз Ҷанги Дуюми Ҷаҳон ҳамчун вазифаи миллӣ гузошта шуда буд, барнома ва шабакаҳое сохта шуданд, ки омӯзиш ва бозомӯзиро барои он шахсоне, ки қобилияти кории худро дар давраи ҷанг пурра ё қисман гум кардаанд, ба роҳ монда буд. Азбаски аксарияти онҳо синни қобили кор буданд, бо вуҷуди қобилияти маҳдуди кор, аксар вақт дар ҷустуҷӯйи кор мушкилоти зиёд сади роҳ меомаданд. Тамоми системаи дастгирии давлатии шахсони дорои маъюбӣ, ҳам ҷиҳати ҳифзи иҷтимоии онҳо ва ҳам бо шуғли аҳолӣ мутамарказ буд. Инчунин, онҳо ба муассисаҳои махсус ва дигар муассисаҳои таълимӣ дастрасӣ доштанд, барои онҳо ҷойҳои корӣ таъсис дода шуда буданд ва музди меҳнати онҳо вобаста ба дараҷаи нуқсони саломатӣ ва нафақаи маъюбӣ (кумакпулӣ) илова карда мешуд[149]. Чуноне маълум мегардад, сиёсати иҷтимоӣ нисбат ба шахсони дорои маъюбӣ дар замони Шӯравӣ ба пардохти кумакпулиҳо равона карда мешуд. Шуғли шахсони дорои маъюбӣ мутобиқ ба принсипҳое, ки дар соҳаи иқтисодиёти давлатӣ тасдиқ шуда буд, ташкил мегардид. Шахсони дорои маъюбӣ дар корхонаҳое, ки барои онҳо пешбинӣ шуда буд, ба кор шурӯъ менамуданд.

Дар ИҶШС шахсони дорои маъюбӣ дар корхонаҳое, ки ба онҳо мансуб буданд ва ба масъалаҳои шуғлмандии онҳо вобаста буд, машғул буданд. Ин ташкилотҳои иҷтимоӣ ба мисли "Ҷамъияти маъюбон", "Ҷамъияти нобиноён", ки дар давоми мавҷудияти Иттиҳоди Шӯравӣ шумораи ташкилотҳои хурду бузурги ҷамъиятӣ ба 2,5 ҳазор мерасид ва миқдори зиёди шахсони дорои маъюбиро бо шуғл таъмин менамуданд.

---

[149]Алена Н. Консультативный доклад о профессиональной реабилитации и занятости лиц с ограниченными возможностями в Восточной Европе и Центральтной Азии [Текст]: / Н. Алена, О. Кулаева; Группа технической поддержки по вопросам достойного труда и Бюро МОТ для стран Восточной Европы и Центральной Азии. - М.: МОТ, -2014.- С.3.

Баъди пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ аксари ин корхонаҳо то андозае бинобар сабаби гузариши давлатҳои собиқ Шӯравӣ ба муносибатҳои бозорӣ аз кор монда, аз миён рафтанд. Ин ҳолат ба шахсони дорои маъюбӣ дар бозори меҳнат таъсири манфӣ расонида, онҳо ба рақобати ғайричашмдошт бо навгониҳои нав рӯ ба рӯ гардиданд.

Дар қонуни шуғли аҳолии Иттиҳоди Шӯравӣ шахсони дорои маъюбӣ ҳамчун яке аз гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ, ки ба кумаки махсус дар соҳаи шуғл ниёз доранд, тавсиф карда мешуд. Аммо маъюб мақоми бекориро ҳамон вақт мегирифт, ки ӯ барномаи инфиродии тавонбахшӣ, аз ҷумла, изҳорот дар бораи хусусияти тавсияшудаи кор ва шароити меҳнатро пешниҳод мекард[150].

Яке аз мушкилоти асосии шуғли шахсони дорои маъюбӣ шумораи ками ҷойҳои корӣ ба эҳтиёҷоти онҳо мувофиқбуда мебошад. Танзими давлатӣ дар ин соҳа ё ба тақсимоти квота асос ёфтааст ё пешниҳоди ҳавасмандгардонии корфармоён барои ҷудо кардани ҷойҳои корӣ барои маъюбон пешбинӣ шудааст[151]. Хулосаҳо нишон медиҳанд, ки барномаҳои фаъоли бозори меҳнат дар ҷустуҷӯйи шуғл барои шахсони дорои маъюбӣ ва шахсони бекор яке аз технологияҳои муҳими иҷтимоӣ дар ин самт ба шумор мераванд. Илова ба гуфтаҳои боло барномаҳои фаъоли бозори меҳнат (БФБМ) дар сатҳи минтақаҳо ҷойгир буда, шиддати бозори меҳтаро паст гардонида истодаанд.

Иштирокчиёни барномаҳои фаъоли бозори меҳнат оид ба имконияти шуғл, интихоби шуғл, маслиҳату дастурҳои муфид ва мушаххас мегиранд. Дар байни барномаҳои фаъоли бозори меҳнат, мутобиқшавии иҷтимоӣ қисми таркибии ин барномаро ташкил медиҳад ва ба корҷӯён оид ба чӣ гуна пайдо намудани кор ва корхонае, ки ба

---

[150]Алена Н. Консультативный доклад о профессиональной реабилитации и занятости лиц с ограниченными возможностями в Восточной Европе и Центральтной Азии [Текст]: / Н. Алена, О. Кулаева; Группа технической поддержки по вопросам достойного труда и Бюро МОТ для стран Восточной Европы и Центральной Азии. - М.: МОТ, -2014.-С.22.
[151]Ҳамон ҷо:– С.56.

коргар ниёз дорад, маълумот медиҳад. Иштироки шахсони дорои маъюбӣ дар ин барнома ба хотири такмили малакаҳои ҷустани кор равона шудааст. Дар барномаҳои фаъоли бозори меҳнат ба хотири ҷойивазкунии иҷтимоии шахсони дорои маъюбӣ ҳамасола шумораи зиёди онҳо ба таълими касбӣ ва бозомӯзӣ фиристода мешаванд.

Дар баробари барномаҳои фаъоли бозори меҳнат яке аз технологияҳои иҷтимоии дигари ҷалб намудани шахсони дорои маъюбӣ ба шуғл дар замони муосир ин системаи квотаҳои ҷойи корӣ ба шумор меравад ва он аз тарафи корфармоён дода мешавад.

Системаи квотаи ҷойи корӣ чист?

Ҷойҳои кории квота – ин як миқдори муайяни ҷойҳои холии корӣ мебошанд, ки махсус барои категорияҳои кормандон пешбинӣ шудаанд, ки дар шароити муқаррарӣ метавонанд дар ёфтани шуғл ба мушкилот дучор оянд[152]. Яъне, квотаҳо барои категорияҳои муайяни аҳолӣ муайян ва пешниҳод карда мешаванд.

Киҳо метавонанд ба чунин ашхос дохил шаванд? Киҳо метавонанд ҳуқуқи гирифтани квотаро дар мавриди бо шуғл таъмин шудан пайдо кунанд? Мутобиқи квотаҳо он табақаҳои аҳолие, ки бештар ба ҳифзи иҷтимоӣ ниёз дорад ва созмонҳои минтақавӣ дар самти шуғл фаъолиятдошта, бояд категорияҳои муайяни аҳолиро ба рӯйхат гиранд ва ба корхонаҳое, ки ба корманд ниёз доранд, пешниҳод намоянд. Масалан, маъюбони гурӯҳҳои дуюм ва сеюм ба чунин ҷойҳои махсус аз ҷониби корфармоён таъйин гардида, бо кор таъмин мегарданд. Инчунин, квотаҳо барои ҷавонони сину соли 14 то 18 сола муайян мегардад:

- кӯдаконе, ки дар муассисаҳои махсус тарбия мегиранд;

---

[152]Барномаи миллии тавонбахшии маъюбон барои солҳои 2017-2020 (Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 октябри соли 2016, №455 тасдиқ шудааст) [манбаи электронӣ]. URL: http://ahia.tj/index.php/tj/2017-01-26-11-44-42/2017-2020 (санаи истифодабарӣ:11.05.2021).

- наврасоне, ки дар оилаҳои серфарзанд ва ё нопурра ба воя мерасанд;
- кӯдакони 14 -18 сола, ки волидонашон расман бекор эътироф мешаванд;
- волидони танҳо, хусусан модарон;
- маҳбусоне, ки ҷазоро адо кардаанд ва имкониятҳои кор пайдо карданро надоранд;
- шахсоне, ки пас аз хатми мактаб бори аввал кор мекунанд;
- одамони қобили кории синни пеш аз нафақа ва ё синни нафақа;
- иштирокчиёни рафъи фалокати Чернобил ва ғайра[153].

Аввалин шуда, дар ҷаҳон дар охири соли 1923 дар Австрия, Фаронса, Олмон, Италия ва Полша системаи квотаҳоро бо дархости корфармоён барои шахсони дорои маъюбӣ қабул карданд. Дар баробари ин, бисёре аз кишварҳои дигари Аврупо дар натиҷаи муносибатҳои пайдарҳам пас аз Ҷанги Дуюми Ҷаҳон ба хотири паст кардани сатҳи баланди бекорӣ дар миёни шахсони дорои маъюбӣ системаи квотаро қабул карданд.

Таърихи муносибати сиёсати квота ба Аврупо тааллуқ дорад, гарчанде он аз соли 1960 инҷониб дар Ҷопон маъмул аст. Пайдоиши ин мафҳум аз замони Ҷанги Якуми Ҷаҳон, замоне ки дар Олмон қоидаҳо ва қонунҳои мусоидат ба ҳамгирոии сарбозони дар ҷанг захмишуда қабул карда мешуданд, сарчашма мегирад.

Системаҳои квотаи ҷойҳои корӣ дар аксари кишварҳо барои таблиғи шуғли шахсони дорои маъюбӣ истифода мешавад. Тибқи чунин система корфармоён фоизи муайяни ҷойҳои холии кориро барои шахсони дорои маъюбӣ аз рӯйи қонун ё қарори ҳукумат шумораи муайяни ҳадди аққали коргаронро таъмин мекунанд. Ин квотаҳо дар

---

[153]Барномаи миллии тавонбахшии маъюбон барои солҳои 2017-2020. (Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 октябри соли 2016, №455 тасдиқ шудааст) [манбаи электронӣ]. URL: http://ahia.tj/index.php/tj/2017-01-26-11-44-42/2017-2020 (санаи истифодабарӣ:11.05.2021).

шакли тавсия (ихтиёрӣ) ё ҳатмӣ мебошад, аммо бидуни санксияҳои иҷрои он ё онҳо метавонанд пардохт (ҷарима) барои риоя накардани онҳо (низоми квотаҳо ва пардохтҳо) ҳамроҳӣ кунанд[154].

Пешниҳодҳо дар бораи пешакӣ ҷудо кардани ҷойҳои корӣ барои собиқадорони маъюб, системаи квота бори аввал дар сатҳи байналмилалии Конференсияи соли 1920 муҳокима карда шуданд ва ҳукумати миллӣ тавсия додаст қонунҳоеро қабул кунанд, ки ҷамъият ва корфармоёни хусусӣ собиқ сарбозони маъюбро, ки бар асари ҷанг маъюб гаштаанд, ба кор гиранд. Кумитаи коршиносон дар соли 1923 таҳти сарпарастии Созмони Байналмилалии Меҳнат истифодаи уҳдадориҳои қонунро оид ба мусоидат ба шуғл дастгирӣ намуд ва шумораи муайяни собиқ сарбозони маъюбро ба корфармоён пешниҳод кард.

Бо гузашти вақт ва инкишоф ёфтани системаи квотаҳо дар мамлакатҳои Аврупо принсипҳои асосӣ ба миён омаданд. Дар асоси принсипҳои ба миён омада, уҳдарориҳо бо гузашти вақт квотаҳоро ба гурӯҳҳои аҳолие, ки нисбатан осебпазир, ба мисли сарбозони дар ҷанг маъбюгашта, инчунин, зарардидагони садамаҳои истеҳсолӣ дахл дошт, ҷорӣ карданд. Муҳаққиқон квотаро ба як навъ афзалият додан ва ҳисси ғамхорӣ нисбат ба ин гурӯҳи аҳолӣ маънидод кардаанд. Ин афзалиятро метавон ҳамчун технологияи ҳавасмандӣ дар ҷалби шахсони дорои маъюбӣ ба шуғл шарҳ дод.

Усули квота бо мурури замон ба сиёсати иҷтимоӣ ва технологияи мусоидат ба шуғл барои шахсони дорои маъюбӣ табдил ёфт. Дар бисёр маврид шумораи зиёди корфармоён бо усули квота мухолиф ҳастанд, зеро корфармоён дар иҷрои вазифаҳои худ дар назди шахсони маъюб уҳдадор мегарданд.

---

[154]Алена Н. Консультативный доклад о профессиональной реабилитации и занятости лиц с ограниченными возможностями в Восточной Европе и Центральтной Азии [Текст]: / Н. Алена, О. Кулаева; Группа технической поддержки по вопросам достойного труда и Бюро МОТ для стран Восточной Европы и Центральной Азии. - М.: МОТ,- 2014.-С.29.

Ташкили меҳнати ШдМ аз кор фармоён андешидани чораҳои иловагиро бо дарбаргирифтани таҷҳизоти асосии танзимкунанда ва ёрирасон, муҷаҳҳазкунӣ ва таъмини воситаҳои техникии ҷойи кор бо дарназардошти имкониятҳои инфиродии ШдМ, гузаронидани чорабиниҳои дигар, ки хароҷоти иловагӣ доранд, талаб менамоянд. Чунин муносибат аз ҷониби корфармоён дар ҷомеа шиддатнокии иловагии иҷтимоиро ба вуҷуд оварда, имкон фароҳам меорад, ки ШдМ худро ҳамчун "одами нодаркор" дарк намуда, беқиматии худро дар мавҷуд будани ноқисии ҷисмонӣ ё дигар намуди ноқисиҳо эҳсос намоянд, ки он ба дучанд гардидани хусусиятҳои хоси равонӣ, инкишофи ҳисси танҳоӣ, рӯҳафтодагӣ ва надоштани рағбати муносибат дар ҷомеа оварда мерасонад[155].

Гузариш аз иқтисоди нақшавӣ ба иқтисоди бозорӣ ба тағйироти куллӣ дар бозори меҳнат оварда расонд ва доираи фаъолияти иқтисодиро дар асоси талаботи ба таври сунъӣ дастгиришуда хеле коҳиш дод. Дар шароити нави бозор аксарияти ҷойҳои корӣ ва корхонаҳо барои шахсони дорои маъюбӣ рақобатпазир набуда баста шуданд, зеро дастгирии давлатиро аз даст доданд[156]. Аз соли 1991 то инҷониб дар бисёре аз қонунгузориҳои худ кишварҳои олам низоми нав ва усули квотаро ҷорӣ карданд. Бо ба миён омадани нақшаи квота дар шароити миллӣ чунин системаро кишварҳои олам мехоҳанд, дар амал татбиқ намоянд.

Мутобиқшавии ШдМ дар бозори меҳнат, масъалаи муҳими ҷомеа мебошад. Аз шуғлнокии шахс на танҳо некуаҳволии моддӣ, балки кайфияти равонии он вобастагии калон дорад. Бинобар ин, дар мутобиқшавиии иҷтимоии ШдМ ба воқеияти иқтисоди бозоргонӣ бояд

---

[155]Пажӯҳиши роҳҳои дастрасии шахсони дорои маъюбият ба ҷойҳои корӣ дар бозори меҳнати Тоҷикистон. Институти «Ҷамъияти кушода» Бунёди мадад-Тоҷикистон. Душанбе.-2020.-С.9.
[156]Алена Н. Консультативный доклад о профессиональной реабилитации и занятости лиц с ограниченными возможностями в Восточной Европе и Центральтной Азии [Текст]: / Н. Алена, О. Кулаева; Группа технической поддержки по вопросам достойного труда и Бюро МОТ для стран Восточной Европы и Центральной Азии. - М.: МОТ,- 2014.- С.4.

нақши муҳимро барқарорсозиии иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва касбии онҳо иҷро намояд. Айни замон, масъалаҳои барқарорсозии ШдМ дар тобеияти мақомоти ҳифз иичтимоӣ мебошад ва бо шуғл таъмин шудани онҳоро дар бозори меҳнат хадамоти меҳнат ва шуғли аҳолӣ машғул аст. Ин барқарорсозӣ ва бо шуғл таъминкунии шахсони дорои маъюбиро мураккаб ва ба таъхир мемонад. Омодагии пурраи касбӣ ва шуғли ШдМ ҷузъи асосии барқарорсозии маҷмӯии онҳо ба ҳисоб меравад. Имконияти гирифтани маълумот ва таъмин шудан ба кор, агар, аз як тараф, ба мустақилияти моддӣ роҳ кушояд, аз тарафи дигар, барои худсобитсозии шахс, васеъ гардидани алоқаҳо, мутобиқшавии иҷтимоӣ ва ҳамгироӣ шароит фароҳам меорад[157].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муносибат нисбати шахсони дорои маъюбӣ дар даҳсолаи охир хеле дигаргун шудааст: аз шинохти шахсони дорои маъюбӣ ба ҳайси мафҳуми хайргиранда, гирандаи хизматрасонии тиббӣ ва кумакпулиҳо то қабули онҳо ҳамчун шаҳрвандони комилҳуқуқ. Муносибат дар асоси ҳуқуқҳои инсон боз ҳам бештар дар ҳуҷҷатҳо ва стратегияҳои ҳуқуқии нав таҳиягардида, инъикос ёфтааст. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон” иштироки баробари шахсони маъюбиро дар ҷамъият тавассути таъмини ниёзмандиҳои онҳо ва дастрасии кафолатнок ба хизматрасониҳои тандурустӣ, тавонбахшӣ, таҳсилот, таъмин шудан бо ҷойи кор, омӯзиши касбӣ, фарҳанг, варзишу дилхушӣ, нақлиёт, ҷойҳои ҷамъиятӣ ва технологияҳои иттиллоотиро тақозо менамояд[158]. Тартиби муқаррар намудани квотаҳои ҷойҳои кориро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қонунҳои дар самти масъалаҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ қабулшуда танзим ва дар амал татбиқ менамояд.

[157]Пажӯҳиши роҳҳои дастрасии шахсони дорои маъюбият ба ҷойҳои корӣ дар бозори меҳнати Тоҷикистон. Институти «Ҷамъияти кушода» Бунёди мадад-Тоҷикистон. Душанбе.-2020.-С.9.

[158]Барномаи миллии тавонбахшии маъюбон барои солҳои 2017-2020 (Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 октябри соли 2016, №455 тасдиқ шудааст) [манбаи электронӣ]. URL: http://ahia.tj/index.php/tj/2017-01-26-11-44-42/2017-2020 (санаи истифодабарӣ:11.05.2021).

Давлат ба шаҳрвандоне, ки ба ҳифзи иҷтимоӣ муҳтоҷанд, дар ҷустуҷӯйи кор душворӣ мекашанд ва дар бозори меҳнат ба рақобати баробар қодир нестанд, бо роҳи таҳия ва амалӣ намудани барномаҳои мақсадноки мусоидат ба шуғл, ташкил намудани ҷойҳои иловагии корӣ дар ташкилоту муассисаҳо, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқиашон ва тараққӣ додани корхонаҳои махсусгардонидашуда (аз он ҷумла ташкилотҳо барои ҷалби меҳнати маъюбон), муқаррар намудани квотаҳо барои ба кор қабул намудани маъюбон ва гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолӣ, расонидани хизмати самтгирии махсус ва дигар чораҳо кафолатҳои иловагиро таъмин менамояд[159]. Гурӯҳҳои оебпазире , ки доимо ба мушкилот гирифторанд ва наметавонанд аз уҳдаи ҳаллӣ мушкилоти худ то ҳади имкон бароянд, нисбати рақобатпазирии онҳо дар бозори меҳнат, давлат дар самти ҷалби меҳнат корхонаҳоро вазифадор мекунад, ба онҳо кафолатҳои иловагиро диҳад. Мутобиқи сиёсати иҷтимоии худ давлат саъю талош менамояд, то ки категорияҳои гуногуни осебпазирии аҳолиро дастгирӣ ва нигоҳубин намояд.

Тибқи моддаи сеюми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ" принсипҳои ҳифзи иҷтимоии маъюбон ва сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи иҷтимоии маъюбон дар омилҳои зерин амалӣ карда мешавад:

- қонуният, инсондӯстӣ, риояи ҳуқуқи инсон;
- кафолати сатҳи зарурии ҳифзи иҷтимоӣ, таъмини дастрасии тавонбахшии тиббӣ, иҷтимоӣ ва касбӣ;
- дастрасӣ ва баробарҳуқуқии маъюбон дар баробари дигар шаҳрвандон ба ҳифзи саломатӣ, таҳсил, истироҳату саёҳат ва интихоби озоди намудҳои фаъолият, аз ҷумла, фаъолияти меҳнатӣ;

[159]Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ" [Матн]: / (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2003, №8, мод.467; соли 2005, №12, мод. 650; соли 2007, №7, мод. 687; соли 2008, №12, қисми 2, мод.; Қонуни ҶТ аз 28.06.11с.,№724) - Душанбе - 2003.- С.4.

- ҳамкории мақомоти давлатӣ бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва дигар ташкилотҳое, ки дар соҳаи ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии маъюбон фаъолият мекунанд;

- манъи табъиз (дискрминатсияи) маъюбон[160].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин қонунҳо системаи квотаҳои ҷойи кориро дар самти шуғли аҳолӣ, аз ҷумла, шахсони дорои маъюбӣ ба танзим медароранд:

1.Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ" аз 1-уми августи соли 2003 таҳти №44.

2.Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон" аз 29 – декабри соли 2010 таҳти №675.

Барои ба шуғл ҷалб намудани шахсони дорои маъюбӣ дар Тоҷикистон квотаро қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон" муайян мекунад. Давлат барои бо шуғл таъмин намудани ин табақаи аҳолӣ ҷойҳои кориро вобаста ба имкониятҳои фардии ҳар як шахси дорои маъюбӣ фароҳам оварда, бо асбобу анҷоми лозимӣ таҷҳизонида мешавад. Ҳангоми баргузор намудани чорабиниҳои махсус барои шахсони дорои маъюбӣ ва рақобатпазирии онҳо дар бозори меҳнат кафолатҳои зерин дода мешавад. Чунин кафолатҳо дар моддаи 26 –и қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон" оварда шудааст:

- дар ташкилотҳо, новобаста ба шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва моликияташон, квотаҳо барои ба кор қабул намудани маъюбон ва ҳадди аққали теъдоди ҷойҳои махсуси корӣ (аз ҷумла,ҷойҳои махсуси корӣ) ҷиҳати бо кор таъминкунии маъюбон;

- ҳавасмандгардонии ташкилотҳо барои таъсис додани ҷойҳои иловагии корӣ (аз ҷумла, ҷойҳои махсуси корӣ) ҷиҳати бо кор таъминкунии маъюбон;

---

[160]Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон" [Матн]: / Душанбе, 29 декабри соли 2010 № 675.- С.2.

- фароҳам овардани шароити меҳнат мутобиқ ба барномаҳои инфиродии тавонбахшии маъюбон;

- фароҳам овардани шароити мусоид барои фаъолияти соҳибкории маъюбон;

- ташкил намудани омӯзиши касбҳои нав барои маъюбон[161].

- Пешакӣ ҷудо кардани ҷойҳои корӣ аз рӯйи касбҳое, ки барои шуғли маъюбон мувофиқанд ва ғайра.

Кадом корхонаҳо ва ширкатҳо метавонанд квотаҳои ҷойҳои кориро пешниҳод намоянд ва кадом кафолатҳои иҷтимоии давлатӣ ба души ҳар як корфармо меафтад?

1. Агар шумораи кормандон дар ташкилот аз 35 нафар зиёд набошад, он гоҳ ба ин ширкат квота дахл надорад;

2. Ҳайати 35 ва зиёда кормандон бояд аз табақаҳои имтиёзнок, ҳадди аққал 3% иборат бошад. Яъне, ҳадди аққал як кормандро тибқи квота дар як созмоне, ки шумораи 35-40 нафарро ташкил медиҳад, ба кор қабул кардан лозим аст ва агар аз 70 то 100 корманд бошад, пас ҷойи квота бояд 2% бошад;

3. Ташкилоти калонтаре, ки ба нигоҳ доштани ҳайати зиёда аз 100 кормандони худ иҷозат медиҳанд, бояд 4%-и ҷойҳои кориро барои квотаҳо ҷудо кунанд: ҳадди аққал 4-корманд ба сад нафар аз категорияҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ ҳифзшаванда бошанд;

4. Афзоиши минбаъдаи шумораи кормандон ба ҳиссаи квота таъсир намерасонад – он 4 %-ро ташкил медиҳад[162].

Дар ҳолате, ки дар қонунгузории ҳар як давлат оварда шудааст, дар ин ҳолат метавон ҳайати чунин кормандро бо шуғл таъмин намуд, инчунин, ба категорияҳои дигари аҳолӣ ба мисли ноболиғон 2% ва маъюбон 2% иҷозат дода мешавад. Ҳангоми ба амал баровардани

---

[161]Зеваров Х. Шуғли маъюбон: ҳолат, мушкилот ва роҳҳои ҳалли онҳо [Матн]: / Х. Зеваров. Маҷаллаи илмии муассисаи давлатии "Пажӯҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ" /Душанбе-1 (24),-2015. – С.68.

[162]Что означает квотируемое рабочее место [электронный ресурс].URL:https://assistentus.ru/trudovoe-pravo/kvotiruemoe-rabochee-mesto (дата обращения:11.05.2021).

барномаҳои квотакунонӣ ҳар як корфармо ӯҳдадориҳои корхонаи худро мегузорад ва риоя намудани онҳо масъуляти ҷиддиро талаб менамояд.

Дар ҳолате, ки корхона теъдоди кормандонаш ба 20 нафар мерасад, дар ин маврид бояд квота барои ба кор қабул намудани шахсони дорои маъюбиро муайян кунад ва он аз шумораи умумии кормандон на бештар аз 5%-ро ташкил диҳад. Масалан, дар хориҷа, махсусан, дар Москва корхонае, ки теъдоди кормандон 100 нафарро ташкил медиҳанд 2% квотаҳо ба шахсони дорои маъюбӣ таъсис дода мешавад ва давлат нисбати чунин ташкилоту корхонаҳо имтиёзҳои махсуси андозбандиро кафолат медиҳад.

Дар асоси таҳқиқоти гузаронидаи Ташкилоти ҷамъиятии "Маркази рушди инноватсионӣ" Институти "Ҷамъияти кушода" Бунёди мадад-Тоҷикистон дар соли 2020 қисми зиёди пурсишшавандагон дар бораи мавҷуд будани чунин ҷойҳои кории бандкардашуда (квотаҳо) барои бо шуғл таъминшавии шахсони дорои маъюбӣ маълумот надоранд ва ё дар он ақидаанд, ки ба онҳо чунин квотаҳо зарурат надорад. Тибқи таҳқиқот сабабҳои монеаэҷодкунанда барои бошуғлтаъминшавии шахсони дорои маъюбӣ чунин омилҳо муайян карда шуд:

- мавҷуд набудани ҷойҳои кории муносиб;
- мавҷуд будани маҳдудият вобаста ба маъюбӣ;
- набудани тахассуси зарурӣ;
- маҳдудияти соҳаи талабот дар бозор имеҳнат барои ШдМ;
- сатҳи пасти рақобатнокӣ барои маъюбон дар бозори меҳнат;
- хоҳиш надоштани корфармоён барои кор кардани ШдМ (барои ба кор қабул кардани ШдМ ҷойҳои махсуси кориро таҷҳизонидан зарур аст, ки хароҷоти иловагиро талаб менамояд);
- норасогии инфрасохтори иҷтимоии мавҷуда (нақлиёти ҷамъиятӣ, биноҳои истиқоматӣ, биноҳои таълимӣ ва ғайра);

- ҷудогии иҷтимоӣ аз одамони солим, байни онҳо мавҷуд будани фосилаи иҷтимоӣ, афкори манфии ҷамъиятӣ дар муносибат бо шахсони дорои маъюбӣ ва ғайра[163];

Ҳамин тавр, вобаста ба мушкилоти мавҷуда, шуроҳои махсуси назди мақомоти минтақавию маҳаллиро ташкил намуда, чораҳои ҳалли ҳамгироии шахсони дорои маъюбӣ ва сиёсати мусоидати шуғли аҳолиро фароҳам созанд.

Хулоса, дар таърихи ҷомеаи ҷаҳонӣ дар собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ба хотири барқарор намудани қобилияти кории нафароне, ки дар замони Ҷанги Дуюми Ҷаҳон ба вазъи ногувор ва маҳдудиятҳои гуногуни ҷисмонӣ гирифтор шуда буданд, масъалаҳои омӯзиш ва шуғли онҳоро дар назди давлат ҳамчун вазифаи миллӣ гузошта буданд. Вобаста ба қабули системаи квотаҳо ташкилоту корхонаҳо вазифадор гардиданд, ки дар баробари шахсони солим, шахсони дорои маъюбӣ дар ҳаёти ҷамъиятӣ нақши худро гузоранд. Гарчанде ки вазъият дар бозори меҳнат барои шахсони дорои маъюбӣ дар шароити кунунии ҷомеа то андозае беҳтар гардида бошад ҳам, лекин дар баъзе мавридҳо номусоидии ин масъала ба назар мерасад. Солҳои охир бо зиёд шудани шумораи шахсони дорои маъюбӣ ва сатҳи шуғл дар миёни онҳо дар қиёс ба шахсони солим кам шуда бошад ҳам, лекин давлат сатҳи ҳифзи иҷтимоиро ба ин гурӯҳи иҷтимоӣ беҳтар намуда, кафолатҳо ва дастгириҳоро ба роҳ монда истодааст. Кормандони соҳаи тандурустию ҳифзи иҷтимоӣ дар ҳамгироӣ, бо мутахассисони соҳаи хадамоти давлатии шуғл ва роҳномаҳои касбӣ ва машваратчиёни касбӣ дар ин масъала метавонанд саҳмгузор бошанд.

[163]Пажӯҳиши роҳҳои дастрасии шахсони дорои маъюбият ба ҷойҳои корӣ дар бозори меҳнати Тоҷикистон. Институти «Ҷамъияти кушода» Бунёди мадад-Тоҷикистон. Душанбе.-2020.-С.18-19.

## 2.3.Тарҳсозии системаи бо шуғл таъминкунии хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ

Ҷаҳони муосир гуногун ва мураккаб аст. Ҷомеа дар ҷараёни инкишофи худ талаботи навро дар назди аъзоёнаш мегузорад, инсон ба ин шароит бо механизмҳои мутобиқшавӣ ва ҳамгироии иҷтимоӣ ба он мутобиқ шуда, тамоми табақаҳои аҳолӣ, аз ҷумла, ҷавононро тағйир медиҳад. Муваффақияти ин равандҳо аз бисёр ҷиҳат вобаста аст ба ҷалби ҷавонон ба шуғл, барои ҳамин ҳар як ҷавон ба таври объективӣ ва табиӣ бо интихоби касби оянда ва соҳаи шуғл рӯ ба рӯ мешавад[164]. Равандҳои ҷаҳонишавӣ ба таври назаррас модели шуғлро дигаргун сохта, ҳуқуқуҳои кафолатноки хатмкунадагони муассисаҳои таҳсилоти касбиро барои ҳифзи иҷтимоӣ ба таври куллӣ тағйир медиҳад. Дар натиҷаи истифодаи технологияҳои нав, раванди меҳнат дар назди қувваҳои корӣ дар корхона ва ширкатҳои корфармо талаботи сифатан нави хатмкунандагони касбиро ба миён мегузорад.

Бинобар ин, ҳалли босамари масъалаи бо шуғл таъминкунии ҷавонони ихтисосманд танҳо дар он ҳолат имконпазир аст, агар фаъолияти байниҳамдигарии Вазорати маориф ва илм, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ ва дигар ниҳодҳо дар системаи омодакунии мутахассисони касбӣ мавҷуд бошад. Коркарди механизм оид ба таъсири байниҳамдигарии системаи иҷтимоӣ-иқтисодӣ таъмини шуғлро бо тамоми субъектҳо; давлат, муассисаҳои таҳсилоти касбӣ, корфармоён ва донишҷӯёнро дар ҷараён гузорад. Миёни ҳамаи субъектҳои зикршуда, алоқаҳои муайян нуҳуфтааст, дар асоси онҳо системае сохтан лозим аст, ки стратегияи таъсири байниҳамдигарро коркард бояд кард.

[164]Труд молодежи в XXI веке: вызовы и возможности. Диалог поколений. Материалы Петербургского международного молодежного форума труда — 2017. Санкт-Петербург, 14 марта 2017 г. / под ред. Р. Х. Салахутдиновой, М.С. Касабуцкой. — СПб.: Изд-во С.-Петерб. ун-та,- 2018.-С.3.

Тарбия ва истифодаи оқилонаи қувваи кории баландихтисос дар сиёсати давлатии таҳсилот ҷойи махсусро ишғол менамояд. Ин ба тағйироти куллӣ, ки дар сохтор ва сифати умумии қувваи корӣ ба амал меоянд вобаста аст. Тамоюли дар солҳои охир пешбинишаванда, мавриди нигаронии ҷиддӣ мебошад. Аввало, азкорравии қувваи кории баландихтисос аз соҳаҳои бевоситаи истеҳсолот ба соҳаҳои ғайриистеҳсолӣ рух дода истодааст. Сониян, раванди бемайлони афзун шудани шумораи ҷавони кормандони кадрӣ ҷараён дорад. Қисми зиёди ҷавонон ба соҳаи хизматрасонӣ ва тиҷорат коркарданро афзалтар мешуморанд. Нуфузи ихтисосҳои муҳандисию техникӣ баланд гардида истодааст. Сеюм, бинобар афзоиши бекорӣ ва фарқияти калон дар музди меҳнат дар дохили кишвар ва берун аз он, ба хориҷи кишвар рафтани қувваи кории ҳам баландихтисос ва ҳам беихтисос рух дода истодааст. Барномаи мақсаднок ва сиёсати воқеии ташаккулдиҳии омоданамоии оқилонаи қувваи кории ҷавонони баландихтисос вуҷуд надорад, ки ҳоло зоҳир гардида истодааст ва баъд аз даҳсолаҳо ба иқтисодиёти кишвар таъсири худро мерасонад[165].

Яке аз ҳадафҳои ислоҳоти системаи таҳсилоти касбӣ таҳким бахшидан ба ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ ва бозори меҳнат буда, дар айни ҳол талабот миёни бозори меҳнат ва корфармоён ба қувваи корӣ ихтилофи назар вуҷуд дорад. Яке аз сабабҳои чунин ихтилоф зиёд будани шумораи хатмкардагони соҳибтахассус дар бозори меҳнат ба ҳисоб меравад. Нуқтаи дигарро метавон зикр кард, ки аз шумораи умумии хатмкунандагоне, ки ба бозори меҳнат ворид мегарданд, ҳиссаи занон нисбат ба мардон то як андоза дар баъзан маврид бештар ва дар баъзе ҳолат хеле кам аст. Аммо на ҳамаи онҳо пас аз таҳсилоти касбӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёна ба бозори меҳнат дохил намешаванд ва ба қатори аҳолии аз

[165] Шуғл дар шароити рушди инсон [Матн] / Ҳисоботи миллӣ оид ба рушди инсон дар солҳои 2008-2009 –Душанбе. – 2010. – С.61.

ҷиҳати иқтисодӣ ғайрифаъол дохил мегарданд. Як қисми аз занҳо ба кори хона ва тарбияи фарзанд машғул мегарданд, аз ин лиҳоз, дар бозори меҳнат ҳиссаи мардон нисбат ба занон бештар аст.

Таъмини кадрҳои баландихтисос дар иқтисодиёти ҳар як кишвар вазифаи асосии сиёсати давлатии он ба шумор рафта, устуворӣ ва суботи иқтисодиёти ҳар мамлакатро таъмин мекунад. Ин вазифаро дар миқёси кишвар мақомоти иҷроия, муассисаҳои таълимӣ, корфармоён дар раванди омодасозии кадрҳо ба иҷро мерасонанд. Вобаста ба раванди модернизатсияи иҷтимоӣ, дар ҷомеа падид омадани мақомҳои нави иҷтимоӣ, нақшҳо, шуғл, ҳамкориҳои нав дар таркиби сохтори ҷомеа ба амал омада истодааст. Барои ба нақша гирифтани кадрҳо дар иқтисодиёти кишвар бояд тамоми равандҳои иқтисодӣ, меҳнатӣ, демографӣ, таълимӣ, иҷтимоӣ ва дигаргуниҳое, ки дар сатҳи ин ҷараёнҳо ба вуҷуд меояд, бояд ба назар гирифта шавад. Ин ҳадаф имкон медиҳад, ки маҷмӯи тадбирҳоро дар таҳия, коркард ва истифода бурдани захираҳои мавҷуда, инчунин, ҳавасмандгардонии рушд ва самаранокии истифодаи неруи зеҳнӣ ва ташкили ҷойҳои корӣ ва механизми фаъолияти меҳнатӣ таъмин намуд, аммо Ҷумҳурии Тоҷикистон аз сабаби рушди босуръати технологияҳои нави иттиллоотӣ аз ҷиҳати таҳлил, коркард, тарҳсозӣ ва пешгӯӣ ба ин масъалаҳо эҳтиёҷ дорад.

Ба даст овардани шуғли муносиб ба яке аз равандҳои мураккаб ва дуру дароз табдил ёфтааст. Саволе ба миён меояд, ки чӣ тавр ин мушкилотро метавон то андозае ба як чорчӯбаи муайян даровард ва оё онро тағйир додан лозим аст? Ба хотири ҳалли масъалаи бо шуғл таъмин намудани қисме аз хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ ва системае, ки барои бартараф намудани ин мушкилот сохта мешавад, аз таҷрибаи давлатҳои мутараққӣ истифода намудан мувофиқи матлаб аст.

Аз тарафи коммиссияи Аврупо дар назар гирифта шудааст, ки ба бозори меҳнат ҷалб намудани занон ҳамчун манбаи қувваи кории оянда, вазифаи аввалиндараҷаи ҷанбаи рӯзномаи сиёсат ба занон имкон медиҳад дар ҳаёти иқтисодӣ фаъолона иштирок кунанд[166]. Шароити муосир талаб мекунад, ки хатмкунандагони муасиссаҳои миёна ва олии касбӣ бояд ба масъалаҳои ҳалли марбут ба шуғл ва ояндаи худ омода бошанд.

Ҳар як системаи иҷтимоӣ тибқи назари сотсиологи амрикоӣ Т. Парсонс, аз ҷумла, системаи тарҳрезишудаи бо шуғл таъминкунӣ низ бояд ба чор талаботи асосӣ ҷавобгӯ бошад: мутобиқшавӣ, ноил шудан ба ҳадаф, ҳамгироӣ ва нигоҳдории намуна[167]. Ҳангоми тарҳсозии система, принсипҳои зеринро бояд ба назар гирифт: 1) Система бояд ба муҳити беруна ҳамгиро карда шавад (яъне, ба назар гирифтани хусусиятҳои тахассусии мутахассисон); 2) Омодакунии мутахассисон дар асоси баҳодиҳии пешакии ниёз ба кадрҳо иҷро карда шавад; 3) Ташаккули шумораи донишҷӯён ва хатмкунандагони мактабҳо бо мақсади ҳавасмандӣ барои таҳсил; 4) Барномаҳои таълимии донишгоҳҳо ва муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, бояд то дараҷае мутобиқи талаботи корфармо танзим карда шавад; 5) Дар раванди таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ бо донишҷӯён, чорабиниҳои роҳнамоии касбӣ ва тадбирҳои мутобиқсозии иҷтимоӣ ва равонӣ амалӣ карда шаванд, ки ба онҳо имкон диҳад, ихтисоси лозимиро мутобиқи хусусиятҳои шахсии худ ва мувофиқи талаботи корфармо иҷро намуда, дар ҷойи корӣ бо камтарин мутобтиқшавии касбӣ гузаранд.

Мақсад аз тарҳсозии бо шуғл таъминкунии хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

---

[166]Клаус Ш. Политика занятость в странах-партнерах ЕФО: Консептулаьная записка, Обеспечение занятости и обучение в течение всей жизни: в перспективе переходного рынка труда [Текст]: / Ш. Клаус и Л. Сиаров, Центр Якобса по обучению в течение всей жизни и организационному развитию, Международный университет Бремена, апрель-2006.- С.7.

[167]Задорожная И.И. Трудоустройство выпускников вузов: социологичиеский анализ [Текст]: / автореф…дисс… канд… соц… наук. Задорожная Ирина Игоревна. Нижний Новгород - 2004.- С.25.

аз он иборат аст, ки назарияҳое, ки то ин замон ҳангоми бо шуғл таъминкунӣ истифода мегардид, то як андоза дигаргунӣ ворид намудан ва бо усулҳои муосир мутобиқ сохтани ин равандҳо мебошад.

Мувофиқи ақидаи Т. Парсонс дар раванди сохтани ҳар як системаи иҷтимоӣ, аз ҷумла, системаи бо шуғл таъминкунии хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ мутобиқи талаботи аввал, дар раванди бо шуғл таъминкунии хатмкунандагон бештар мутобиқшавии хатмкунандагон ба мутобиқшавии меҳнатӣ рост меояд.

Мутобиқшавии меҳнатӣ–ин ҷараёни иҷтимоии азхудкунии ҳолатҳои нави меҳнатӣ, ки дар фарқият аз муҳити биологӣ, шахсӣ ва меҳнатӣ ба якдигар таъсири фаъол расонида, системаи мутобиқ ва мутобиқшавандаро ифода мекунад. Дар чунин ҳолат имконияти се роҳи инкишофи рӯйдодҳо вуҷуд дорад.

- шахсият дар бештари ҳолатҳо ба муҳити меҳнатӣ таъсир мерасонад, аммо таъсири муҳит ғайримуҳим боқӣ мемонад:
- муҳит ба шахсият бештар таъсир мерасонад, ҳангоми имконияти ивазшавии рафтори шахсият:
- таъсири байниҳамдигарии муқоисашавандаи шахсият ва муҳити атроф ба якдигар[168].

Чуноне ки маълум мегардад раванди мутобиқшавии меҳнатӣ дуҷониба аст. Вақте ки хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ ба кор шуруъ мекунанд, муносибатҳои гуногуни касбӣ, меҳнатӣ, психологӣ, муносибатҳои мустаҳкам бо ташкилоти меҳнатӣ ба вуҷуд меоянд ва меъёру арзишҳои навро дар раванди фаъолияти меҳнатӣ аз худ мекунанд.

Дар ҳолати ба амал омадани чунин вазъият бояд ҳар як муасссисаи таълимӣ ба хатмкунандагони худ ҷиҳати таъмини шуғл ва

---

[168]Шалаева Н.В. Адаптация выпускников на рынке труда: краткий курс лекций для студентов 4 курса всех направлений подготовки бакалавриата [Текст]: / Сост.: Н.В. Шалаева., С.С. Шалаева., И.А. Ножкина и др. ФГБОУ ВО “Саратовский ГАУ”. – Саратов.- 2016.- С.4.

технологияҳои ҳалли он мусоидат намояд. Аз ин рӯ, бояд ҳар як муассисаи таълимӣ, махсусан, муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ дорои ҳамкориҳои судманд бо шарокони иҷтимоиро дошта бошанд.

Мувофиқи таҳлили натиҷаҳои таҳқиқоти сотсиологӣ аз панҷ як ҳиссаи мусоҳибон – 21,9% зикр кардаанд, ки аз тарафи мақомоти масъул ва шахсони алоҳида дар бораи касбу ихтисосҳои мавҷуд буда, маълумоти пурра нисбати ёфтани ҷойи кор пешниҳод карда шавад. 14,6%-и мусоҳибон зарур мешуморанд, ки ҷавонон ва хатмкунандагон вобаста ба шавқу рағбати худ, бе фишор овардани волидайн касби худро интихоб намоянд. Аз ҷумла 13,8%-и мусоҳибон қайд намуданд, ки барои аз тарафи ҷавонон дуруст интихоб шудани касб бояд муассисаҳои таълимӣ бо хонандагони синфҳои болоӣ вохӯриҳо ташкил намуда, мутахассисони соҳаҳои гуногунро даъват намоянд. Инчунин, 13,2% мусоҳибон ба он ақидаанд, ки танҳо ба воситаи ба хондан рӯ овардани ҷавонон ва шавқманд намудани онҳо ба таҳсил имконият медиҳад, ки наврасон ва ҷавонон мустақилона касби ояндаи худро дуруст интихоб намоянд. Аз даҳ як ҳиссаи мусоҳибон – 10,5% бар ин андешаанд, ки дар интихоби касб ба кумак ва маслиҳати падару модар ниёз доранд. Наврасон ва ҷавонон мехоҳанд, ки падару модарон дар дуруст интихоб намудани касб саҳмгузор бошанд, аммо, дар баробари ин 6,5% қайд намуданд, ки дар интихоби касби ояндаи худ озод будан мехоҳанд. *(нигаред ба расми 4)*.

**Расми 4.**

**Чӣ бояд кард, ки наврасону ҷавонон касби худро дуруст интихоб кунанд?** *(n=300, %)*




Натиҷаҳои таҳқиқоти сотсиологӣ нишон медиҳанд, ки надоштани малакаҳои зарурӣ, ба назар нагирифтани вазъи воқеии бозори меҳнат, таҳлили тағйироти бозори меҳнат, надоштани фикру ақидаҳои мушаххас дар бораи хадамоти шуғл барои қисме аз хатмкунандагон як қатор мушкилотро ба миён меорад.

Дар барномаҳои таълимии муассисаҳои таълимии давлатӣ ва шахсӣ стандарти лозимии махсус барои мутобиқсозии хатмкунандагон даркор аст, пешбинӣ мегардад, лекин иддае аз донишҷӯёни муассисаҳои олӣ ва миёнаи касбӣ нисбати талаботи бозори меҳнат ва малакаҳои касбии хеш аҳамияти зарурӣ намедиҳанд. Камбудиҳои асосии гурӯҳе аз хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбии кишвар муаррифӣ карда натавонистани малакаҳои худ, надонистани талаботи асосии шуғл, шубҳа доштан ба қобилияти касбии хеш, афзудани шубҳа, ки дар аксари ҳолатҳо, боиси комёб нашудан дар шуғли мутахассисони ҷавон мегардад.

Дар марҳилаи муосири инкишофи ҷомеаи ҷаҳонӣ рушди таҳсилоти муассисаҳои таълимӣ, аз ҷумла, муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ як зумра зиддиятҳои хос мавҷуданд: байни сатҳи тайёрии касбии хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ ва имконияти мутобиқшавии хатмкунандагон дар бозори меҳнат, ки барои шуғл шароити мувофиқ фароҳам оварда нашудааст; байни талаботи ҷамъиятии меҳнат ба ташаккули шахс дар раванди таълими истеҳсолӣ, омодагӣ барои самаранок иҷро кардани вазифаҳои касбии худ, мутобиқ шудан ба таҷрибаи зарурии иҷтимоӣ, инчунин, набудани маҳорат ва малакаҳои мутобиқшавии бомувафаққият дар ҷойи кор.

Муҳаққиқи рус Ю.И. Надежда ба муқаддимаи барномаи таълимӣ барои омодасозии донишҷӯёни курсҳои болоӣ барномаи "Мутобиқсозии хатмкунандагон дар бозори меҳнат"-ро ворид кардааст, ки барои ба даст овардани дониш, маҳорат ва малакаҳои аз ҷониби мутахассисони ҷавони оянда, дар ҳалли масъалаҳои шуғл ва мутобиқсозии хатмкунандагон дар бозори меҳнат ба афзоиши рақобатпазирии онҳо мусоидат мекунад. Барои ташкили сармаранокии раванди таълим дар ин низом лозим аст, ки донишҷӯёнро бо маводи таълимӣ ва методӣ, дар шакли дастрас, муқаррароти асосии назариявӣ оид ба мавзуъҳои таълимӣ ва тавсияҳои амалӣ, машқҳо, намунаҳои ҳуҷҷатҳо таъмин намудан зарур аст. Ҳадаф ва таҳияи барномаи "Мутобиқсозии хатмкунандагон дар бозори меҳнат", ки ба мутобиқшавии хатмкунандагон дар бозори меҳнат мусоидат мекунад, мебошад. Барои ноил шудан ба ин ҳадаф вазифаҳои зеринро ҳал кардан лозим аст:

1. Омӯзиши хусусиятҳо ва тамоюли бозори меҳнати муосири минтақавӣ; роҳнамоии касбӣ дар раванди таълим: технологияи шуғл.

2. Таҳия ва ворид намудан ба раванди барномаи таълимӣ “Мутобиқшавии хатмкунандагон дар бозори меҳнат”[169].

Дар муайян намудани мафҳуми “мутобиқшавӣ” бартарӣ ба илмҳои табиӣ, пеш аз ҳама, ба илми табиатшиносӣ дода мешавад[170]. Иҷтимоишавии шахс бошад, раванди аз худ кардани донишҳо, меъёрҳо ва донишҳост, ки имкон медиҳад дар ҷомеа вазифаеро иҷро кунад.

Иҷтимоишавӣ – аз худ намудан ва дарк кардани маданияти (меъёрҳо, арзишҳо, қоидаҳои рафтор ва қолабҳои фаҳмидашуда) - ҷомеа аз ҷониби инсон мебошад. Ба таври дигар гӯем, иҷтимоишавӣ ин ҷараёни мутобиқшавии инсон ба ҳаёти иҷтимоии ҷомеа мебошад. Раванди иҷтимоишавии инсон тавассути таҷрибаи гурӯҳӣ сурат мегирад[171]. Мутобиқшавии иҷтимоӣ бо мафҳуми иҷтимоишавӣ алоқамандии ногустастанӣ дошта, бе раванди мутобиқшавӣ субъекти фаъоли ҷамъият ба муҳити иҷтимоӣ ва иҷтимоишавии он ғайриимкон аст. Барои ҳалли дилхоҳи масъалаҳои илмӣ, аз ҷумла, иҷтимоишвии касбии хатмкунандагон бе такя ба асосҳои муайяни методологӣ ва таҳқиқоти илмӣ расидан ғайриимкон аст.

Мутобиқшавии хатмкунандагон дар бозори меҳнат ҳамчун қоида дар якчанд марҳила ба амал меояд. Мутобиқшавӣ дар ҷараёни муайянкунии касбӣ ва интихоби тахассус, дар раванди омӯзиш ё бозомӯзӣ ҳангоми интихоби ихтисос, дар раванди азхудкунии маҳоратҳои иҷтимоӣ, коммуникативӣ, муайянкунии самти арзишҳои шахсӣ, ҷустуҷӯйи кор, бо кор таъминшавии аввалин, оғози фаъолияти меҳнатӣ, ҷустуҷӯйи такрории кор ва ивазкунии он мегузарад. Ҳар яке аз марҳилаҳо барои бомуваффақият мутобиқшавии ҷавонон дар бозори меҳнат муҳим аст. Раванди муваффақиятноки мутобиқшавӣ чун қоида

---

[169]Шалаева Н.В. Адаптация выпускников на рынке труда: краткий курс лекций для студентов 4 курса всех направлений подготовки бакалавриата [Текст]: / Сост.: Н.В. Шалаева., С.С. Шалаева, И.А. Ножкина и др. ФГБОУ ВО “Саратовский ГАУ”. – Саратов.- 2016.- С.4.

[170]Шоев К.М. Сотсиология [Матн]: / Зери таҳрири дотсент Баҳромбеков Д.: К.М. Шоев, М.М. Сафаров–Душанбе.- 2015.- С.63-65.

[171]Ҳамон ҷо.:- С.67.

бардавом буда, бо бакортаъминшавӣ ба анҷом мерасад ва дар асоси қабули қонуну қоидаи бозори меҳнат амалӣ мегардад[172].

Бори нахуст моҳияти мафҳуми иҷтимоишавӣ аз тарафи файласуф ва идеалисти немис П. Наторп (1854-1924) коркард шуда, масъалаи иҷимоишавиро вазифаи асосии педагогика меҳисобад, ки ба воситаи тарбияи шахс ӯро ба шароити иҷтимоӣ ва зиндагӣ дар ҷомеа омода кунад. Гарчанде ки мафҳуми “иҷтимоишавӣ”, дар асарҳои состиологони фаронсавӣ Г. Тард, Э. Дюркгейм, сотсиолог ва иқтисодчиёни амрикоӣ Ф. Гиддингс, У. Ҷеймс инъикос шуда буданд, ин масъала пештар дар асарҳои К. Маркс ва Ф. Энгелс дар бораи табиати иҷтимоӣ ва вазифаи иҷтимоии тарбия ба таври илмӣ гузошта шуда буд[173]. Аз инҷо бармеояд, ки иҷтимоишавии мутахассисони ҷавон, на танҳо ба тарбия, балки ба муҳити иҷтимоии ҷомеа низ вобаста мебошад. Аз ҷумла, бархе аз хатмкунандагон дар шароити муосир, ҳангоми дарёфти ҷойи кор, ба мушкилот дучор мешаванд. Бинобар ин, омӯзишу таҳлили ин масъала муҳим баррасӣ мешавад, чунки талаботи ҷаҳони муосир ва шароити дигаргуншудаи ҷомеа, муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбиро водор месозад, ки пайваста таҷрибаи худро такмил диҳанд.

Давраи мутобиқшавии касбӣ ҳадафнок буда, қабули нақшаҳои нави иҷтимоӣ, вазифаҳои хусусияти касбӣ, шомил шудан ба сохтори муносибатҳои байниҳамдигарӣ, инчунин, ҳалли масъалаҳои касбии педагогиро дарбар мегирад. Дар натиҷаи мутобиқшавии касбӣ тавозуни оқилонаи байни талаботе, ки ҷомеа нисбат ба онҳо мегузорад ба даст оварда мешавад. Мутобиқшавии касбӣ ба фаъолияти касбӣ, талабот,

[172]Лопаткин И.В. Адаптация молодежи на современном рынке труда: социологический аспект [Текст]:дисс…конд.соц.наук./ Лопаткин Илья Викторович- Саратов – 2015.- С.98.
[173]Садырин В.В. Профессиональная социализация выпускников педагогических вузов на основе использования современных технологий сетевого взаимодействия [Текст]:/ коллективная монография / В.В. Садырин, Н.О. Яковлева, Л.В. Трубайчук, З.И. Тюмасева [и др.]; под общей ред. В.В. Садырина. – Челябинск: Из-во Чел. гос. пед. ун-та, -2013. –С.18-19.

меъёрҳо ва шароити кори касбӣ, вазъи иҷтимоӣ, муносибатҳои арзишӣ дар ҷомеаро дар назар дорад[174].

Иҷтимоишавии касбӣ-меҳнатӣ яке аз қисматҳои таркибии таҳқиқоти муосири илми сотсиологӣ мебошад, ки он ҷараёни дурнамои фаъолияти муносибатҳои меҳнатӣ аз боло ба поён ва баръакси онро, муайян мекунад. Вобаста ба ин, омодакунии кадрҳо дар асоси эҳтиёҷоти иқтисодиёти мамлакат, инчунин, талаботи бозори меҳнат бо кадрҳои баландихтисос, модели нави ин равандро сохтан лозим меояд.

Мураккабии тарҳсозии эҳтиёҷоти иқтисодиёти минтақа ба кадрҳо ба он шарҳ дода мешавад, ки рушди системаи иқтисодӣ дар гузариш ба усули навин (инноватсионӣ) хусусиятҳои зерини худро дорад:

-ба вуҷуд омадани тағйироти сохторӣ дар ҳудуди талаботи иқисодиёт ба кадрҳои касбӣ. Дар натиҷаи фаъолгардонии равандҳои навсозӣ ва ворид намудани навгониҳо, тағйирот дар сохтори истеҳсолот ва шуғл аз рӯйи намуди фаъолияти иқтисодӣ ба назар мерасад. Дар бозори меҳнати минтақа талаботро ба сатҳи маълумот, касб ва ихтисос тағйир медиҳад. Таъмини мувозинати талабот ва пешниҳод боиси такмили ихтисоси кадрҳо дар системаи таълими касбӣ, пеш аз ҳама, дар талабот нисбат ва касб ва ихтисосҳои нав ба миён меояд;

- дар шароити муосир талабот ба кадрҳои касбӣ нибат ба секторҳои иқтисодиёт ва имконияти тайёр кардани онҳо аз ҷониби системаи минтақавии таҳсилоти касбӣ мушкилотро оид ба сохтори касбӣ ва тахассусии кадрҳоро бо сабабҳои зерин душвор месозад: Аввалан – бинобар дар раванди муайян тайёр кардани кадрҳои касбӣ ва имконнопазирии ислоҳи усулҳои аллакай баргузоршуда. Дувум – бинобар дар давраҳои гуногун тайёр кардани мутахассисони дараҷаи гуногун: дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (МТОК) - 4-6 сол; дар

[174]Садырин В.В. Профессиональная социализация выпускников педагогических вузов на основе использования современных технологий сетевого взаимодействия [Текст]:/ коллективная монография / В.В. Садырин., Н.О. Яковлева, Л.В. Трубайчук., З.И. Тюмасева [и др.]; под общей ред. В.В. Садырина. – Челябинск: Из-во Чел. гос. пед. ун-та, -2013. - С.93-96.

муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ (ММК) - 3-4 сол муайян карда шудааст. Бо сабаби талабот ба кадрҳои соҳаи иқтисодӣ аз ҳисоби кадрҳои касбӣ, ки ба бозори меҳнат дохил мешаванд, системаи таҳсилоти минтақавӣ, андоза ва сохтори тахассусии ниёз ба кадрҳо бояд пешакӣ муайян карда шаванд. Ин омил имкон медиҳад, суръати афзоиши соҳаи иқтисодиёт бо сатҳи дахлдори рушди технологӣ таъмин гардад.

- сатҳи гуногуни раванди модернизатсия ва рушди инноватсионии иқтисодиёт аз рӯйи намудҳои фаъолитяи иқтисодӣ (НФИ) ҳамзамон боиси мавҷудияти қисмҳои минтақавии сатҳи гуногуни технологӣ (анъанавӣ, модернизатсионӣ ва инноватсионӣ), ташаккулдиҳандаи эҳтиёҷоти гуногун нисбат ба ҳайати касбӣ ва тахассусии коргарон мешаванд.

- тафовути шадиди минтақаҳои шаҳрӣ аз рӯйи суръат, сатҳи рушд ва самтҳои махсусгардонии иқтисодиёт, аз ҷиҳати зичии аҳолӣ ва сатҳи ҳаёт, эҳтимолияти гирифтани натиҷаҳои пешгӯии эҳтиёҷоти кадриро дар сатҳи шаҳрӣ, ба вуҷуд меорад, зеро аксари оморҳо ва иттиллоот хусусияти асосии эҳтиёҷоти кадриро дар сатҳи шаҳрӣ инъикос намекунанд[175].

Мизи мудаваре, ки дар соли 2004 ба хотири ҳалли мушкилоти афзоянда, аз ҷумла, бекории ҷавонон дар қитъаҳои гуногуни олам гузаронида шуда буд, як қатор Стратегияҳоро дар амал татбиқ намуданд. Ҷаласаи мазкур тавсия дод, ки сиёсати муваффақона ва ҳолатҳои ҷавононро ба назар гирифта, масъалаҳои баробарии гендерӣ ба ҷанбаҳои зерин нигаронида шуда буданд:

- андешидани чораҳо дар самти рушди имконоти ба шуғл фаро гирифтани ҷавонон ва рақобатпазирии онҳо дар бозори меҳнат;

[175]Лейбовича А.Н. Эффективные методы прогнозирования кадровых потребностей рынка труда для формирования регионального заказа на подготовку кадров [Текст]: / сб. докл. предисл. А.Н. Лейбовича. – М.: Федеральный институт развития образования, -2016.- С.30-31.

- ташкили чорабиниҳо дар самти бо ҷойи корӣ таъмин намудани ҷавонони имконияташон маҳдуд, ҷавонони аз маҳалли иҷрои ҷазо ва шаҳрвандони ҷавоне, ки хизмати ҳарбиро адо кардаанд;

- андешидани чораҳои дахлдор дар самти таҳсили сифатнок ва рақобатпазирии ҷавонон;

- ташкил ва амсиласозии чорабиниҳо дар самти танзими муҳоҷирати меҳнатии ҷавонон, аз ҷумла, ба талаботи бозори меҳнати минтақа мувофиқ намудани сатҳи тахассуси онҳо[176];

- фароҳам овардани мавқеъ ва имкониятҳо барои ҷавононе, ки бори нахуст ба фаъолияти меҳнатии иқтисоди воқеӣ ворид мешаванд, тавассути гузаронидани таҷрибаомӯзии расмӣ ва омӯзиш малакаҳои идоракуни тасавуроти амиқ пайдо менамоянд. Бинобар ин, пешниҳоди хадамоти шуғл оид ба бо ҷойи кор таъминкунӣ дар чорчӯбаи шарикии бахши хусусию давлатӣ ва мутобиқати тахассус бо талаботи ҷойи кор, инчунин, татбиқи барномаи ташкили ҷойҳои нави корӣ, ки ба талабот ва хусусиятҳои бозори меҳнат бояд мутобиқ бошад;

- таъмин намудани таълими сифатӣ дар омодагии касбӣ, ки бо иштироки ҷавонон таҳия шудааст, таҳсилоти иловагӣ ё мустақилона, ҳамзамон расонидани кӯмак ба ҷавонони бемаълумот дар пайдо намудан ва истифода кардани қобилият ва малакаҳои касбӣ, ки метавонанд рушди минбаъдаро барои бо кор таъмин шудани хеш, истифода баранд. Аз ҷумла, малакаҳои мушаххас барои ба шуғл фаро гирифтан дар як қатор соҳаҳо муҳим ҳисобида мешаванд; малакаҳои ибтидоии соҳибкорӣ, малакаҳои асосии идоракунии молиявӣ, дастрасӣ ба иттиллоот ва дониш, идоракунии онҳо, банақшагирӣ ва татбиқи лоиҳаҳо, баҳогузорӣ ва натиҷаи ниҳоӣ ва андозагирии онҳо;

- беҳтар намудани дастрасӣ ба маблағгузорӣ барои ташаббусҳои шуғли ҷавонон;

[176]Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2018. [Матн]: / Душанбе-2016.

- таъмини пурраи иштирок ва дастгирии шарикони институтсионалӣ, ба монанди шарикони дар Шабакаи шуғли ҷавонон иштироккунанда, инчунин, ниҳодҳои ҳукумат ва ташкилотҳои маҳаллӣ, ки нақши ҷавононро дар рушди ҳаёти ҷомеа дарк мекунанд, тадбирҳо, дастурҳо ва маҷмӯи воситаҳои кумакрасонии ҷавононро бо ҳукумат ва дигар шарикон таҳия намуда, татбиқи амалии онҳоро оид ба шуғли ҷавонон таҷдиди назар кунанд;

- иштироки ҷавонон дар раванди қабули қарорҳои сиёсати макроиқтисодӣ, алалхусус, дар самти шуғли ҷавонон, тавассути мустаҳкамнамоии шарикии тарафайн ва иштирок дар тарҳрезию татбиқи ҳамкориҳои минбаъда барои рушд ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ;

- фароҳам овардани дастрасии васеъ ба иттиллоот ва ҷалби ҷавонон ба раванди қабули қарорҳо, ки бевосита ба манфиатҳои онҳо таъсир мерасонад;

- диққати махсусро ба мушкилоти шуғли ҷавонон дар минтақаҳои гуногун, аз ҷумла, деҳот ва шаҳрҳо додан лозим[177];

- иттилоот дар бораи бозори меҳнат ва хизматрасониҳои бозори меҳнат барои ҷавонон;

- баланд бардоштани сифати тахассусӣ ва рақобатнокии ҷавонон, технологияҳои иҷтимоии баланд бардоштани роҳёфти касбӣ, омӯзиш ва бозомӯзии ҷавонон, роҳнамоии машваратӣ;

- ёрӣ расонидан дар масъалаи мусоидат ба шуғли ҷавонон;

- бунёди ҷойҳои кории нав, ташкил намудани шуғли муваққатӣ ва ҷалб намудан ба корҳои ҷамъиятӣ;

- дастгирӣ намудани худиштиғолии ҷавонон ва соҳибкории ҷавонон дар ҷомеа;

[177]Молодежь: пути к достойному труду Доклад VI: Содействие занятости молодежиь ответ на вызов [Текст]: / Шестой пункт повестки дня., Международное бюро труда Женева: Международная конференция труда, 93-я сессия -2005 г.- С.61.

- дастгирии моддӣ ҳангоми бекорӣ;

- ҳавасмандгардонӣ дар ҷустани ҷойи кор;

- омодагии психологӣ ва омӯзиши рафтор дар бозори меҳнат.

Ташкил намудани Барномаҳои нави хизматрасонӣ дар доираи қонуни мусоидат ба шуғли аҳолӣ ва бо шуғл таъминкунии хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ, ҷойҳои нави корӣ, пардохтани қарзи корфармоён, ки мутахассисони ҷавонро ба кор мегиранд, таъмини ёрии моддӣ ба онҳо, ки дар давоми таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ таҳсил мекунанд, ба зами он идрорпулие, ки ҳар сари моҳ ба донишҷӯён дода мешавад. Нуқтаи дигарро бояд ба назар гирифтан лозим аст, ҳар як муассисаи таҳсилоти касбӣ дорои роҳбаладӣ махсус бояд бошад, то ки дар роҳнамоии касбии хатмкунандагон кумак расонад. Диққатти ҷиддиро ба ҳаёти иҷтимоии мутахассисони ҷавон додан лозим аст, ки дар ташкилоту корхонаҳои ватанӣ ҳиссаи хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ бештар ба шуғл таъмин шаванд.

Натиҷаи таҳқиқоти сотсиологӣ нишон дод, ки мусоҳибон барои бо шуғл таъмин намудани шаҳрвандон технологияҳои гуногунро пешниҳод намуданд. Аз се як ҳиссаи онҳо (36,5%) ба он ақидаанд, ки зиёд кардани шумораи корхонаҳои истеҳсолӣ ва ташкилотҳо яке аз воситаҳои паст кардани сатҳи бекорӣ дар байни ҷавонон мебошад. Аз панҷ як ҳиссаи мусоҳибон – 19,4% технологияи ҳалли масъалаи бекории ҷавононро дар баланд бардоштани сатҳи дониши онҳо мебинанд. Ҳавасманд намудани ҷавононро 8,8%-и мусоҳибон интихоб намуданд. Ҳамзамон, 8,6%-и мусоҳибон чунин мешуморанд, ки сабаби ҷойи кор наёфтани ҷавонон музди меҳнати ночиз мебошад. Барои ҷалби бештари ҷавонон ба шуғл пешниҳод намуданд, ки музди меҳнат дар корхонаву ташкилотҳои ватанӣ баланд карда шавад. Инчунин, 6,9%-и мусоҳибон ба ин андешаанд, ки сифати таълим ба фаъолияти меҳнатии ҷавонон таъсир

мерасонад, бо ин сабаб беҳтар кардани сифати таълим ба паст рафтани сатҳи бекорӣ дар ҷомеа мусоидат хоҳад намуд. *(нигаред ба расми 5)*.

**Расми 5.**

**Чӣ бояд кард, ки ҷавонон ба ҷойи кор таъмин шаванд ?**

*(n=300, %)*




Ба ақидаи мо, як қатор технологияҳои иҷтиомиро метавон зикр кард, ки боиси бо шуғл таъмин шудани хатмкунадагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ дар бозори меҳнат хоҳад гардид:

- мутобиқати пурраи ҳаҷми муайяни дониш нисбат ба ихтисоси азхудкарда ва омодагии мутахассиси ҷавон дар бозори меҳнат;
- маҳорати хуби алоқаманд карда тавонистани донишҳои назариявӣ ба донишҳои амалӣ;
- мавҷуд будани малакаҳои мустақилона ҷустуҷӯйи донишҳои амиқ ва зарурӣ нисбати касби хеш;
- дар сатҳи минтақавӣ сарчашмаҳои мушаххаси иттиллоотӣ барои ҷавонон оид ба ҷойҳои холии корӣ, шароити кор, ҳифзи иҷимоӣ таҳия намудан;
- паҳн кардани маълумот дар ҷойҳое, ки ҷавонон бештари вақти худро сарф мекунанд ба монанди мактабҳо, донишгоҳҳо, агентиҳои шуғли аҳолӣ, клубҳо, марказҳои ҷавонон ва ғайра;

- дар доираи хидматҳои мавҷудаи системаи мушаххаси блокҳои иттиллоотиро барои ҷавонон бо назардошти хусусиятҳои маҳаллӣ ва нақшаҳои мушаххаси амалиёти шахсӣ таҳия намудан.

Технологияҳое, ки дар боло ба хотири ба шуғл фаро гирифтани мутахассисони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ва олии касбӣ пешниҳод гардиданд, усулҳои муосирест, ки барои бо шуғл таъмин намудани мутахассисони ҷавон дар бозори меҳнати кишвар пешниҳод мешаванд. Ба хотири бо шуғл таъмин намудани иддае аз хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ, илова ба омилҳои зикргардида аз технологияҳои иҷтимоии зерин метавон истифода бурд:

- мустаҳкам намудани муносибатҳои ҳамкорӣ бо ташкилоту корхонаҳое, ки донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти касбӣ дар он таҷрибаи истеҳсолӣ мегузаронанд ва баъди хатм ин корхонаҳо мутахассисони ҷавонро бо шуғл таъмин карда тавонанд;

- кумак расонидан ба мутахассиси ҷавон ҳангоми фаъолияти меҳнатӣ дар корхона ба хотири рақобатпазирии коргари худ дар бозори меҳнат;

- бояд тамоми муассисаҳои таҳсилоти касбӣ ҳангоми ташкили конференсияҳо, ярмаркаҳои ҷойҳои нави корӣ, ҷамъомадҳо, семинарҳои илмию амалӣ дар ҳалли мушкилоти шуғлмандии хатмкунандагон ва аъзоёни ҷамъият иштироки фаъол дошта бошанд.

Аз технологияҳои иҷтимоии болозикр дар кишварҳои хориҷа, махсусан, дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии шаҳри Тулаи Россия, марказҳои мусоидат ба шуғли ҷавонон ташкил карда шудааст, васеъ истифода мебаранд. Сомонаҳои махсуси интернетӣ амал мекунанд, ки онҳо ҳар лаҳза аз ҳолати бозори меҳнати ҷавонон ба муҳассилин иттилоот медиҳанд. Вазифаи чунин марказҳо аз инҳо иборат мебошанд:

- корбарии инфиродӣ бо донишҷӯён ва хатмкунандагон оид ба масъалаҳои роҳнамоии касбӣ, шуғл ва кори муваққатӣ;

- таҳлили бозори меҳнат ва ҳамкорӣ бо корфармоён;

- таъсис, нигоҳдорӣ ва навсозии бонки компютерҳои ҷойҳои холии кори барои хатмкунадагон;

- доимо бо маълумот таъмин намудани хатмкунандагон дар бораи ҷойҳои кории холии мавҷудбуда;

- ташкил ва ворид намудани базаи маълумот дар бораи донишҷӯёни хатмкунанда;

- иштирок дар презентатсияҳои мавзуҳои илмӣ ва дигар чорабиниҳо оид ба шуғли мутахассисони ҷавон;

- ҷамъоварии маълумот дар бораи натиҷаҳои кор оид ба шуғли хатмкунандагон;

- ташкили вохӯриҳо барои хатмкунандагон бо корфармоён;

- гузаронидани пурсиш дар байни донишҷӯён ва хатмкунандагон нисбат ба шуғли онҳо[178].

Маҳз чунин марказҳои муосир дар кишварҳои пешрафта, махсусан, мамлакатҳои Аврупо ба назар мерасад ва бозори меҳнат дар онҷо барои шуғлмандии хатмкунандагон мусоидат мекунад, ки он боиси баланд рафтани сатҳи зиндаги гаштааст. Андешидани чунин технологияҳои иҷтимоӣ ва барномаҳо метавонанд дар интихоби хуби ҷойи кор ва кам кардани бекории қисме аз мутахассисони ҷавон дар бозори меҳнат мусоидат кунанд.

Таҷрибаҳо гувоҳи онанд, ки хадамоти давлатии шуғли аҳолӣ, пеш аз ҳама, бояд ба дастгирии ҳифзи иҷтимоии гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ равона карда шавад.

Созмони Байналмилалии Меҳнат муайян кардааст, ки дар ҷаҳон аксарияти ҷавононе, ки дар ҷустуҷӯйи кор ва шуғл ба хадамоти шуғли аҳолӣ ва роҳнамоии касбӣ муроҷиат мекунанд, ҷавонони Аврупои Шарқӣ ва Осиёи Марказӣ мебошанд. Технологияи дигари ҷалби

[178]Содействие трудоустройству и адаптации к рынку труда студентов и выпускников учреждений профессионального образования Тульской области [Текст]: / сборник материалов II Региональной научно-практической конференции со всероссийским участием. Тула: Изд-во ТулГУ, -2015.- С.13- 14.

ҷавонон ба кор ва таъмин намудани онҳо ба шуғли доимӣ кумакпулӣ ба маоши ҳадди аққали музди меҳнат ба шумор меравад. Дар баробари ин метавонад афзоишро ба талаботи қувваи корӣ дар бозори меҳнат зиёд намуда, ба мутахассисони ҷавон кумак расонад. Бо сабаби ночиз будани музди меҳнат ба ҷавонон субсидияҳо (ёрии моддӣ) дода мешавад, ки ба мушкилии раванди меҳнат мусоидат намуда, гузариши мутахассисони ҷавонро аз фаъолияти таълимӣ ба фаъолияти меҳнатӣ ва коҳиши қувваи кориро дар бозори меҳнат кам кунад.

Дар ҳолати мавҷуд будани субсидияҳо ва истифодаи мақсадноки он ба шуғли ҷавонон таъсири мусбат мерасонад ва дар ҳалли мушкилоти бозори меҳнат, ки хатмкунандагни муассисаҳои таҳсилоти касбӣ ба он рӯ ба рӯ мегарданд, мусоидат менамояд, пешбинӣ шудааст. Ҳадафи ҷорӣ намудани субсидияҳои музди меҳнат ба хотири баланд бардоштани сатҳи шуғлмандии хатмкунандагни муассисаҳои таҳсилоти касбӣ ва ба манбаи муҳим табдил додани меҳнат аст.

Ҳалли мушкилоти шуғли ҷавонон дар асоси системаи маълумоти касбӣ, мутобиқи талаботи истеҳсолот, баланд бардоштани ҷойивазкунии қувваи корӣ ва истифодабарии самараноки онҳо, мукаммалгардонии қонунгузорӣ дар соҳаи муносибатҳои иҷтимоии меҳнат, мувофиқакунонии таъсири мутақобилаи мутахассисони ҷавон, хадамоти шуғл, корфармоён ва ташкилотҳои идоракунандаи минтақавӣ ба роҳ монда мешавад. Илова ба ин, мақсади стратегии давлат бартарӣ додан ба ҳимояи иҷтимоии аҳолӣ барои рушди устувор дар давраи бухронӣ равона гардад[179].

Дар кадом ҳолат мо метавонем барои ҷалби хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ ба шуғл ва кам кардани сатҳи камбизоатии онҳо ва талаботро афзун кардан ба қувваи корӣ ба муваффақият ноил

[179]Ротманова Н.В. Развитие предпринимательской активности в студенческом возрасте [Текст]: / Н.В. Ротманова // Социальные практики современной молодежи:поиск новых идентичностей : материалы Всероссийской науч.-практ. конф. с международным участием. Барнаул, 21–22 мая 2009 г. / отв. ред. С.Г. Максимова. – Барнаул : Изд-во Алт. ун-та, -2009. –С.181.

гардем? Кадом талаботи асосӣ барои бо шуғлтаъмин шудани ҷавонон ва хатмкунадагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ аввалиндараҷа аст?

Таҳқиқоти сотсиологӣ нишон дод, ки аз се як ҳиссаи мусоҳибон – 31,8% дар вақти интихоб ва ҷустуҷӯйи ҷойи кор бештар ба дараҷаи музди меҳнат аҳамият медиҳанд. Аз панҷ як ҳиссаи мусоҳибон – 20,3%, ки онҳо ҷавонон мебошанд, гирифтани таҷриба дар корхонаро талаботи асосӣ мешуморанд. Инчунин, 18,0%-и онҳо зикр намуданд, ки ҳангоми ҷустуҷӯйи ҷойи кор ба намуди фаъолияти корӣ таваҷҷуҳ зоҳир менамоянд, яъне мувофиқи касбу ҳунар ва ихтисоси худ кор ёфтан мехоҳанд. Имконияти рушди касбӣ ба 15,7% мусоҳибон муҳим буда, 14,0% дар интихоби кор бартариро дар нуфузи корхона мебинанд. *(нигаред ба расми 6)*.

**Расми 6.**

**Дар интихоби кор кадом талабот ба Шумо муҳим аст?**

*(n=300, %)*




Умуман, ҳангоми ҷустуҷӯйи кор мусоҳибон ба музди меҳнат диққат медиҳанд, зеро иддае аз хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ имконияти дар дохили ҷумҳурӣ кор пайдо карданро доранд, аммо бо сабаби маоши кам муҳоҷирати меҳнатии хориҷиро интихоб менамоянд.

Бо вуҷуди чунин мушкилот дар бозори меҳнати кишвар давлату ҳукумати Тоҷикистон кӯшиш карда истодааст, ки ҳамасола музди меҳнат ва дигар тадбирҳоро дар самти беҳбуд бахшидан ба ҳаёти шоистаи аҳолии кишвар роҳандозӣ намояд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ–Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» соли 2022 таъкид карда буданд, ки “Давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон ҳанӯз аз оғози соҳибистиқлолӣ пешрафти бомароми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа – ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, илму маориф, тандурустӣ ва фарҳангро яке аз самтҳои асоситарин ва афзалиятноки сиёсати худ қарор дода, барои расидан ба ин ҳадафҳо ҳамаи тадбирҳои заруриро амалӣ карда истодааст. Барои ҳамин, ҳамасола дар паёмҳои Президенти кишвар ба Маҷлиси Олӣ ҷиҳати баланд бардоштани музди меҳнат, зиёд кардани андозаи кумакпулии унвонии иҷтимоӣ, беҳтар намудани вазъи иҷтимоӣ маблағҳои гуногун ҷудо намуда, дар ин самт чораҷӯйи рафта истодааст”[180].

Созмони Байналмилалии Меҳнат дар асоси таҳқиқоти гузаронидаи худмуайян намуд, ки Барномаҳои фаъоли бозори меҳнат аз ҷиҳати иқтисодӣ ва стратегӣ дар шуғли хатмкунандагни муассисаҳои таҳсилоти касбӣ дар замомни кунунӣаҳамияти мусоидаткунанда доранд. Инчунин, ин Барномаҳо ҷиҳати барқарорсозии вазъи муътадил ва бартараф кардани маҳдудиятҳои иқтисодӣ ҳамчунин вазъи ногувори шадиди буҷаро ба низом медароранд.

Барномаҳои фаъоли бозори меҳнат дар самти сиёсати ҷавонон ва бозори меҳнат, метавонанд мушкилоти мутахассисони ҷавонро то дараҷаи лозимӣ осон гардонад. Аз ин рӯ, ворид шудани онҳо ба бозори меҳнат афзалиятҳои дигар низ дорад. Созмони Байналмилалии Меҳнат

---

[180]Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 23.12.2022 [Манбаи электронӣ].URL:http://www.president.tj/node/29823 (Санаи истифодабарӣ:23.01.2023).

дар асоси таҳқиқоти худ муайян намудааст, ки таъсири бозори меҳнат ба рушд, баробарии иҷтимоӣ ва ҳамгироии мутахассисони ҷавон мусоидати фаъол дорад. Дар баробари ин, дар аксари кишварҳои ҷаҳон мутахассисони ҷавон воситаи асосӣ ва баҳрабарандагони барномаҳои фаъоли бозори меҳнат ба ҳисоб меравад.

Барномаҳои фаъоли бозори меҳнат технологияи муҳими коҳиш додани бекорӣ ва афзун гардидани шуғли хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ аз бухронҳои гуногуни иҷтимоӣ мебошад. Сиёсати барномаҳои фаъоли бозори меҳнат яке аз омилҳои микроиқтисодӣ арзёбӣ карда мешавад. Тибқи нишодиҳандаҳои кишварҳои аъзои Ташкилоти ҳамкории иқтисодӣ ва рушд Барномаҳои фаъоли бозори меҳнат канали асосии барҳам задани бухрони шуғли гурӯҳҳои иҷтимоииаҳолӣ мебошад. Аксари ин гуна тадбирҳо, аз ҷумла, Барномаҳои фаъоли бозори меҳнат сабукӣ ва беҳбуд бахшидан ба гурӯҳҳои гуногуни ҷавонон, аз ҷумла хатмкунандагни муассисаҳои таҳсилоти касбӣ нигаронида шудаанд. Аз технологияҳои иҷтимоӣ бармеояд, ки кумакпулӣ, барномаҳои фаъоли бозори меҳнат ва баланд бардоштани ҳавасмандии корфармоён ҷиҳати ба шуғл таъмин намудани хатмкунандагон, бевосита чораҳои ташкили шуғли аҳолӣ дар ин самт мебошанд.

Хулоса, бо мақсади фаро гирифтани хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ ба шуғли доимӣ системаи тарҳрезишуда бояд ҷавобгӯи талабот ва мутобиқсозандаи ҷавонони ихтисосманд дар ин самт бошад. Дар радифи равандҳои ҷаҳонишавӣ ба таври самаранок тарҳсозии системаи шуғли мутахассисони ҷавон, тарзи ҳифзи иҷтимоӣ ва таъмини ҳуқуқҳои мутахассисони ҷавонро дигаргун сохта, кафолати онҳоро ба фаъолияти меҳнатӣ ба таври куллӣ тағйир медиҳад ва истифодаи қувваҳои кории ҷавонон раванди истеҳсолотро дар соҳаи иҷтимоӣ - иқтисодӣ суръат мебахшад. Ташкил намудани Барномаҳои

мукаммал ва мақсаднок дар ташаккул ва омодагии оқилонаи қувваҳои корӣ дар иқтисодиёт таъсири назаррас мегузорад. Таҳким бахшидан ба ҳамкории миёни ташкилоту корхонаҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ дар шароити кунунӣ, инчунин, миёни корфармоён ва қувваҳои корӣ тарҳи дигари муносиб дар ин раванд ба шумор меравад. Бинобар ин, ниҳодҳои ҳукумати ҷумҳуриро зарур аст, ки тамоми равандҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, меҳнатӣ ва таълимиро ба назар гирифта, дар таҳияи тадбиру чораҳо ва технологияҳои иҷтмоии ҳавасмандгардонии хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ ба шуғл омода бошанд.

# ХУЛОСА

Аз таҳқиқу омӯзиш ва таҳлили мавзуъ бармеояд, ки имрӯз дар назди ҷомеаи тоҷик мушкилоти муҳими бевосита ба ташаккули соҳаҳои ҳаёти ҷомеа, аз ҷумла сатҳи некуаҳволии аҳолии кишвар таъсиррасон – ин масъалаи шуғли мутахассисони ҷавон ба ҳисоб меравад. Дар баробари ин, раванди гузаштан ба муносибатҳои бозорӣ дар қиёс ба сохтор ва хусусиятҳои шуғлмандӣ нақши он дар рушди иқтисодиёти кишвар тағйир ёфтааст. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки солҳои охир ҳолати шуғли ҷавонон, аз ҷумла, як қисми хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ дар кишвар хеле нигаронкунанда аст ва ин ҳолат дар бозори меҳнат мушоҳида мешавад. Вобаста ба ин, аз натиҷаи таҳқиқоти илмӣ хулосаҳои зерин ба даст омад:

1.Шуғли аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба масъалаи мубрам табдил ёфта, доираи муайяни муносибатҳои иҷтимоиро дар бораи иштироки қишрҳои гуногуни аҳолӣ ба фаъолияти якҷояи меҳнатӣ дар бар мегирад. Дар шароити кунунӣ шуғли самаранок барои ҳар як шахс на танҳо манбаи асосии таъмини ҳаёти шоиста, инчунин сарчашмаи муҳими даромади иқтисодии оила ва рушди инкишофи инсон маҳсуб меёбад. Ҳолати бавуҷудомада дар кишвар ба сатҳи камбизоатӣ таъсири назаррас мерасонад ва боиси ба миён омадани шуғли ғайрирасмӣ гардидааст **[6 - М].**

2.Ташаккули бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷузъи асосии рушди тамоми соҳаҳои иқтисодию иҷтимоии мамлакатро ташкил дода, дар замони муосир ҷараёнҳои бо ҳам алоқаманди тамоми унсурҳои дохилии ҷомеаро дар бар мегирад, чунки баъди пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ кишварҳои собиқи он ба буҳрони иқтисодӣ ва сиёсӣ рӯ ба рӯ гардиданд. Дар Ҷумхурии Тоҷикистон ба амал омадани вазъияти ногувори сиёсиву иқтисодӣ ба муҳоҷирати меҳнатии аҳолӣ ва боло гардидани сатҳи бекорӣ сабаб гардид **[4 - М]; [5 - М]; [6 - М];**

3. Таҷрибаи кишварҳои рушдёфта нишон медиҳад, ки самаранокии иқтисодиёт ба он мамлакатҳое муяссар мегардад, ки ба бунёди ҷойҳои корӣ, инчунин, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, аз ҷумла, шуғли аҳолӣ ва дар ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ диққати аввалиндараҷа медиҳанд **[1 - M].**

4.Инкишофи бозори меҳнати ҷумҳурӣ дар шароити вазнини буҳронҳои иҷтимоию иқтисодӣ таҳти таъсири омилҳои демографӣ, яъне афзун гардидани аҳолии қобили меҳнат, муҳоҷир шудани як гурӯҳи мутахассисон, нарасидани ҷойҳои кории муносиб мушкилотро пеш овардааст. Хусусияти асосии бозори меҳнати ҷумҳурӣ нисбатан арзон будани қувваи корӣ маҳсуб ёфта, раванди муҳоҷиратро дар кишвар ба миён оварда, сабаби афзоиши шуғли ғайрирасмӣ гардидааст **[10 - M].**

5.Натиҷаи таҳқиқоти сотсиологӣ собит намуд, ки 32,4% мусоҳибон барои ёфтани ҷойи кори сатҳи баланди дониш, 24,0% фаъолияти худи шахс, 20,4% доштани алоқа ва шиносҳо, 14,4% таҷрибаи корӣ, 4% нуфузи донишгоҳи хатмкарда ва 3,4% сифатҳои худи шахсро муҳим шуморидаанд. Омили дигари муҳимро дар интихоби кор 31,8% мусоҳибон дар дараҷаи музди меҳнат нишон додаанд **[4 - M];**

6.Таҷрибаи Иттиҳоди Шӯравӣ ва баъзе аз кишварҳои Иттиҳоди Аврупо нишон дод, ки масъалаҳои бо шуғлтаъминкунии мутахассисони ҷавон талаботи муосири ҷомеа буда, дар ин самт ниҳодҳои дахлдор истифодаи пурраи захираҳои меҳнатиро баҳри рушди хоҷагии кишвар ба роҳ монанд. Шуғли мутахассисони ҷавон дар кишварҳои Аврупо дар ҳамкорӣ бо шуроҳои махсус ташкил гардида, ба хотири сиёсати ҷавонон ва иштироки онҳо дар ҳаёти ҷамъиятию сиёсии Аврупо амалӣ гардида, барномаҳои фаъоли бозори меҳнат барои машваратдиҳии касбӣ ва таҳсилот, роҳнамоии касбӣ таҳия ва қабул гаштаанд **[10 - M].**

7.Хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии кишвар дар натиҷаи тағйироти сохтори ҷомеа, новобаста ба он, ки дар ҷумҳурӣ баҳри сиёсати ҷавонон чораҳои дахлдор ва қонуну қарорҳои

давлатӣ қабул шудааст, қисми онҳо ҳангоми ҷустуҷӯйи кор бо мушкилот рӯ ба рӯ мегарданд **[10 - М]; [4 - М];**

8.Дар бозори меҳнат новобаста ба мавҷудияти бузурги захираҳои меҳнатӣ ҳоло ҳам нарасидани мутахассисони баландихтисос ҳис карда мешавад, чунки иддае аз хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбии ҷумҳурӣ ба талаботи бозори меҳнат ҷавобгӯ нестанд. Бештари хатмкунандагони таҳсилоти ҳамагонӣ майл ба ихтисосҳое доранд, ки нуфузи онҳо дар ҷомеа баланд буда, ба хоҳишу талаботи онҳо мувофиқ меояд ва талаботи онҳоро қонеъ гардонида метавонад **[8 - М];**

9.Мушкилоти дигаре, ки дар кишварҳои ҷаҳон, аз ҷумла, Ҷумҳурии Тоҷикистон вуҷуд дорад, масъалаи бозори меҳнати шахсони имконияти маҳдуддошта аст. Дар замони муосир технологияи ба эътидол овардани ин вазъият дар бозори меҳнат системаи квотаҳои ҷойи корӣ барои ин қишри ҷомеа ба шумор меравад. Теъдоде аз роҳбарони ташкилоту корхонаҳои ватанӣ ба ин масъала таваҷҷуҳи кам зоҳир менамоянд. Дар кишварҳои хориҷа доир ба ин масъала системаи қонунгзориҳо, инчунин, ташаббусҳои байналмилалии Ташкилоти ҷаҳонӣ баҳри баробарии маъюбон ва дастгирии онҳо қабул гардидааст **[6 - М];**

10.Бо мақсади фаро гирифтани хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ ба шуғли доимӣ системаи тарҳрезишуда бояд ҷавобгӯи талабот ва мутобиқсозандаи ҷавонон дар ин самт бошад. Ба таври самаранок тарҳсозии системаи шуғли мутахассисони ҷавон ва истифодаи технологияҳои иҷтимоӣ таъмини ҳуқуқҳои мутахассисони ҷавонро дигаргун сохта, кафолати онҳоро ба фаъолияти меҳнатӣ тағйир медиҳад ва истифодаи қувваҳои кории ҷавон раванди истеҳсолотро дар соҳаи иҷтимоӣ - иқтисодӣ суръат мебахшад **[3 - М];**

**Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот**

Дар асоси таҳлил ва хулосаҳои баровардашуда оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо тавсияҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:

1.Ба хотири бартараф намудани мушкилоти шуғли аҳолӣ, аз ҷумла, як қисми хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ, қабл аз ҳама, омилҳои ин масъаларо бояд муайян кард. Барои ба иҷро расонидани ин амал ба таҳқиқоти мушаххаси сотсиологӣ такя бояд кард.

2.Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин, ташкилоту корхонаҳо, бояд барномаи махсусеро таҳия намоянд, ки таносуби хатмкунандагон ва ташкили ҷойҳои кориро ба инобат гирад.

3.Муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ, ташкилоту корхонаҳо дар мувофиқа бо Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон касбу ихтисосҳоеро бештар ба роҳ монанд, ки ба талаботи истеҳсолии иқтисодиёти ҷумҳурӣ мувофиқ бошад. Ба ин васила соҳаҳои гуногуни истеҳсолот пеш рафта, аз як тараф хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ ба шуғл таъмин мегарданд, аз тарафи дигар, муҳоҷирати дохилӣ ва берунӣ коҳиш меёбад.

4.Бастани шартномаи устувор миёни ташкилоту корхонаҳо бо муассисаҳои таҳсилоти касбии кишвар, ба ин васила корхонаҳо бо мутахассисони касбӣ таъмин шуда, онҳо бо шуғл фаро гирифта мешаванд, ҳамзамон ба самаранокии фаъолияти корхонаҳо мусоидат менамояд.

5.Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолро дар ҳамоҳангӣ бо Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон мебояд таҷрибаи давлатҳои хориҷиро омӯхта, барномаи мушаххаси миёнамуҳлат ва дарозмуҳлати ба шуғл таъминкунии хатмкунандагонро вобаста ба равандҳои иқтисодӣ ва хусусиятҳои он таҳия намоянд. Чунин нақша-чорабиниҳо дар самти шуғли мутахассисони ҷавон, дар бозори меҳнат мусоидат намуда, боиси кам шудани шумораи ҷавонони бекор мегардад.

6.Шарикон ва корхонаву ташкилоти корфарморо ҳавасманд гардонидан лозим аст, ки системаи махсуси барқарорсозии таълимӣ ва

касбии шуғли шахсони дорои маъюбиро бо дастгирии Хадамоти давлатии шуғл таъсис диҳанд. Корхонаҳоро мебояд бо таҷҳизоти зарурӣ ва махсус, инчунин, бо стандартҳои бехатарӣ мувофиқ сохта, ба маъюбон шароити иловагиро муҳайё созанд. Хадамоти давлатии шуғлро зарур аст, ки корфармоёнро барои ҷалби шахсони дорои маъюбӣ ба шуғли муваққатӣ ва доимӣ сафарбар намоянд. Корфармоён бо коҳиши андоз ва пардохти кумакҳо барои сармоягузорӣ ва таълими касбии шахсони дорои маъюбӣ чораҳо андешанд.

7.Бештар намудани имконияти таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ барои хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ дар корхонаву ширкатҳои ватанӣ, таҷҳизонидани муассисаҳои таҳсилоти касбӣ бо техникаю технологияҳои муосир, кушодани кабинетҳои фаннӣ, лабораторияҳои замонавӣ ва таъсис додани сомонаи бозори ҷойҳои корӣ барои хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ.

8.Ба эътибор гирифтани ташкили ҷойҳои нави корӣ вобаста ба шумораи қабул ва хатми донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти касбӣ. Мутобиқати байни суръати баланди афзоиши табиии аҳолӣ нисбат ба ташкили ҷойҳои корӣ, андешидани чораҳои фаъол ҷиҳати ҷойгир кардани маъюбон дар корхонаҳои кишвар ва баланд бардоштани сатҳи огоҳии мутахассисони ҷавон дар алоқа бо тақозои бозори меҳнат.

9.Паст кардани арзиши молу маҳсулоти талаботи аввалиндараҷаи аҳолӣ ва хизматрасониҳо баҳри ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, таъмини дастрасии таълим ва кумак расонидан ба хатмкунандагон ҳангоми хатми муассисаҳои таҳсилоти касбӣ. Дар робита ба ин, иштироки намояндагон ва роҳбарони ташкилоту корхонаҳо дар ҷараёни таҷрибаомӯзӣ ва имтиҳонҳои хатми донишҷӯён. Ин омил низ метавонад яке аз технологияҳои иҷтимоии интихоби ҷавонони лаёқатманд ва ҷалби онҳо ба шуғл гардад.

10.Бештар намудани Барномаҳои фаъоли бозори меҳнат дар коҳиши бекорӣ ва зиёд гардидани шуғли мутахассисони ҷавон мусоидат менамояд, чунки ин Барномаҳо технологияи асосии барҳам задани буҳронҳои шуғл маҳсуб ёфта, дар беҳбуд бахшидани вазъи мутахассисони ҷавон дар бозори меҳнат нигаронида мешавад.

11.Барномаҳое тасдиқ ва мавриди омӯзиш бояд қарор дода шаванд, ки ҷавонони бекор ва дурмондаро ба таълим фаро гиранд. Дар назди Хадамоти давлатии меҳнат ва шуғли аҳолӣ шуъбаи махсус таъсис дода шавад, ки ҳамасола шумораи хатмкунандагоне, ки муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбиро хатм мекунанд дар кадом вазъият қарор доштани онҳоро пайгирӣ намояд.

# РӮЙХАТИ АДАБИЁТ

## 1.Рӯйхати адабиёти истифодашуда

### Санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ

[1]. Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 [Матн] / Бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри соли 2016, № 678 тасдиқ шудааст.- 68 с.

[2]. Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2018 [Матн] //Душанбе-.2016.

[3]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ" [Матн] / (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2003, №8, мод.467; соли 2005, №12, мод. 650; соли 2007, №7, мод. 687; соли 2008, №12, қисми 2, мод.; ҚонуниҶТ аз 28.06.11с.,№724) - Душанбе – 2003.

[4]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон" № 675. [Матн] / Душанбе, 29 декабри соли 2010.

[5]. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 [Матн] / Душанбе. – 2016. – 103 с.

[6]. Таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ [Матн] / Санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон).Қисми 1-Душанбе -2008. – 252 с.

### Захираҳои электронӣ:

[7]. Барномаи миллии тавонбахшии маъюбон барои солҳои 2017-2020.(Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 октябри соли 2016, №455 тасдиқ шудааст) [манбаи электронӣ]. URL: http://ahia.tj/index.php/tj/2017-01-26-11-44-42/2017-2020 (санаи истифодабарӣ:11.05.2021).

[8]. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ»

аз 23.12.2022 [манбаи электронӣ] URL:http://www.prezident.tj/node/29823 (санаи истифодабарӣ:16.10.2023).

[9]. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 23.12.2022 [манбаи электронӣ]. URL:http://www.president.tj/node/29823 (санаи истифодабарӣ:23.01.2023).

[10]. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23.04.2014 // [манбаи электронӣ]. URL: http://www.president.tj/node/6598 (санаи истифодабарӣ:23.02.2023).

[11]. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.12.2018 [манбаи электронӣ]. URL: http://www.president.tj/node/19088 (санаи истифодабарӣ:23.01.2015).

[12]. Справочник молодого специалиста. Сам себе эксперт [электронный ресурс]. URL: http://www.vgak.by/images/documents/Spravochnik_molodogo_spetsialista_Sam_sebe_expe.pdf (дата обращения:04.11.2021).

[13]. Что означает квотируемое рабочее место [электронный ресурс].URL: https://assistentus.ru/trudovoe-pravo/kvotiruemoe-rabochee-mesto (дата обращения:11.05.2021).

[14]. Employment for Disabled People social obligation or individual responsibility? Patricia Thornton and Neil Lunt. [electronic resource].URL:https://www.york.ac.uk/inst/spru/research/pdf/obligation.pdf (date of the application:01.06.2021).

**Монографияҳо, китобҳои дарсӣ ва васоити таълимӣ:**

